РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА

ШЕЪР ВА ДОНИШ

РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА

ШЕЪР ВА ДОНИШ

Душанбе
2017

ББК 84 Тоҷик 7-5
В-31

Муҳаррир Низом Қосим
Муқарриз Профессор Аламхон Кӯчаров

В-31 Рустам Ваҳҳобзода. Шеър ва дониш (рисолаи илмӣ-омӯзишӣ)**.** – Душанбе, “Адиб”, 2017, 188 с.

Ин рисола ба тадқиқу баррасии илмию назарии муҳимтарин масъалаҳои каломи бадеъ, шеър ва шеършиносӣ, ба вижа таносуби маърифати бадеӣ ва илмӣ, ихтисос ёфтааст.

Бо салоҳдиди мутахассисон аз он метавон чун дастури таълимӣ дар дарсҳои назарияи адабиёт, шеършиносӣ ва машғулиятҳои маҳфили адабӣ кор гирифт. Ҳамчунин мутолиаи он барои доираи васеъи хонандагон, аҳли адаб ва адабиётдӯстон беманфиат нахоҳад буд.

ISBN978-99947-2-501-4

с Нашриёти “Адиб”, 2017

ТАДҒИҚЕ АМИҚ ДАР ДОНИШИ ШЕЪР

Адабиёти бадеї ва бадеияти адабиёт, чун сабабу натиља, њамеша думболи њам ва дар њаму бо њам будаанд. Табиист, ки агар адабиёти бадеї маводи бадеияти адабиёт буда бошад, басо низ бадеияти адабиёт оинаи њусннамову ќубњнамои адабиёти бадеї ва боиси тањриру такмил ва бењдошту бењбуди он шудааст.

Аз рўзе, ки адабиёти бадеї изњори њастї намуда, изњори назар оид ба он ва муњокимаву баррасиаш низ ба миён омадааст. Ин њодиса, бахусус дар таърихи тољикон, ки зотан халлоќи лафзу маънианд, равшан мушоњида мешавад. Имрўз мо аз њазору чанд соли адабиётамон бо далоилу амсол огоњем ва таќрибан аз њамон замонњо далелу мисолњои баррасии онро њам дорем. Ин кор, яъне таърифу танќиди осори бадеї, асосан бо се роњ то ба мо расидааст. Аввалан, назардињиву бањомонї аксаран мухтасару ба нудрат муфассалтар – дар тазкираву баёзњо (аз «Лубоб-ул-албоб»-и Муњаммад Авфї (асри 12) то «Намунаи адабиёти тољик»-и Садриддин Айнї (асри 20), сониян дар осори бадеии дастандаркорони ин коргоњ, яъне худи адибон (аз устод Рўдакї то муосиршоирони огоњу закї) ва билохира ба тафсилу тавсеъ дар асарњои хосу њирфавии назарияву наќди адабиёт (аз «Тарљумон-ул-балоѓа»-и Родуёнї то «Санъати сухан»-и Зењнї ва «Назарияи адабиёт»-и Раҳими Мусулмониёну «Такмилаи бадеъи форсии тољикї»-и Абдунабї Сатторзода).

Нуқтаи пайванде, ки ин њама осорро ба њам меорад, мушаххасу муайян намудани аслу зот ва њадафу маќоми адабиёти бадеї, унсуру омилњои асолати он, њусну ќубњи асарњои бадеї – аз сатру байт то шеъру достон, тарбияи завќи бадеии хонандаи мушаххас ва дар маљмўъ нигоњ доштани ченаку меъёрњое, ки эљоди бадеиро њам лаз-

затбахши маънавии мардум месозад, њам раҳнамуну њадафнамои иљтимоии љомеа.

Оре, дар ин кори заруру муњим аз ќадим њам адабиётшиносону ноќидон, ки манзурашон бар танќурсии назария устувор дидани осори бадеї буд ва њам худи адибон – бо назардињињои амалии завќї бар офаридаҳояшон – ин назарияро рўњу равон мебахшиданд.

Дар ин миён будаанд нодир нафароне, ки њам лаъл доштанду њам Бадахшон. Яъне, њам худ муаллифи офаридањои хуби адабї будаанду њам тамйиздиҳандаву чошнигири баландзавќи њусну ќубњи гуворотарин ѓизои маънавие, ки инсон офаридааст – осори воќеии адабиёти бадеї.

Рустам Вањњобзода аз ин зумра аст. Солњост, ки ба сифати шоири хуби ашъори ѓиноиву иљтимої њам мешиносемашу чун адабиётшиносе низ, ки бориктарин маънињои асарњои бадеиро дарку пешниҳод мекунад, ба сифати муњаррири бисёр хушсаводу масъулиятшинос њам манзур асту ба њайси устоди бањайсияти донишгоњї ва дастгиру дилсўзи адибони љавон њам. Адибе воќеист ў, ки бо шеъру адабиётшиносї мањдуд нашуда, тарљума њам мекунад, бо танњияи намунањои љолиби адабиёт низ шуѓл меварзад, ба инъикоси масъалањои иљтимоии љомеа огоњонаву њирфаї даст мезанаду даст меёбад, бахусус дар баррасии масъалаву мушкилањое, ки ба забону адабиёт, таъриху фарњанг, њувияти миллї вобастаанд, њассосу фаъол аст, аз тариќи шабакањои иљтимоии Интернет, ки аксаран минбари безавќиву њангомахоњиву худнамоист, осори хушсатњу барои аҳли љомеа зарурiро манзуру тарѓиб мекунад ва њадафаш аз ин њама фаъолиятњои пурзањмату пуразиш сањме гузоштан дар боз намудану манзури њамагон кардани асрору муаммоњои суханофариної, бозгўи вазифаву масъулияти аҳли сухан ва тарбияи завќу саликаи омма, бахусус љавонон, аст.

Китоби нави Рустам Ваҳҳобзода – «Шеър ва дониш» ҳар хонандаи огоҳу хушзавќро дар ин бовар устувортар мекунад. Он аз маќолаҳо ва суҳбату гузоришҳое иборат аст, ки ќаблан аз тариќи нашрияҳо ва маҳфилҳои адабї манзури хонандагону шунавандагон шуда буданд ва, инак, таҳрирхўрдаву такмилёфта маҷмўан бањам омадаанд. Муаллиф маќсадашро фурўтанона чунин изҳор кардааст, ки «шоирони ҷавони мо, ки аксаран дар ќайди пиндорҳои иштибоњї дар мавриди кори шоирї мондаанд, мутмаин шаванд, ки шоирї ҳам зањмату дониш мехоҳад» ва барҳаќ зикр мекунад, ки «омўзишро барои шоир нанги ҳунару истеъдод надонанд».

Дар маҷмўъ огоҳиву донише, ки ин китоб дар бораи умуман суханварї ва аз ҷумла алифбои шеъру шоирї медиҳад, бисёр дархур аст, чунки асоснок, бо далелу исбот ва забону баёни дастрасу маќбул пешниҳод шудааст. Он натанҳо гирифтаҳои бунёдиеро ба хотири хонанда меорад, балки таҳлилу баррасиҳои ҷолиберо дар он замина манзур менамояд, ки бардошту мушоҳидаҳои ногу тозаи муаллифанд ва хоси ќалами ў – ҳадафманду мафҳуму латиф баён ёфтаанд.

Унвони китоб басо барҷову ҳадафманд гузошта шудааст, ба ин маънист, ки маншаъ ва маќсади таҳќиќот ҳамон ду иштибоҳест, ки дар ҷомеа равнаќ доранд: агар гурўҳе – асосан шоирони хасакии бебунёду бедониш бигўянд, ки «шеър бо дониш ҳеҷ иртибот надорад», ҷамъи дигар «шеърро айни илму дониш» мешуморанд. Муаллиф бо тааммулу таҳаммул, муҳокимаву таҳлилҳои амиќу даќиќ ва мисолу намунаҳои ќотеъ тафовути ин дуро мешиносонад ва ҳамзамон бо он ки роҳии ҷодаи суханвариро ба илму дониши зарур талќин мекунад, хонандаро ба шинохти сухани боперояву асили бадеї вомедорад.

«Шеър ва дониш» аз он љињат њам бисёр сариваќтиву муњим ба назар мерасад, ки мухотабаш наврасону љавононанд. Лекин доираи фарогирї ва нуфузи он њаргиз бо иннњо маљдуд намешавад ва, бешубња, барои њама алоќамандон, бахусус шоирону адабиётшиносон, мунаќќидони наврош, бисёр муфиду судманд хоњад буд. Мулоњизањои муаллиф оид ба шеъри ноб, илњому дониши шоир, унсурњои муњими шеър – вазну ќофияву радиф ва санъатњои бадеї, навъњои шеър, иртиботу таносуби њаќиќати зиндагиву инъикоси бадеї, пайванди шеъру наќќошї ва шеъру мусиќї, самимияту табиият ва такаллуфу тасаннуъ дар шеър натанњо љолибу љаззоб, балки сафња ба сафњаву сатр ба сатр баёдгирифтаниву корбасткарданианд.

Рустам Вањњобзода бо њисси аёни ифтихор дар бораи шеъру шоирии тољик хома меронад, бо далел аз офаридаву хоси миллати мо будани шаклу ќолабњои гуногуни сухани мавзун мегўяд. Дар бораи арўзи маљз тољикї ќаблан низ мулоњизањо баён шуда буданд, аз љумла аллома Айнї љињати таъйиду исботи арўзи тољикї рисолае навиштанї буд, суханшиноси бузург Зењнї дар хусуси он ишорањое дорад, шоиру донишвари номдори муосири Эрон Шафеии Кадканї назарияи «ваљдати шаклро, ки зодаи ќофияњост» сахт танќид карда, барњаќ менависад, ки «Ин хусусияти аз њад ќофияпарастї аз араб ба мо ба таври мерос омада, хусусияти табиии муњити зиндагонии арабист».

Вале «Шеър ва дониш» дар ин амал амиќтар рафта, андешањои амалї баён кардааст, аз љумла оид ба нозарурияти риояи ќофиябандии калимањое, ки њарфњои равиашон дар арабї шаклњои мухталифи навишту гуфт доранд, вале дар тољикї яксону якоњанг талаффуз мешаванд. Зимни мулоњизањои зиндаву пойдори Айниву Зењнї оид ба арўзи хоси тољикї ва пофшориљои

мутаассибонаи бунёдгароёни ќофияи арабї чунин пешниҳод боз ҳам тоза, патриотї, љасурона ва сазовори муњокимаву ќабули хотирҳост.

Бешак, ќофияи ҳунармандона ҳусни шеър аст, аз ќавли Маяковскийи бузург дар рисолачаи «Чи тавр шеър бояд сохт», ҳатто дар сохтори умумии шеър наќши муњим дорад, «шуморо ба мисраи пешин бармегардонад, вомедорад, ки онро ба ёд биёред, вомедорад, ки ҳамаи мисраъҳоии ҳовии як андеша бањам бошанд». Аммо ҳолатҳое низ бисёр ба бор меорад, ки шоир барљо хитоб мекунад: «Ман аз ин ќофияпардозињо бисёр дилгирам!» (албатта, бояд дар назар дошт, ки мољарои «ќофияпардозон» аз бањси истилоҳи «ќофия» бамаротиб бартар аст). Ва дар ин ҳолат бењтарини корҳо ба ифроту тафрит роҳ надодан асту бас, ки муаллифи «Шеър ва дониш» талќин мекунаду бо мисолҳои дурахшони ќофия аз устод Рўдакї, Ҳаким Носири Хусрав, Шайх Саъдї, Хољa Ҳофиз, Хољa Камол, Мирзо Бедил ба исбот мерасонад. Аз ќавли устод Зењнї, «Барои назми сухан бояд шоир дар пайи ќофияљўї наравад, балки ќофия дар ҳини љараёни сухан ба таври табиї рост ояд».

Мулоҳизаҳои муњаќќиќ дар бораи шеъри нав низ бо ҳамин рўҳияанд. Заминаҳои шеъри навро таҳќиќ карда, барҳаќ ба хулосае мерасад, ки нахустнамунаҳои он дар адабиёти китобї ва эљодиёти шифоҳии халќамон мављуданд ва корбасти огоҳонаи онҳо ҳамроҳ бо шароити нави сиёсиву иљтимої, ки зарбу оҳангҳои тоза талаб мекард, барои устод Айнї имкони офаридани шеъри воќеан навро фароҳам овард. Дар китоб, бо зикри замони эљод ва аёнияти тозакориҳо дар шеърҳои «Марши ҳуррият» ва «Афсона» ва эҳтимолияти аёни огоҳии Нимо Юшиҷ аз нахустшеъри нави Тољикистон (бар асоси мулоҳизаҳои худаш оид ба шеъри муосири тољик)

афзалияти бунёдгузории шеъри нави форсии тољикї ба устод Айнї дода шудааст, ки айни њаќиќату адолат аст.

Муаллифи «Шеър ва дониш» барњаќ менависад, ки баъдан, дар асоси заминањои зикршуда ва низ тарљумањои озоди назми љањон, намунањои барљастаи шеъри нави Тољикистон ба вуљуд омаданд ва батадриљ дар ин ќолаб тозагии мазмун тозагии шаклро иваз кард, ки асли њадафи «шеъри нав» мебошад.

Як сифати барљастаи рисола ањаммияти амалии он аст. Албатта, тадќиќу тањќиќи илмї бе назария нахоњад буд, вале назарияи ин китоб бар амалияи подоре устувор аст, ки онро бо воќеияти имрўзаи адабии мо ва ниёзњои маънавии љомеа пайванди ногусастанї мединад.

Як нукта бебањс аст, ки чуноне дар зиндагї аз азал ва то абад сафеду сиёњ, хубу нохуб пањлўи њаманд, дар адабиёт баландзавќию безавќї, эљозкорию бењудакорї, нодирагуфторию њазённависї њамзисту тавъаманд. Шамси Ќайси Розї ќариб њашт садсола ќабл дар асари бунёдии адабиётшиносиву мунаќќидиаш «Ал-муљам…» «барои шеър адавоту барои шоир муќаддамот» муќаррар намуда, батафсил он њама чизеро, ки барои иншои шеъри нобу зуњури шоири асил заруранд, шарњ дода буд. Аз љумла, «пеш аз он ки дар назм сар мекунаду ба даъвои шоирї миён мебандад, аввалан мухтасаре илми арўзу ќофияро бихонад, то ки аз бањрњои асливу ихтироъшуда воќиф шавад, вазнњои хушро аз нохуш фарќ кунад, ќисми равою норавои азонњифрою ќисми сањењи абётро аз саќими он шиносад, ќофияњои аслиро аз маъмул имтиёз кунад; пас он гоњ сармояи нек аз гуфтањои дилкашу санъаткоронаи устодони ин санъату покизагўёни ин фан ба даст орад, ќитъањои дурусттаркиб, ширинлафзу латифмаъно, некўматлаъу писандидамаќтаъ ва ширинтахаллусро аз девонњои машњуру маъруф ва ашъори ширину шоёни ис-

тењсон дар фанњои гуногуну анвои људогона тамом ёд гирад…»

Инњо њама меъёр, њатто љо-љо алифбои шеъру шоирианд, аммо имрўз кўча-кўчаву бозор-бозор шоирмаобон пайдо шудаанд, ки «ба даъвои шоирї миён бастаанд», вале ягон аз ин муќарраротро намедонанду ягон фарзашро ба љо намеоранд. Графоманї (ќуллаи шоиртарошї) ба ављи безавќї пањлў мезанаду њазён ба дараљаи хандасору гиряовар расидааст. Меъёрнашносї, бењуданависї, харобии вазну ќофияву мантиќу таносуб, њашви фаровони ќабењ ба як њодисаи муќаррарї табдил ёфтааст. Мисолњои фаровони чунин њолатњо дар таќризњои зиёд ба навиштањои аъзои ноќобили Иттифоќи нависандагони Тољикистон дарљанд.

Боз њам аз ќавли Шамси Ќайс, «масхарабозон бо калимањои бемаъниву паст дар баъзе маљолис чандон хурсандї дар мардум пайдо мекунанд, ки бисёр ќавлњои бадеъу таронањои латиф наметавонанд».

Бадтар он аст, ки ањли адаб, аз љумла бисёр шоирони соњибзавќу соњибном низ хомўшиву дар баробари ин «гурўњи нотавону даѓал» (ибораи Нодири Нодирпур) бетарафї ихтиёр кардаанд ё њатто ба оташи безавќию харобкории сухан доман мезананд. Натиљаи њамин «хизмати хирсона» ва, албатта, ќаблан бисёр беасос «ба њаќќи худ бисёр некбин» (устод Айнї) будани худи он ќаламфарсоён аст, ки «њар кас ќасидае чанд каж-маж ёд гирифт, аз ду-се девон чанд ќасида дар мутолиа овард, ба шоирї сар бармеоварад, аз муљарради назми орї аз покизагии алфозу таќриби маонї худро шоир мепиндорад ва чун љоњиле шефтаи табъи хешу муътаќиди шеъри хеш шуд, ба њељ ваљњ аз он эътиќод бознатвон овард ва айби шеъри ў бо ў таќрир натвон кард. Њосили иршоду насињати ў љуз он набошад, ки аз гўянда биранљад ва сухани ўро бањонаи бухлу нишони њасади ў шуморад» (Шамси Ќайси Розї).

Бубинед, ки ин мушкила байни њашт ќарн чї пайванде ногусастанї мезанад: «Мутаассифона, имрўзњо љилд-љилд китобњо ба њамин сабку равиш чоп мешаванд. Чун ин љараён аз дербоз ба завќи адабии љомеа осеби шадид расондааст, наќду баррасии воќеъбинона ва одилонаи чунин навиштањо њам табдил ба як кори љанљолї шудааст» (Рустам Вањњобзода).

Вале муаллифи рисолаи «Шеър ва дониш», чун яке аз масъулони Иттифоќи нависандагони Тољикистон, бањри пешгирии «вабо дар адабиёт» (бахусус, дар шеър) дониставу фаъолонаву муассир кор мекунад ва рисолаи мавриди назараш љузъи муњиме аз корњои ўст. «Заъф ва мањдудияти баён дар шеър, – омадааст дар он, – натанњо боиси норавонї ва нуќс дар назм мегардад, балки бадтар он аст, ки хонанда ба мањзи эњсоси он ки шоир ба душворї сухани худро сару сомон медињад, табъан нисбат ба шеър беэътино мешавад».

Рустам Вањњобзода ба такрору бо исрор дар бораи сањми хонанда дар раванди фањму ќабулу тарѓиби шеър мегўяд, ки барљост. Ў донишро натанњо барои гўяндаи шеър, балки барои хонандаи шеър низ њатмї медонад ва яке аз њадафњои ин рисолааш низ тарбияти завќи хонанда, бахусус хонандаи шеър аст. Мањз хонандаи фаъоли бо дониши кофии китобиву зиндагї мусаллањ метавонад неку бади адабиётро бишносад, ба умќи тасвиру маънињои шеъри њаќиќї бирасад, онњоро эњсос бинамояд, бифањмад, истиќболу интишор бикунад. Хонандаи огоњ дар ин раванд аз гўяндаи шеър њам дуртар меравад, чизњоеро эњсосу дарк мекунад, ки шоир, ба умеди сањми хонанда ё хонандаи сањим, онњоро фурўгузор кардааст. Аммо, тавре барњаќ дар рисола зикр шудааст, муњим аст, ки «…дар ин сањм додан ба хонанда муболиѓа роњ наёбад, яъне маънову тасвир то њадди лозими дарку њис сохтаву гудохта бошанд». Аслан масъалагузорие чунин худ ба худ

бисёр љолиб аст, дарвоќеъ «сањм гирифтани хонанда дар кашфи асари њунарї лаззати маънавию эстетикї ва њамзамон эътимоди ўро ба асари бадеъ дучандон мекунад» ва умед њаст, ки чунин тањлилњои маънавї дар адабиётшиносии мо бештару густурдатар бошанд.

«Шеър ва дониш» – сазовори унвонаш – аз як љониб тарѓибу ташвиќи адибон, бахусус шоирони љавон, ба донишомўзист, аз тарафи дигар пешнињоду тањлили беҳтарин порањои шеър. Тарѓиби дониш аз љониби муаллиф дар аксари мавридњо ба њадди руљўъу ниёишњои самимонаи як устоди дилсўзи шоирони љавон расидаасту тањлилњои ашъор ба муаррифиномањои бисёр барљастаи як шогирди арзандаи шеъри бузургон. Яъне, донишманди воќеан шоир ва шоири воќеан донишманд дар ин китоб ба њарду њадафи барномавиаш њам расидааст. Дар иншои рисолае мухтасар аз садучанд манбаи илмї – таълифоти њирфавии олимони Тољикистон, Эрон, Афѓонистон, Њиндустон, Русия, Шўравї ва беш аз сї куллиёту девону маљмўаи ашъори шоирони ин кишварњо истифода намудан худ далели њадафмандию фарохназарї ва зањматписандиву масъулиятшиносии ибратомўзи нависанда аст. Ва сифоти барљастаи ин рисола, тавре ки худи муаллиф гуфтааст ва хонанда аён дармеёбад, «сарфи назар аз зоњири назарї љанбаи мустаќими амалї» доштани он аст.

Низом Қосим

ПЕШГУФТОР

Муҳтавои ин рисола қисмате аз гузоришҳо ва суҳбатҳои мусаннифро дар ҳузури аъзои маҳфили адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон “Чароғи абадӣ” фаро мегирад. Ин гузоришҳо ва суҳбатҳо табъан ба тақозои ҷустуҷӯи посух ба муҳимтарин масъалаҳое мебошад, ки перомуни вижагиҳои каломи бадеъ ва ҷараёни эҷоди шеър, мафҳумҳои калидии ҳунари суханварӣ имрӯз мавриди баҳсу баррасӣ қарор доранд. Бино бар ин, метавон гуфт, ки ин баёноти мухтасар сарфи назар аз зоҳири назарӣ ҷанбаи мустақими амалӣ доранд.

Бахши асосии матолиби ин рисола дар солҳои 2016 ва 2017 ба сурати силсилаи мақолаҳо дар ҳафтаномаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон “Адабиёт ва санъат” ба чоп расид, ки зимнан, нависанда аз ин истиқболи масъулони ҳафтаномаи мазкур ибрози сипосгузорӣ менамояд. Дар ҷараёни нашри ин мақолаҳо аз тарафи аҳли адаб ва хонандагон батакрор пешниҳод шуд, ки ин силсила ба сурати як рисолаи алоҳида дароварда шавад.

Дар натиҷа ин рисолаи мухтасар фароҳам гардид, ки умед аст барои раҳнамоии шоирони ҷавон беманфиат набошад ва дар поёни он феҳрасте ҳам аз китобҳое, ки барои такмили дониш дар кори эҷоди шеър заруранд ва суханҳои ногуфтаи мо мавқуф ба онҳост, пешниҳод гардид. Зимнан, ишораи поварақиҳо ба манбаъҳои электронӣ, ки ҷавонон ба он дастрасии бештар доранд, ба хотири осон кардани руҷуъ ба манбаъҳо сурат гирифтааст. Кӯшиш кардем дар ин мухтасар бештар дар хусуси ҷанбаҳои назарӣ ва равоншинохтии фаъолияти ҳунарии шеър суҳбат шавад, то шоирони ҷавони мо, ки аксаран дар қайди пиндорҳои иштибоҳӣ дар мавриди кори шоирӣ мондаанд, мутмаин гарданд, ки шоирӣ ҳам заҳмату дониш мехоҳад ва омӯзишро барои шоир “нанги ҳунару истеъдод” надонанд. Ҳамчунин, бори дигар таъкид шавад, ки ҳар сухане ба дили мо менишинад ва дар назари мо

хубу шоирона ҷилва мекунад, бо лавозиме бояд ороста гардад, то мақбули дигарон шавад ва зеҳниятҳо айни якдигар нестанд, бояд дар миёни тасаввурҳо, пиндорҳо ва донишҳои шеърӣ ва ғайришеърӣ чизҳои муштаракро дарёфт ва рӯйи онҳо кор кард. Аввалин ва ҳам охирин унсури муштарак миёни мо забон аст ва ин забонро бояд ба ҳадде донист, ки дар лаҳзаи шеър гуфтан он “366 паҳлу”-и машҳурро ҳар дам эҳсос бикунем ва ҳар лаҳза битавонем ҳар калимаеро даҳ бор ё беш аз ин ба калимаҳои дигари муносибтар иваз бикунем. Ба ҷуз ин дар ҷараёни эҷоди як шеър, ҳатто як байт шоир (албатта, шоири огоҳ ва дорои масъулият) ба донишу таҷрибаи зиёде эҳсоси ниёз ба дониш менамояд, ки метавонад он марбут ба улуми табиӣ, ҷомеашиносӣ, таърих ва ғ. бошад. Ин донишест, ки бояд ба сурати таҷриба дар зеҳнаш нишаста, дар маҷмӯъ ҷаҳонбинӣ ва ба фишурдатарин сурат эътиқоди ӯро ташкил медиҳад ва то ҳадде аз полоиши зеҳну эҳсос гузашта, ки миёни ин дарёфтҳо ва ҳоссаи шеърӣ садду деворе нест. Чунин огоҳиҳо ба шуури соҳибаш раҳ ёфтааст, ба он замине, ки решаи шеър низ аз он об мехурад. Аммо миёни дарёфти илмии ҳақиқатҳо ва воқеиятҳо бо дарки шеърӣ ва шоирона бояд тафовутро бишиносем, то ба иштибоҳи дигаре дучор нашавем. Яъне як иштибоҳ ин аст, ки гуфта шавад: “Шеър бо дониш ҳеч иртиботе надорад” ва иштибоҳи дигари на камтар аз он ин аст, ки касе бигӯяд: “Шеър ҳам айни илму дониш аст” ва ҳеч тафовутеро дар миёни ин ду нашиносад.

Дар маҷмӯъ бо вуҷуди гуногунии мавзӯъҳо дар ин навишта масъалаи асосие, ки дар меҳвари ин гуфтугӯҳо қарор дорад, ҳамоно робита ва таносуби шеър ва дониш мебошад.

Дар рисола аз манбаъҳои зиёди илмию назарӣ ва машваратҳои устодон истифода шудааст, ки аз ишон сипоси фаровон дорем. Манбаъе, ки бештар мавриди истифода ва пайравӣ қарор дошта, китоби устод Раҳими Мусулмониён “Назарияи адабиёт” мебошад. Равонаш шод ва хотираш гиромӣ бод.

ШЕЪР,
ИЛҲОМ ВА ДОНИШ

Чунон ки шеър дар ҳар илме ба кор ҳамешавад, ҳар илме дар шеър ба кор ҳамешавад.[1]

Низомии Арӯзӣ

Онҳое, ки иддаъо доранд, шеър бо илму дониш ҳеч вобастагӣ ва иртиботе надорад ва як олами хос аст, решаи иштибоҳашон дар он аст, ки падидае чун "илҳом"- ро дар кори эҷодӣ унсури мутлақ мешуморанд. Яъне, ба масал, шоир танҳо нақши як мавҷгир (антеннаро), ё шояд камтар аз онро, адо мекунад ва шеър аз олами ғайб бар ӯ нозил мегардад. Ин гурӯҳ баъзан дар назари худ чандон муболиға мекунанд, ки ҷой доштани унсури ақлу дониш дар шеърро нишони заъфи истеъдоди шоирӣ ба шумор меоранд, ҳатто саҳеҳу беайб будани шеърро аз назари фаннӣ ва лавозими сухани манзум, мустақиман ё ғайримустақим (бевосита ё бавосита) камбуди шеър медонанд.

Лозим аст аз ибтидо таъкид шавад, ки нақш ва мақоми илҳоми эҷодӣ, ба хусус дар кори шеър, ҳаргиз чизи инкоршуданӣ нест. На танҳо дар шеър, балки дар иктишофот ва ихтирооти илмӣ низ илҳом ҷой дорад. Аммо дар халлоқиятҳои адабӣ нақши он бештар маҳсус будааст ва дар ин маънӣ ҳеч хирадманде инкор надорад. Аз нахустин донишмандон ва ҳакимоне, ки ба моҳият ва ҷараёни офариниши асари бадеӣ, хусусан шеър таваҷҷуҳ кардаанд, аз вуҷуди ҳолоте ба унвони илҳом гувоҳӣ додаанд. Аз ҷумла Суқрот ва Афлотун.[2]

---

[1] Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. – Хуҷанд: Ношир, 2015, с. 79.

[2]Девид Ричез. Шеваҳои нақди адабӣ (Илҳоми осмонӣ). Тарҷ. Муҳаммад Тақӣ Сидиқиёнӣ ва Ғуломҳусайни Юсуфӣ. – Теҳрон: Маҳорат, с. 1388 ҳ.ш., с. 31-38

Мавзӯи баҳси аслии мо интиқоди назари касонест, ки дар мавзӯи “илҳом” ва нақши он дар офариниши ҳунарӣ ба ифрот роҳ медиҳанд. Ин гурӯҳ мусалламан миёни ду мафҳум иштибоҳ мекунанд, якеро айни дигаре медонанд. Ин ду мафҳум яке “илҳом” ва дигаре “ваҳй” мебошад. Касоне, ки аслан ба мафҳумҳое чун “ваҳй” эътиқод надоранд ва андешаи сирф моддигароёна доранд, табъан аз ин баҳс бояд фориғ бошанд. Аммо аҷиб он аст, ки аз ин тоифа ҳам, ки бояд ҳама чизро маҳсули материя бидонанд, хелеҳо дар мавриди шеър тасаввури дигар доранд ва онро чизе тасаввур мекунанд аз қабили ваҳйи мунзал ва гӯяндаашро аз ҳар гуна иқтизои омӯзишӣ озод медонанд.

Мавзӯи илҳом дар шеър ба таври бадеҳӣ як мавзӯи сода нест ва баёноти батакрори шоирони бузурге, ки мо суханашонро санад ва ҳуҷҷати қотеъ медонем, моро ба ин бовар вомедорад, ки шеър аслан маҳсул ва зодаи илҳом аст ва бидуни он тасаввури каломи шоирона муҳол мебошад. Аз ҷумла, бисёре аз абёти Ҳофизи Шерозӣ дар ин мавзӯъ ба тақвияти сухани касоне, ки ба вай лақаби “лисонулғайб” (яъне забони ғайб) додаанд хидмат мекунад. Аз ҷумла ин абёт:

Субҳдам аз Арш меомад сурӯше, ақл гуфт
Қудсиён гӯ ки шеъри Ҳофиз аз бар мекунанд.[3]

Борҳо гуфтаамму бори дигар мегӯям,
Ки мани дилшуда ин раҳ на ба худ мепӯям.
Дар паси ойина тӯтисифатам доштаанд,
Ҳарчи устоди Азал гуфт бигӯ, мегӯям.

Беш аз ин ҳатто:

Шеъри Ҳофиз дар замони Одам андар боғи хулд,
Дафтари насрину гулро зинати авроқ буд.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар “Баҳористон” дар бораи

[3] Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. – Теҳрон: Нашри замон, 1379 ҳ.ш., с.119 (Минбаъд ҳам иқтибосҳои шеъри Ҳофиз аз ҳамин манбаъ аст).

Ҳофиз менависад, ки “Ва баъзе (аз ашъори ӯ) қариб ба сарҳади эъҷоз (аст)”.[4] Ин эъҷоз ҳамон чизест, ки аз маҳдудаи воқеиёт фаротар ва мутааллиқ ба ҷаҳони улвӣ, яъне моваройттабиист. Чунин суханро Ҷомӣ дар ҳаққи ҳеч як аз суханварони бузургтарини адаби тоҷик, ки зикри номашонро дар ин китоб оварда, нагуфтааст. Яъне ин сухан дар бораи Ҳофиз як сухани истисноист ва ба фавқулода будани каломи ӯ ишора дорад.

Орзумандӣ ва иштиёқи Ҳофиз ба ваҳй, ки наздик ба шатҳиёт аст, аз шеъраш гоҳ-гоҳ чеҳранамоӣ мекунад ва баъзан муҳаққиқони ашъораш ба ин нукта ишора ҳам кардаанд. Аз ҷумла:

Файзи Руҳулқудус ар боз мадад фармояд,
Дигарон низ кунанд, он чи Масеҳо мекард.

Бешак, дар шумори ин “дигарон” Ҳофиз қабл аз ҳар касе худро дар назар дорад.

Дар ин мавзӯъ, ба ин ормон ва орзуи мукошафа ва илҳоми ғайбии наздик ба ваҳйи илоҳӣ ба ишора ё сароҳат бисёр суханварон хома рондаанд, ки худ мавзӯи як рисолаи бисёр муфассал метавонад бошад. Аммо агар сухан дар бораи ваҳй аст, пас ҳамагӣ онҳо, ки эътиқоди динӣ доранд, бояд дар айни ҳол ба муҳол будани он низ эътиқод дошта бошанд ва онҳо, ки чунин эътиқоде надоранд, аслан ин мавзӯъ барояшон бегона аст. На танҳо ваҳй, балки мукошафаву шуҳуд ва илҳоми ғайбӣ низ.

Дар фарҳанг ва боварҳои куҳан, ки дар матни адабиёти мо боқӣ мондааст, маълум аст, ки эътиқодоте, ки ба асоси он неруҳое хориҷ аз вуҷуди шоирон барои онҳо шеърро талқин ва имло (дикта) мекунанд, вуҷуд доштааст. Ин неруҳоро бо номҳое низ аз қабили “тобиъа” ва “шаётинушшуъаро” мехондаанд. Дар “Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ” (таълифи Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ) дар фасли махсусе бо номи “Тобиъа” дар ин хусус маълумоти муфассал дода мешавад, ки нақли он дар ин ҷо лозим аст:

[4] Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. – Душанбе: Адиб, 2014, с.155.

“Тобиъа ё “шаётинушшуаро” аз мусталаҳоти қадими арабист ба маънии ҷин ва шайтоне, ки ба шуаро талқин мекунад. Чун ин рӯҳи номаръӣ (нодиданӣ) ҳама ҷо ҳамроҳу пайрави шахси шоир аст, ӯро тобиъа номидаанд.

Тобиъа гоҳе ба маънии мутлақи ҷину парӣ ба кор меравад, ки бо порае аз афроди инсонӣ дар иртибот аст ва ҳама вақт ҳамроҳу коромӯзи ӯст. Гоҳе ҳам аз ӯ ба ҳамзод таъбир кардаанд.

Ин тасмия мубтанӣ бар ин асли куллист, ки мегуфтанд арвоҳи номаръӣ (ҷин, парӣ, фаришта, дев ва шайтон) бо ашхоси инсонӣ робитаву улфат барқарор мекунанд ва зуҳури осори бадеъи ҳунарию завқӣ ва иктишофӣ ва низ баъзе дарёфтҳои қалбии башар дар асари талқини ҳамин арвоҳ аст. Қудамо муътақид буданд, ҳар шоиреро аз ҷинну инс тобиъаест, ки ӯро шеър талқин мекунад ва Низомӣ аз он ба ҷиннӣ таъбир кардааст:

Ҷабраилам ба ҷинниҳои қаламам
Бар саҳифа чунин кашид рақам,
К-ин фусунро, ки ҷинниомӯз аст,
Ҷома нав кун, ки фасли Наврӯз аст.
Ончунон кун зи дев пинҳонаш,
Ки надонад магар Сулаймонаш.

(«Хамса»)

Бархе ҳам ҳамон вожаи «тобиъа»-ро овардаанд:

В-арчи дусад тобиъа фаришта дорӣ,
Низ парӣ бозу ҳар чи ҷиннию шайтон,
Гуфт надонӣ сазош, хезу фароз ор
Ончи бигуфтӣ, чунон ки бояд, натвон.

(Рӯдакӣ)

Гӯянд, ки тобиъа кунад талқин,
Шоир чу қасидае кунад иншо.
Ман банда, чу мадҳи ту барандешам,
Рӯҳулқудусам ҳамекунад имло.

(Ҷамолуддини Исфаҳонӣ)

Вазифае, ки дар фарҳанги исломӣ ва адабиёти форсӣ барои тобиъа зикр кардаанд, ёдовари нақши музҳо (муза) дар асотири юнонист, ки ҳар кадом аз онҳо илоҳаи яке аз ҳунарҳо ба шумор мерафтанд. Бархе миёни тобиъа ва ҳамтову ҳамзод ва низ фаравашӣ дар Эрони бостон иртиботе ёфтаанд”.[5]

Он гуна, ки аз ағлаби ин баёноти шоирон дар мавзӯи тобиъа ва ҷиннӣ, парӣ, шаётини талқинкунандаи шеър пайдост, маълум мегардад, ки дар баробари огоҳӣ ва аҳёнан эътиқоди худ ба чунин махлуқоте моваройттабиъӣ, шоирон аз онҳо парҳезро лозим дошта, шеъри худро мехоҳанд ба мабдаъҳое бартару шарифтар чун Ҷабраил ва Руҳулқудс иртибот бидиҳанд ва гузашта аз ин устод Рӯдакӣ авсофи мамдӯҳи худро, ки ғолибан Наср ибни Аҳмади Сомонист, бартар аз мартаба ва қудрати тобиъаву париву ҷинниву шайтон медонад.

Ҳамчунин аз ин маълумот барои мо равшан мешавад, ки дар чи гуна фазои фикрӣ ва эътиқодие будааст, ки мункирони паёмбарӣ ва ҳомили ваҳйи илоҳӣ будани Муҳаммад (с) ӯро шоир ва ҳатто шоири маҷнун меномиданд ва дар Қуръон ба таъкид ин унвонҳоро чун иттиҳоми ноҳақ рад кардааст. Аз ҷумла дар ояти 69-и сураи Ёсин омадааст:

وَ ما عَلَّمْناهُ الشِّعْرَ وَ ما يَنْبَغِى لَهُ إِنْ هُوَ إِلاَّ ذِكْرٌ وَ قُرْآنٌ مُبِينٌ.

(Ва ба Пайғамбар шеър наомӯхтаем ва ин барои ӯ шоиста нест. Ва ин {Китоб} чизе нест, магар панд ва Қуръони ошкор.)[6]

Яъне мункирони ваҳйи илоҳие, ки ба Паёмбар нозил мешуда, онро ба он мақсад шеър муаррифӣ мекарданд, ки ба эътиқоди роиҷ дар он замон шеърро махлуқоте чун тобиъаву, ҷинниву парӣ ва шаётин-уш-шуъаро ба инсон мерасондаанд

[5] Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ (Таҳия, шарҳу тавзеҳот ва таълиқоти Рустами Ваҳҳоб). – Душанбе: Бухоро, 2014, с. 538.

[6] Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). – Душанбе: Ирфон, 2007, с.444.

ва ба ин восита мехостаанд, каломи ваҳйро беэътибор ва ғайри қобили эътимоду эътиқод ва пайравӣ эълом намоянд. Дар ҳоле ки на танҳо Паёмбар, балки шоирони бузурге чун Рӯдакиву Низомиву Ҳофизу дигарон ҳаргиз нахостаанд маншаъ ва мабдаъи каломи худро вобаста ба чунин нерӯҳое бидонанд ва ҳатто аз он беҳтар донистаанд, ки каломи мустақими худи онҳо бошад.

Дар айни ҳол на ҳама навъ шеъру шоир дар Қуръон ба таври куллӣ мардуду мазмум дониста мешавад, балки аз шоирон онҳое, ки "муъмин будаву кори неку кардаанд", мумтоз дониста мешаванд. Пас, табиист, ки каломи шоиронаи ин тоифаро Қуръон ҳам марбут ба чунон неруҳои хориқулодаи машкук намедонад. Аз ин хусус ба равшанӣ дар ояти охири сураи Шуаро оварда шудааст.[7]

Албатта, илҳому кашфу шуҳуд, ки он ҳам ба инсонҳои хоссе даст медиҳад, аз ҷиҳатҳое бо "ваҳй" қаробат дорад, аммо айни он нест. Тафовут ин аст, ки каломи ваҳй каломест, ки ба сурати мутлақо омода, ҳам дар сурат ва ҳам дар мазмун, нозил мешавад ва вазифаи гирандаи ваҳй, ки танҳо паёмбар буда метавонад, танҳо иблоғи (эълони) он калом аст, аз худ ҳеч дахле ва тасарруфе дар он намекунад. Дар ин мавзӯъ баҳсҳои гуногуне вуҷуд дорад, аммо дар Қуръон ҳатто ба Паёмбар хитоб мешавад, ки ҷамъ кардани Қуръон дар синаи ту ва хондани он (ба забони ту) бар мост.[8] Ва касоне, ки ба ҳақиқати ваҳй эътиқод доранд, ҳамчунин ногузир ба ин маънӣ эътиқод доранд, ки ваҳй бо хатми зиндагии паёмбари охирини Худо ҳазрати Муҳаммад хатм шуда ва дигар ба касе ваҳй намешавад. Аммо кашфу шуҳуду илҳом боқист, ки албатта он аз ваҳй фарқ дорад. Фарқи он аз ваҳй ин аст, ки рӯҳи маъно ва маъно илҳом мешавад ва соҳиби илҳом онро бо калимаҳо шаклу сурати зоҳир мебахшад. Пас, бояд дар вуҷуди соҳиби илҳом барои сурати зоҳир бахшидан ба маънои илҳомшуда

[7] Ниг. Ҳамон ҷо, с.376.
[8] Ҳамон ҷо, оятҳои 16-19 сураи Қиёмат, с.577.

калимаҳо ва донишҳои ҳунарии зарурӣ мавҷуд бошад, то пайкари он маъноро ба сурати муносиб биорояд. Мисли Ҳофиз, Мавлоно, Бедил, ки дарёҳои мавҷхези дониш буданд ва он донишу таҷрибаро ҳама умр андӯхта буданд.

Толстой илҳомро бисёр содаву возеҳ шарҳ медиҳад: “Илҳом дар он ифода меёбад, ки ногоҳ чизе, ки иҷро карданаш мумкин аст, дар пеши назар кушода мешавад. Илҳом ҳар қадар саршортар бошад, барои иҷро намуданаш ҳамон қадар заҳмати мӯшикофона мебояд кашид.[9]”

Манзури аслии мо низ дар ин рисола суҳбат дар хусуси вижагиҳои коргоҳи эҷодӣ ба сурати умум аст. Яъне на фазоҳои махсусе чун ирфон ва на падидаҳои фавқулода, балки он чи барои аксари инсонҳо дастрасу муяссар мебошад. Ҳамчунин, мо бар онем, ки истеъдоди эҷодӣ ба сиришту фитрати солими инсонӣ тавъам аст ва ҳеч ниёзе ҳам барои дигаргун кардан ва барҳам задани низоми табиии ин фитрату сиришти солими табиъӣ ба хотири ба вуҷуд овардани ҳолатҳои вижаи муносибтар барои кори эҷодӣ, илҳом ва ғ. нест. Аз ҷумла, истифода аз маводи мухаддир ва нашъаовару масткунанда. Баракс, ин навъ рафтор боиси баҳам хурдани низоми муътадили неруҳои эҷодӣ ва ошуфтагиии ваҳму тахайюли эҷодӣ мегардад. Ёдоварии ин мазмун ба хотири он аст, ки баъзан чунин назарҳо ва тасаввуроте дар хусуси ҷараёни эҷоди асари бадеӣ баён шудааст ва на танҳо имрӯзу дирӯз, балки дар замонҳои пешин ҳам касоне муътақид ба таъсири фаъолиятҳои равонгардониву ва натиҷагирии дилхоҳ аз он будаанд. Аммо чунин фаъолиятҳову одатҳо ҳаргиз сутудаву қобили қабули шахсиятҳои барҷаставу муваффақи адабӣ набудааст. Аз ҷумла Мирзо Абдулқодири Бедил дар нахустин ғазали девони худ ба ин маъно ишорае дорад:

Зи тарзи машраби ушшоқ сайри бенавоӣ кун,

[9] Ниг. Константин Паустовский. Садбарги зарин (Тарҷ. Бахтиёри Муртазо)//Садои Шарқ, 2017, №5, с.93.

Шикасти ранги кас обе надорад зери коҳ он ҷо.[10]

Яъне, ушшоқ (ошиқони воқеӣ) бенаво (бениёз) аз воситаҳои маҷозиву ғайриҳақиқӣ ҳастанд ва шикасти ранги онҳо (яъне ҳаяҷону дигаргун шудани аҳволи онҳо) об зери коҳ надорад, яъне ба ҳиллаву найранг ҳамроҳ нест. Чун об зери коҳ доштан таъбири машҳури маҷозиест, ки далолат ба ҳилаву найранг ва фиребу риё мекунад. Коҳ ва об ин ҷо ҳамчунин ишорат ба маводи мухаддир (кӯкнор, афюн ва ҳар чизи равонгардону мастиовари дигар) низ ҳаст ва дар гузашта тоифаҳое ботил аз қаландарону сӯфимаобон буданд, ки дар маросиме даст ба ин навъ василаҳо мезаданд, то аҳволи хоссу "илҳомоте" ба онҳо даст бидиҳад. Ҳатто ба ин тахаллус (Коҳӣ) шоире ҳаст, ки зикраш дар "Намунаи адабиёти тоҷик" омада ва рубоии зерин, ки боиси такфири ӯ шуда будааст, ба мазмуни тахаллусаш далолат мекунад:

Ҳар кас, ки зи асрори Худо огоҳ аст,
Пайваста миёни бангиёнаш роҳ аст.
Аз банг шавад сирри "аналҳақ" зоҳир,
Чун ҳар баргаш ба сурати Аллоҳ аст.[11]

Камоли Хуҷандӣ низ аз ин тоифаи муътод бо киноя шадид интиқод намудааст:

Мезанад банги соф муршиди Хоф,
Ғофил аз завқи бодаи ғайбист.
Гарчи ашшайх к-аннабӣ гуфтанд,
К-аннабӣ нест шайхи мо канабист.[12]

Дар ин қитъа шоир аз қавли маъруф ёд мекунад, ки "Ашшайху фи қавмиҳ к-аннабию фи уммативҳ" – "Пирон дар ин қавм чун паямбарон барои уммат ҳастанд". Ва дар ҳаққи мавсуфи худ, ки зоҳиран даъвои илҳоми ғайбу каромот доштааст ба ҷои таъбири "к-аннабӣ", ки арабист, калимаи

[10] https://ganjoor.net/bidel/ghazalbi/sh10/
[11] Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе, Бунёди адабии Айнӣ, 2010, с.78.
[12] Камоли Хуҷандӣ. Девон. – Хуҷанд: Хуросон, 2015, с. 1276.

“канабӣ”-ро ба кор мебарад, ки ҳамоно маънии “бангӣ”-ро дорад.

Шоири маъруфи муосир Мирсаид Миршакар низ ба ин мавзӯъ таваҷҷуҳ карда, гуфтааст:

Баҳри Хайёми асри худ будан
Нест кофӣ пиёлаю майу ёр.
Ғайри ёру пиёлаю майу гул
Донишу ҳикмату ҳунар даркор.
В-арна аз дасти пайравони ӯ
Дод мегуфт кӯчаю бозор...[13]

Дар ин хусус низ, ки шахсиятҳои бузурги эҷодкор ҳамеша бо вазъи муътадил ва дилу мағзи ҳушёр ба офаридани шоҳкорҳое муваффақ шудаанд, далелу шавоҳиди бисёре вуҷуд дорад, ки нақли он суханро бисёр ба тӯл мекашонад. Ба назари мо танҳо ҳамон таъкиди пурмаънои Мирзо Бедил дар ин хусус кофист, хусусан, ки дар рангинӣ ва парвози тахайюлу илҳоми саршор камтар касеро метавон ба Мирзо Бедил қиёс кард.

Баъзеҳо дар ин баҳс барои тасдиқи мутлақ будани нақши илҳом дар шеър шоирони бесаводеро масал мезананд, ки воқеан шеърҳои хубе аз онҳо ба ёдгор мондааст. Бояд гуфт, ки ин бесаводон бедониш набудаанд. Онҳо ба ҷуз аз табъи сиришти, ки зуҳури ҷавҳари аслии он пеш аз ҳама дар эҳсоси фитрии вазну мусиқии шеър ва ҳамчунин қофияву радиф, ки низ аносири мусиқии шеър ҳастанд, ба амал меояд, ҳазорон абёти олӣ аз офаридаҳои табъи мардум ва шоирони касбии босаводро азёд доштанд ва аз таҷрибаи бузурги рӯзгор бархурдор будаанд ва аксари онҳо сарнавишти печидаву омӯзандаеро таҷриба кардаанд.

Баъзан ҳам ба таври хос Иқболи Лоҳуриро мисол меоранд, ки гӯё форсӣ намедониста, вале ба маҳзи илҳом шеъри зебову расои форсӣ сурудааст. Аввалан, Иқбол ба мартабаи волое умуман дар дониши башарӣ ва худсозиву маърифат расида, ба як рӯҳи гӯё табдил шуда буд. Масалан, пайдост, ки Иқбол

[13] Мирсаид Миршакар. Мунтахабот. – Душанбе: Ирфон, 1982, с. 51.

агар “Маснавии маънавӣ”-ро батамом ё тақрибан азёд медонад ва аз даҳҳо тан шоирони гуногуни форсизабон дар равиши сурудани шеър тазмин мекунад, ки он ҳатман азёд аст. Сониян, дар Ҳинди рӯзгори Иқбол ва хусусан дар зодгоҳи ӯ – Кашмир забони форсӣ ҳанӯз забони расмӣ ва забони мадараса ва илму адаб буд.[14] Аммо бар асари истилои англис майдони амали ин забон маҳдуд мешуд ва Иқбол низ бештар ба забонҳои дигар суханрониҳояшро анҷом медод, агарчи ағлаб ашъорашро ба форсӣ мехонд. Бино бар ин, дар суҳбатҳои одӣ форсиро ба содагиву равонӣ сӯҳбат намекард, ки ин натиҷаи камтар муошират кардан ба забоне мебошад. Имрӯз, масалан, мо русидонҳои хубе дорем, ки луғоти русиро хуб медонанд, вале чун муошират ба забони русӣ маҳдуд гардида, ба ин забон наметавонанд озоду равон суҳбат кунанд.

То бидонем, Иқбол аз оғоз чи қадр форсидон ва форсигӯй буда, ҳамин мисол кофист: Иқболи мактабхон рӯзе ба дарс дер ҳозир мешавад ва устод ба сарзаниш аз ӯ сабаб мепурсад. Ӯ бедаранг дар посух мегӯяд: “Иқбол ҳамеша дер меояд”.

Мо аз шеъри Иқбол дармеёбем, ки ба ҷуз ҳикмату фалсафа, таърих ва улуми динӣ ва анвоъи дигар улум (хусусан ба забони форсӣ) забони моро ба ҳадди камолу ҷамол медонад ва беш аз ин таркибсозӣ ва калимасозиҳои халлоқонае ҳам дорад.

Тарафдорони ҷудоии шеър аз дониш ин гуфтаи шоиронаи Лоиқ Шералиро ҳам мисол меоранд, ки: “Саводи шоирӣ мактаб надорад”. Ин як қавли шоирона аст, ба ин маъно, ки бидуни сиришт ва сарнавишту истеъдод танҳо ба василаи омӯзиш касе шоир намешавад ва ҳаққо чунин ҳам ҳаст. Аммо бидуни омӯзиши пайваста ва шоиста ҳеч гуна сиришти шоирона ва истеъдод ҳам ба таҷалло намерасад. Ҳар қадр ки зиндаёд Лоиқ Шералӣ аз қареҳаи шоирӣ барҳӯрдор буда, ба ҳамон мизон дониш ҳам андӯхтааст. Ӯ худ бештари муваффақияташро аз он медонистааст, ки як нафар устоди

[14] Ниг. Бобоҷон Ғафуров. Мусоҳиба бо Сируси Алинажод//Садои Шарқ, 2014, №12.

сахтгирашон дар омӯзишгоҳи омӯзгории Панҷекат ба онҳо супориш мекарда, ки дафтари луғот дошта бошанд ва калимаҳоер, ки тоза ошно мешаванд, дар он бо шарҳи мазмун бинависанд ва аз бар кунанд. Дар оянда ин кор ба шуғли доимӣ ва дӯстдоштании шоир табдил мешавад. Касоне, ки бо шоир ошноӣ доштаанд, аз мутолиаи ҳамешагии ӯ гувоҳӣ медиҳанд. Ҳамин тавр, беҳтарин адибон, шоирони адабиёти навини мо ҳамагӣ дар айни ҳол донишмандтарин адибони мо будаанд, ки ин ҳақиқат дар осори ғайриадабии онҳо, мусоҳибаҳо, мақолаҳо ва ғ. ошкор аст.

Он донишҳоеро, ки дар кори адабӣ аз онҳо гузир надорем, ба ду бахши бузург метавон ҷудо кард: 1) умуман дониш, ки маҳсули он ҷаҳонбинӣ дар сатҳи муносиб барои суханвар аст ва 2) донишҳои адабӣ.

Таҳқиқот ногузир моро ба ин натиҷа мерасонад, ки ҳамеша азамати адабии адибони бузурги мо бо азамати илмии онҳо мутаносиб будааст ва мадду ҷазри адабиёти мо ба мадду ҷазри илму дониш ҳамроҳ. Ҳар андоза, ки илму дониш таназзул карда, ҳамзамон адабиёт ба ҳамон андоза таназзул карда ва ҳар қадр ки илму дониш рушду шукуфоӣ дошта, ҳамзамон адабиёт ҳамон қадр пешрафту тараққӣ доштааст.

Аҳди Сомониён ва давраҳое баъдтар, то он ҷо ки партави хуршеди рӯ ба ғуруби ин тамаддун камобеш расида, давраи рушди ҳам илм ва ҳам адаб аст. Қомати Рӯдакиву Фирдавсӣ бо қомати Ибни Синову Берунӣ баробар аст ва батадриҷ андозаҳо таназзул кардан мегиранд, ба таври мувозӣ ва яксон ҳам дар илм ва ҳам дар адаб. Ва гоҳо мебинем, агар шароити мусоиде ба вуҷуд омаду дар гӯшае аз империяи бузурги маънавии забону адаби порсии тоҷикӣ илм рӯ ба рушд ниҳод, адабиёт ҳам дар канораш шукуфо мешавад. Мисли Ироқи аҳди Салмон, Озарбойҷони аҳди Низомиву Хоқонӣ, Ғазнаи аҳди Саноӣ ва Ҳироти аҳди Ҷомиву Навоӣ, Шерози аҳди Саъдиву Ҳофиз ва... ҳамеша чунин. Аслан имкон надорад, ки дар замон ва замине, ки илму донишу фарҳангу санъату саноат дар ҳоли рукуд ва таназзул бошад, дар он ҷо аз осмон шеъри олӣ

биборад ва аз замин гули адаб бирӯяд. Ҳадди ақал ба ҳамин хотир, ки моддатулмавод ва нахустунсури ҳам илму ҳам адаб дар як чиз хулоса мешавад ва таҷассум меёбад, ки он забон аст – маҷмӯаи калимаҳо ва ҳунару шеваи пайвастани онҳо ва калимаҳову забонро ҳамаи бахшҳои зиндагии башар ба вуҷуд меоранд ва борвар месозанд. Масалан, бидуни вуҷуди ҳазорҳо калимаҳои ноби порсии тоҷикӣ дар бахшҳои таърих, асотиру ривоёт, низомӣ, пизишкӣ, ситорашиносӣ, ҷуғрофиё, равоншиносӣ, илоҳиёт (улуми динӣ), фалсафа ва ҳикмат, зебошиносӣ (эстетика), ахлоқ (этика), табиияёт (физика), риёзӣ, инсоншиносӣ, маъданшиносӣ, меъморӣ ва садҳо бахши дигар барафроштани кохи бегазанди “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ғаримумкин буд. Аввал ин ки ин донишҳо дар пайкари калимаҳо, ки нахустунсури адабиётанд, буданд ва дувум ин ки сарояндаи “Шоҳнома” – ҳаким Фирдавсӣ он ҳамаро фаро гирифта буд, ҳамроҳ бо донишҳои адабие, ки ба вай ёд медод, то чи тавр ин воҳидҳои дониш, каламотро ба ҳам бипайвандад, то ҳам дониш бидиҳанд ва ҳам шӯри шеърӣ ҳосил кунанд.

Оре, абзори аслии ҳам олим ва ҳам адиб забон, калимаҳо, вожагон аст, дар маҷмӯъ мақсуди ҳарду ҳам якест – муътақид (бовармандҳ) кардани мухотаб ба ҳақиқате, ки худ шинохта ва пазируфтааст. Яке бештар аз роҳи ақлу мантиқ ва дувумӣ ҳам аз тариқи ақл ва ҳам эҳсос ва ҳарчи бештар саҳм додани эҳсос дар шинохт ва пазириши ҳақиқатҳо. Бад-ин тариқ шоир бояд ҳақиқатҳои илмиву мантиқии падидаҳоро дар ибтидо бидонад, то битавонад онро бо усурҳои эҳсосбарангез такмил бикунад ва биорояд, то паёми ӯ пазируфтанитар ва мақбултар аз баёни мустақими илмӣ гардад. Ба иборати дигар ҳатмӣ нест, ки як донишманд шоир бошад, аммо ҳатмист, ки як шоир ба ҳадди лозим дониш андӯхта бошад.

Шояд андешае ба миён ояд, ки асарҳои муҳташаме мисли “Шоҳнома”, “Хамса”, “Маснавии маънавӣ” ва ғайра чун фарогири масоили бузургу вақоеъу ҳаводиси пурдоманаанд, унсури дониш дар онҳо як амри табиист ва онҳо осоре ҳастанд миёни адабиёту илм муштарак ва аммо дар ашъори хурди ғиноӣ

(лирикӣ) шоир танҳо бо эҳсосу отифа метавонад осори шоистае биофаринад, балки беш аз ин, дар чунин осори латиф ворид кардани унсури илму дониш аз латофати он мекоҳад ва онро гарону нодилпазир мегардонад. Чунин андешае комилан ботил аст ва илму дониш аз хурдтарин навъи шеъри ғиноӣ, ки байт аст, то бузургтарин, ки шояд қасида бошад, яке аз ҷавҳарҳои зотӣ, ногузир ва беш аз ин бадеиятофарин мебошад, ки баста ба мизони истеъдоди гӯянда муассир воқеъ мегардад.

Чун аз дӯстдорони адабиёт суол шавад, ки нобтарин шеър, холистарин сурудаҳои ғиноӣ, ки дар шеърияти онҳо шакеву тардиде нест, ба кадом шоирон мансубанд. Аминам, ки агар ду танро ном бибаранд, яке Ҳофиз хоҳад буд ва агар танҳо як танро, пас он ҳам Ҳофиз хоҳад буд. Пас, бубинем, ки дар шеъри Ҳофизи "лисонулғайб" (ки он ҳам ғолибан иборат аз латифтарин навъи шеъри ғиноӣ – ғазал аст) унсури дониш саҳм дорад, ё не?

Чун қасд кардем, ки мавзӯи донишҳои адабиро ба бахшҳои баъдӣ мавқуф бигузорем, ҳоло ба донишҳои адабии Ҳофиз кор намегирем. Танҳо, ба он хотир, ки бисёр ҷолиб аст, сухани "мурид"-и ғарбии хоҷа И.В.Гётеро ба ёд меорем, ки дар васфи лаёқат ва дониши Ҳофиз дар забони форсӣ гуфтааст: "Ҳофиз дар забони форсӣ чандон тасаллут дорад, ки ҳатто бидуни он ки худ эҳсосеро аз қалбаш бигзаронад, танҳо бо ҷобаҷоии матлуби каламот метавонад хонандаи худро бихандонад ва бигирёнад" (яъне танҳо аз раҳгузори дониш ва малака). Воқеан, ин ишораи дақиқест, ки танҳо шоире чун Гёте метавонист ба он пай бибарад ва бо итминон бар он таъкид намояд ва зимнан пас аз ин баёнот кас ба фикре мерасад, ки Гёте бояд форсиро медониста бошад. Хусусан, дар ашъоре, ки Ҳофиз аз дигар шоирон пайравӣ карда, ин нукта басо ошкор аст. Ба ин маъно ки баъзан Ҳофиз байтеро аз шоире гирифта ва танҳо бо тағйири як-ду калима ё баъзан ҳатто бо тағйири ҷои як-ду калима, ё тағйири тартиби мисроъ шеъре сохта, ки басо баландтару беҳтар аз шеъри шоири аввалист. Яъне агар

шоири аввалӣ он мазмунро аз таҷриба ва эҳсоси худ офарида, пас, Ҳофиз рӯйи он санъат ба харҷ додааст ва чизе офаридааст, ки на танҳо аз назари ҳунарӣ, балки ба ҷиҳати табиӣ будан ҳам аз шеъри пешин бартар аст. Баландтарин дараҷаи ҳунар низ ҳамон аст, ки ҳунарвар осори бахя ва пардози санъатро аз офаридаи худ бизудояд ва ба он сурати табиӣ бидиҳад. Ин ҳунар дар шеъри Ҳофиз ҳамеша мушоҳида мешавад.

Замоне Ҳофиз мегӯяд:

Биёвар май, ки натвон шуд зи макри осмон эмин
Ба лаъби Зуҳраи чангиву Миррихи силаҳшӯраш...
Каманди сайди баҳромӣ бияфкан, ҷоми Ҷам бардор,
Ки ман паймудам ин саҳро, на Баҳром асту на гӯраш..

Ё:

Ойинаи Сикандар ҷоми Ҷам аст, бингар,
То бар ту арза дорад аҳволи мулки Доро.

Ва аз ин қабил, мо камоли дониши Ҳофизро дар таърих ва асотир мушоҳида мекунем, ба ҳадде, ки асотир ва таърих дар коргоҳи эҷодии ӯ дар канори воқеиятҳои рӯзмарра ва одӣ қарор гирифтааст. Ва гар ин донишҳо бо донишҳои адабӣ чандон фосила надоранд ва ба шумори саноеъи бадеӣ оварда мешаванд (талмеҳ), пас мо нишони донишҳои дигарро ҳам мебинем:

Биёмӯзамат кимиёи саодат:
Зи ҳамсуҳбати бад ҷудоӣ, ҷудоӣ.

Кимиёи саодат дар ин байт, чунон ки аксар дар шеъри Ҳофиз аст, бо думаъноӣ зеҳнро ба сӯйи иҳом мекашад ва агар маънои аввали он иксир ва дорӯи саодат аст, боз ба китоби Муҳаммади Ғаззолӣ “Кимиёи саодат” низ ишора мешавад, ки китоби таҳзиби ахлоқ аст ва дар ин китоб парҳез аз ҳамнишини бад шарти аъзами саодатмандӣ муаррифӣ мешавад. Шакке нест, ки Ҳофиз аз ин китоб огоҳии комил дорад.

Ба ҷуз ин дар ашъори Ҳофиз борҳо нишони огоҳии комили шоир аз дигар анвои улум, аз ҷумла улуми табиӣ ва дақиқ

мушоҳида мешавад. Ва на танҳо огоҳӣ, балки чун унсури шеърофарин кор гирифтан аз онҳо, ки намунаҳо дар пай хоҳад омад.

Ҳофиз худ ба огоҳӣ барҳақ аз ҷанбаи маърифатии шеъраш тафохур мекунад:

Шеъри Ҳофиз ҳама байтулғазали маърифат аст,
Офарин бар нафаси дилкашу лутфи суханаш!

Ва ин маърифати Ҳофиз як маърифати номушаххас ва мавҳум нест, балки аз аносири донишҳои гуногун ҳосил шуда, ҳатто донишҳои ҷузъие, ки барои бештари аҳли ҷомеаи замонаш маълум ҳастанд ва ин маълум будани он донишҳо ба шоир имкон медиҳад, ки онҳоро матои шеъраш қарор бидиҳад, зеро шеър умумитар аз дониш аст ва нукоти илмӣ дар шеър бояд ба ҳадде маълуму маъмул бошад, ки ишорате дар баёни онҳо кифоят кунад. Масалан, чандин истилоҳоти мусиқӣ ва номи оҳангҳои машҳур дар шеъри Ҳофиз дар кисвати иҳом меояд:

Навои маҷлиси моро чу баркашад мутриб,
Гаҳе Ироқ занад, гоҳ Исфаҳон гирад...
Зи лутфи ғайб ба сахтӣ дил аз умед матоб,
Ки мағзи нағз мақом андар устухон гирад...

Барои афроди рӯзгори Ҳофиз, он қадр ки хонаи мағз будани устухон маълум аст, ба ҳамон андоза муштарак будани калимаҳои “Ироқ” ва “Исфаҳон” байни номи шаҳрҳо ва номи оҳангҳои мусиқӣ маълум мебошад, аммо корбасти тозаи шоиронаи ин огоҳиҳо байни шоир ва хонанда муошират дилпазирро ба вуҷуд меорад.

Ҳофиз бо он шаҳомати маънавӣ ҳатто аз ҷузъиёте маишӣ ва рӯзмарра мисли кулоҳи сари боз истифодаи шоирона мекунад. Мавзӯъ ин аст, ки барои ром нигоҳ доштани бозу шоҳин ва дигар мурғони шикорӣ аз чарм кулоҳе бар сари онҳо мекашиданд, ки чашмонашонро мепӯшид ва танҳо замони ба сӯйи сайд партоб кардан ин кулоҳро аз сари онҳо

мегирифтанд:

Боз арчи гоҳ-гоҳе бар сар ниҳад кулоҳе,
Мурғони Қоф донанд оини подшоҳӣ.

Ин дониши ҷузъӣ, ки қоидаи кулоҳи боз аст, дар доираи маънавии олӣ қарор дода мешавад ва маърифати осмониро пайкари мушаххаси заминӣ мебахшад, агарчи ба воситаи тазод.

Ҷои дигар мебинем, ки Ҳофиз аз донишҳои куҳани наботшиносӣ (гиёҳшиносӣ – ботаника), ки муътақид буданд, нури моҳ, хусусан дар лаёлии байзо (шабони сафед) боиси ба камолу ҷамол расидани гиёҳҳо, бахусус гулҳо мегардад, чунин баҳраи шоирона мегирад:

Гул бо ту баробарӣ куҷо ёрад кард,
К-ӯ нур зи маҳ дораду маҳ нур аз ту!

Борҳо ба маҷозу киноя аз истилоҳоти гавҳаршиносӣ ва кимиёии қадим, аз ҷумла ба иёр задани зару гавҳар ва шинохтани асли онҳо ишора менамояд:

Дар хулуси манат ар ҳаст шаке, тақриба кун,
Кас иёри зари холис нашиносад чу маҳак.

Хуш бувад, гар маҳаки тақриба ояд ба миён,
То сияҳрӯй шавад ҳар кӣ дар ӯ ғаш бошад.

ДОНИШУ МАЪРИФАТ ШЎРИ ШЕЪРӢ ҲАМ ДОРАД

Илм ҷавҳари адабиёт аст. Улум бидуни адабиёт хушку бечон ва бефурӯғ ва адабиёт бидуни улум тиҳӣ ва бемағз хоҳад буд.[15]

Анатол Франс

Албатта, шеваи истидлол (делеловарӣ) ва муҳокима дар шеър нисбат ба илм фарқ мекунад, ки дар оянда муфас салтар хоҳем гуфт, аммо донишҳо ба сурати хулоса ва бадеҳиёти илмӣ (аксиома) ҳамеша абзори шеър будаанд. Таваҷҷуҳ кунед ба ин абёти Одамушшуаро Рӯдакӣ, ки мо одат кардаем шеъри ӯро намунаи шеъри бепироя ва содатарин арзёбӣ бикунем:

Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест, гирдгардон аст,
Ҳамеша, то бувад оин-ш, гирдгардон буд.
Куҳан кунад ба замоне, ҳар он куҷо нав буд
Ва нав кунад ба замоне, ҳар он чи хулқон буд.
Басо шикаста биёбон, ки боғи хуррам буд
Ва боғи хуррам шуд, он куҷо биёбон буд...[16]

Оре, имрӯз мо ба ин ҳарф одат кардаем ва дар назарамон як ҳарфи сода мерасад, аммо баҳси ҳазоронсолаи илмист, ки аз ҷумла барои ин назар – сайёр ва мутаҳаввил будани замин ва, умуман, кайҳон донишмандонеро ба таъқибу куштор ҷазо додаанд (зимнан онҳое, ки имрӯз моро хурофотӣ ва донишҳаросу донишситез мехонанд) ва чун ин донишҳо дар Қуръон мастур буданд, дар дунёи ислом чунин бархурде бо донишмандони ҳомили ин ақидаҳо нашуд ва шоири мо ҳам ба осониву содагӣ онҳоро гӯшзад мекард. Аммо ҳоло ҷойи баҳси ин тафовутҳо нест ва бояд гуфт, ки ҷуз вазну қофия ва як

[15] http://citatu.com.ua/

[16] Рӯдакӣ. Девон. – Алмаато, 2007, с. 36. Иқтибосҳо аз устод Рӯдакӣ минбаъд низ аз ҳамин манбаъ аст ва танҳо саҳифа зикр мешавад.

ташбеҳи барҷаста, ки дунёи гардон ба чашм монанд карда шуда, камтар чизеро аз абзори сирф адабӣ ва шеърӣ дар ин гуфтор мебинем, аммо ин гуфтор то умқи ҳоссаи адабӣ ва шеърии мо мерасад ва бисёр шоирона пазируфта мешавад. Чаро? Албатта, бидуни ҷазбаи хосси сухани устод Рӯдакӣ ин ҳол муяссар намегардад, аммо саҳми унсури дониш ҳам дар ин ангезандагии калом кам нест ва маърифат, дониш дар зоти худ нерӯи ангезандагӣ ва шӯри шеърӣ дорад. Ин хосияти каломи ҳовии илм дар мақолоти одӣ ҳам ба назар мерасад. Масалан, вақте мо мехонем, ки ин замини дар назари мо истода ба суръати то 1670 км дар соат ҳаракат мекунад, (ва офтоб ба маротиб беш аз ин) ин дониш на танҳо ақли моро таҳрик медиҳад, балки эҳсоси шигифтие дар қалби мо бармеангезад, ки он шабеҳи эҳсоси шеърӣ мебошад ва гоҳо неруи ангезандагии чунин иттилооти илмӣ қавитар аз ҳар навъ каломи мухайяли шеърист ва шоири тавоно аз ин иттилоот метавонад истифодаҳои шоиронае мутобиқ бо мақоли “нуран ало нур” (нур болои нур) бикунад. Мисли Абулмаонӣ Бедил, ки фармуда:

Нозро аҷз худписандӣ дод,
Осмонро замин баландӣ дод.[17]

Яъне ин имтиёзоти ҷаҳон бар асоси назарияи нисбат (таносуб) устувор аст. Агар аҷз, нотавонӣ, тазарруъ, бандагӣ, ошиқӣ набуд, ноз, такаббур, ҳусн, маъшуқӣ мабное ва пойгоҳе намедошт ва агар замине намебуд, ки рӯйи он инсоне намебуд ва дар нисбати мақому мавқеи худ барои осмон нисбати “баландӣ” қоил намешуд, меъёру паймонаи дигаре дар миён набуд, то ин “баландӣ” арзёбӣ ва шинохта шавад. Шеър дар нафси ин воқеият аст ва имкон медиҳад, ки як андешаи азими илмӣ ба содатарин баён ба ҷилва ояд – Осмонро замин баландӣ дод – ва ҳамин таносуби маънои олӣ бо баёне бисёр содаву одӣ ин шӯри шеъриро дуболо мекунад. Наздик ба

[17] https://fa.wikisource.org/wiki/دیوان بیدل دهلوی

ҳамин маъно Бедил ҷойи дигар мефармояд:

Гар баланду паст нафрӯшад тамиз,
Аз замин то чарх ҳамвор асту бас.[18]

Мазмуни байт ба куллӣ як мақулаи улуми табиист (физикӣ): яъне агар неруи мудрика (дарку шинохти мо – тамиз) баланду паст муқаррар накунад ва баҳси баланду пастро ба миён наёрад, дар асл дар ҷаҳон, кайҳон ҳеч гуна баланду пасте (ҳамчунин чапу рост ва ғ.) вуҷуд надорад ва ҳамагӣ ҳамвору яксон аст. Баёни шеърӣ ин аст, ки Бедил неруи мудрика "тамйиз"-ро ташхис (шахс) мекунад ва кори ӯро "фурухтан" (ба ҷойи маърифат кардан) бменомад, ки манзур аз ин фурӯхтан кори сохта ва беасосе кардан ё фузулӣ (маҳмадоноӣ – ҳамадоноӣ) кардан аст. Аммо шӯри шеърии ин навъи баёни маҷозии Бедил бидуни шӯри шеърие, ки аз айни маърифати илмии ин нукта (ҳамвор будани кайҳон) ҳосил мешавад, чизе нест. Ба таъбири дигар саҳми дониш ва илм дар таъмини неруи шеърии ин байт басо бештар аз саҳми санъат ва суханварист.

Ин шеваро мо дар сартосари осори Бедил ва умуман сабки ҳиндӣ мушоҳида мекунем ва баъдан дар адабиёти қарни 20 (хориҷ аз ин сабк) хусусан дар осори адабии Муҳаммади Иқбол.

Ҳар боре дар хусуси ҷанбаи ангезандагӣ ва шеърии донишу маърифат андеша ба миён ояд, чун намунаи комил шеъри "Навои вақт"-и Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ба ёд мерасад. Дар ин шеър ба муроди хос аз фарзияи машҳури физикӣ дар қарни 20 дар бораи вақт кор гирифта шудааст. Ин фарзия чунин аст, ки чизе ки ба номи "вақт" мо мешиносем, дар асл вуҷуди хориҷӣ ва мустақил надорад, балки зодаи нисбатҳо ва таносубҳост. Масалан, танҳо ба воситаи ҳаракати чизе аз як нуқта ба нуқтаи дигар (ки дар чанд вақт анҷом мешавад), аз ҷумла ба асоси гардиши сайёрот, гардиши тирчаҳои соат, ба

[18] http://ganjoor.net/bidel/ghazalbi/sh1739/

воситаи дигаргун шудани муҳит (фаслҳо) ва аҳвол (инсонҳо) ва... мо баҳси вуҷуд ва гузори замонро ба миён меорем, аммо бидуни ин нисбатҳо ба ҳеч васила чизеро ба унвони вақт наметавонем мушаххас бикунем. Як сари ришгаи ин баҳс ба инкори вуҷуди чизе ба номи "вақт" мерасад ва сари дигари он ба боварҳои устураии қадим, ки дар ойини Зарвония (Замони бекарон) таҷассум ёфта замонро вуҷуди мутлақ ва офарандаи ҳама чиз медонад.

Албатта, Иқбол эътиқоди худро дар бораи замон (тавре, ки аз "Ҷовиднома" маълум мешавад) аз ислом мегирад ("лӣ маъаллаҳ" ва ҳадиси "Ба замон дашном мадиҳед, ки замон манам"), аммо аз ин фарзияи илмии дар замони худаш маъруф истифодаи бисёр шоирона мекунад ва шеъри бисёр дилангезе меофаринад ҳама пардозаш аз рангу бори дониш ва ин рангу бори дониш ҳамроҳ бо тасвирҳои зебо ва мусиқии калом, шеъри фалакпечеро ба вуҷуд меорад, ки шӯри шеърӣ дар он камтар аз ҳеч суруди ошиқонае нест:

Хуршед ба домонам, анҷум ба гиребонам,
Дар ман нигарӣ ҳечам, дар худ нигарӣ, ҷонам,
Дар шаҳру биёбонам, дар коху шабистонам,
Ман дардаму дармонам, ман айши фаровонам,
Ман теғи ҷаҳонсӯзам, ман чашмаи ҳайвонам.

Чингизию темурӣ муште зи ғубори ман,
Ҳангомаи афрангӣ як ҷаста шарори ман.
Инсону ҷаҳони ӯ аз нақшу нигори ман,
Хуни ҷигари мардон сомони баҳори ман,
Ман оташи сӯзонам, ман равзаи Ризвонам.

Осудаю сайёрам, ин турфа тамошо бин,
Дар бодаи имрӯзам кайфияти фардо бин,
Пинҳон ба замири ман сад олами раъно бин,
Сад кавкаби ғалтон бин, сад гунбади хазро бин,
Ман кисвати инсонам, пироҳани Яздонам.

Тақдири фусуни ман, тадбири фусуни ту,
Ту ошиқи Лайлоӣ, ман дашти ҷунуни ту,
Ҷун рӯҳи равон покам аз чанду чигуни ту,
Ту рози даруни ман, ман рози даруни ту,
Аз ҷони ту пайдоям, дар ҷони ту пинҳонам.

Ман раҳраву ту манзил, ман мазраъу ту ҳосил,
Ту сози сад оҳангӣ, ту гармии ин маҳфил,
Овораи обу гил, дарёб мақоми дил,
Гунҷида ба ҷоме бин ин қулзуми бесоҳил,
Аз мавҷи баланди ту сар барзада тӯфонам.[19]

Иқбол “чолаҳои сиёҳи” (черные дыры) донишро, яъне он ҷоро ки дониш раҳ набурдааст, ба мафҳуми “ишқ” пур мекунад ва муҳим ин аст, ки он нуқтаҳои холиро мешиносад. Масалан, мегӯяд:

Шуои меҳри ӯ қулзумишкоф аст,
Ба моҳӣ дидаи раҳбин диҳад ишқ.[20]

Қулзум баҳри пуроб ва амиқро гӯянд. Дар умқи зиёди баҳр, ки ба ҳеч вақҳ рӯшноии хуршед ва ҳеч навъ рӯшноии дигар роҳ надорад, моҳиёне дорои чашм ва раҳбин дар таку пӯй ҳастанд. Илм мегӯяд, ки биниш (биноӣ) ҳосили бархурди инъикоси нур дар ашёи диданӣ дар гавҳари чашми мо ва дигар ҷонварони бинанда аст. Аммо он ҷо, ки ҳеч навъ нуре ва инъикосе нест, моҳӣ чи тавр аз биноӣ бархӯрдор аст. Онро ба чизи дигаре ҷуз ғаризаи (инстинкт)-и табиӣ ё илоҳӣ, ки онро ба таъбири дигар ишқ меномем, таърифу таъбир наметавон кард. Ҳамчунин фарзияи дигари илмиро дар ҳамин замина ба шоиронагӣ ва таҷоҳули ориф меорад:

Ба чашми мо чаман як мавҷи ранг аст,
Кӣ медонад ба чашми булбулон чист?![21]

[19] http://ganjoor.net/iqbal/payam-mashregh/sh170/
[20] https://ganjoor.net/iqbal/payam-mashregh/sh4/

Ин калом ҳар қадар, ки аз раҳи дониш ангезанда аст, ба ҳамон ҳад ангезандагии шеърӣ дорад, бавижа бо овардани сувари хаёли машҳуре чун “чаман” ва “булбул” ба таркиби шоиронаи “мавҷи ранг”.

Нигариши илмие наздик ба он чи дар фалсафа “идеализми субъективӣ” меноманд (яъне вобастагии моҳияти ашё ба навъи пазириши мо), ба Иқбол имкон медиҳад, ки барои нақши меҳварӣ ва асосӣ доштани инсон дар олами ҳастӣ шоирона масал бизанад:

Ба зар худро масанҷ, эй бандаи зар,
Ки зар аз гӯшаи чашми ту зар шуд.[22]

Оё ин ҷо баён маҳз шоирона ва адабию тахайюлӣ аст? Аслан чунин нест. Воқеан ва “илман” агар мо барои зар арзишҳое қоил нашавем ва ба он баҳо надиҳем, дар хориҷ аз ин арзишдоварии мо зар аз санги одӣ чӣ фарқе дошта метавонад? Агар он чи Иқбол мегӯяд, ногоҳ зеҳни моро ба як ҳақиқати илмӣ боз накунад, ин сухан ҳаргиз чун шеър рӯҳу равони моро такон намедиҳад.

[21] https://ganjoor.net/iqbal/payam-mashregh/sh71/
[22] https://ganjoor.net/iqbal/payam-mashregh/sh64/

ФАРЗ ПУЛЕСТ МИЁНИ ШЕЪР ВА ДОНИШ

Наздиктарин ва табиитарин марҳалаи пайванди маърифати адабию шеърӣ бо маърифати илмӣ шояд “фарз” бошад. Зеро “фарз” бидуни ваҳм ва тахайюл муяссар намегардад ва маълум аст, ки ваҳму (воображение) тахайюлро (фантазия) мо ҷавҳари аслии шеъру адаб меномем. Чун фарз дар риёзӣ зиёд пеш меояд, гуфтаанд, ки “ҳар касе як каме шоир набошад, натавонад, ки риёзидони хуб шавад”. Ин фарз дар анвоъ ва саноеъи адабӣ бештар ба ташбеҳ ва тамсил наздик аст ва дар маҷмӯъ дар ҳама саноеъи адабӣ саҳме аз он ҳаст. Ҳоло барои тасаввури беҳтари ҳамин мавзӯъ, ки мавриди баррасии мост, низ ба фарз аз тариқи ташбеҳу тамсил рӯй меорем ва ҳамзамон бо он, ки масъала равшантар мешавад, барои субути иддаъои боло низ мисол медиҳем.

Пештар гуфта шуд, ки ҳосили муҷассам ва ба навъе модии ҳам илм ва ҳам шеъру адаб дар калимаҳо таҷассум меёбад ва хулоса мешавад. Шумо ин калимаҳоро, ки “нахустунсури адабиёт” (Горкий) ё “моддаи шеър”[23] (Насириддини Тӯсӣ) ҳастанд, хишт тасаввур кунед ва шоиру олимро бинокор, ки мехоҳанд сохтмон кунанд. Қасди олим сохтмоне хоҳад буд бо тарҳи ба андозаи кофӣ барои баровардани эҳтиёҷ муносиб, мустаҳкам, гунҷо ва албатта ба зоҳир низ ба андозаи кофӣ мутаносиб. Аммо ин шарти охирист ва муроди аслӣ ду шарти аввал. Қасди шоир ва адиб дар баробари эҷоди сохтмони муносиб барои баровардани ниёзи зиндагӣ, ҳамчунин эҷоди намунаи зебоист. Мисли қасрҳои машҳури Тоҷмаҳал ё Кремл, ки ҳам сохтмонҳои ҳаётан зарурӣ ҳастанд ва ҳам асари санъат.

Шарти аввал барои таъмини муваффақияти ҳарду (олим ва шоир) дар ихтиёр доштани миқдори ҳарчи бештари хишт (калимаҳо) мебошад ва миқдори зиёди хишт (калимаҳо) ҳаҷми ҳарчи бештари дониш аст. Зеро ҳар калима як воҳиди дониш

[23] Ниг. Раҳими Мусулмониён. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990, с.224.

аст. Масалан, бинокоре, ки танҳо ҳазор хишт дорад, ҳар қадр ҳунарманд ҳам бошад, чизе масалан беш аз катаки мурғ наметавонад бисозад. Онро ҳар қадр ҳам зебо бисозад, мунтаҳо кӯчак аст. (Манзур ҳар асари алоҳида нест, балки кулли эҷодиёт аст). Хоҳ олим бошад ва хоҳ шоир.

Шарти дуввум таркиби ин хиштҳост (сабк), ки метавонад аз гили хом бошад ё пухта ё санги мармару хоро ё кошии луъобдор ва ё чизҳои ҳатто беҳтар. Мисли калимаҳои сарае, ки ҳам зебоанд ва ҳам анбошта аз илму дониш.

Сеюм ҳунари чидани ин хиштҳост (композитсия), ки бо ҳаҷми баробари хиштҳо яке метавонад бо чиниш ва тарҳи зебо қаср бисозад ва дигаре танҳо анбор. Асари илмӣ ҳам бидуни таносуби зебо хуб пазируфта намешавад, вале шарти асосияш ин нест. Аммо дар асари адабӣ, шеър, санъат тарҳу чиниши (чидмони) зебои калимаҳо (хиштҳо) аз шартҳои муҳимтарин ва аввалин аст. Камоли ҳунари меъморшоир ин аст, ки калимахиштҳои одии гилиро тавре бичинад, ки қасри гилии ӯ бо арзиши ҳунарии худ аз қасри мармарин ё заррин камарзиштар набошад. Мисли оромгоҳи Исмоили Сомонӣ, ки агарчи аз хишти хом аст, ҳунари меъморие, ки дар он харҷ шуда, арзиши онро беш аз ҳар қасре кардааст ва албатта ба изофаи шаҳомати муқими ин оромгоҳ. Ҳамчунин баъзан коса ё кӯзаи одии гилии (сафолии) қадимро мебинем, ки сохти ҳунарии он ва санъате, ки дар он ба кор рафта, қимати онро баробари косаи заррин кардааст.

Аммо, зимнан, шеъри Саъдӣ ба ёд меояд, ки фармуда:

Санги бадгавҳар агар косаи заррин шиканад,
Қимати санг наяфзояду зар кам нашавад.[24]

Бо шикастан ва дарҳам пошидани сохту бофти ҳунарии як асари санъат, масалан, он коса тасаввур шавад, агар моддаи он аз чизи камарзише чун гилу сафол бошад, ҷуз мушти хоки беарзиш чизе боқӣ наемонад, аммо агар коса, ҷом ё қаср аз маводи пуарзише (чун мармар ё зар) бошад, баъди харобӣ

[24] https://ganjoor.net/saadi/mavaez/ghazal2/sh30/

ҳам чизи арзишманде боқӣ мемонад.

Ин хароб шуданро дар мисоли шеъру адаб ва осори санъат мо ба тарҷума ва ё шарҳу тафсири мансури осори манзум нисбат медиҳем, ки ногузир бофту сохт ва дар маҷмӯъ шакли асари санъат барҳам мехурад ва мазмунаш, маънояш, муҳтавояш боқӣ мемонад. Пас ин мазмун, муҳтаво, маъно дар зоти худ, бидуни ороиши шакл ҳар қадар арзишманд бошад, пас аз харобии асли аввал ҳамон қадар арзиши он маҳфуз мемонад. Мавлоно мегӯяд:

Ҷунки гул рафту гулистон шуд хароб,
Бӯйи гулро аз кӣ ҷӯем? Аз гулоб![25]

Зебоии гул, ки дар сиришт аст, дар бӯйи гулоб ба навъи дигар боқӣ мемонад.

Ин аст рамзи маънои воло, ки дар шаклу қолаби волост ва чун маъно худ баланд аст, агар шакли он барҳам бихурад, ҳаройина арзиши он боқӣ мемонад.

Пас асари воқеан арзишманди адабӣ он аст, ки аз калимаҳои зарин – яъне ҳам дорои шакли зебо ва маънои баланд сохта шуда бошанд. Онгоҳ агар ин навъ асарҳо ба тарҷума, бозгӯй, тафсир ё ҳар чизи дигар дучор шаванд, ҳаройина арзиши худро аз даст нахоҳанд дод. Мисли косаи зарин, ки чун бишканад, қиматаш кам нашавад.

Фарзҳое, ки дар боло ба кор рафт, он гуна ки пайдост миёни илм ва адабиёт муштарак аст ва ба тамсилу ташбеҳ наздик. Аммо доманаи фарзи адабӣ хеле васеътар аз он аст, ки гуфта шуд. Барои нависанда маълум нест, ки ин мавзӯъ бо ҳамин истилоҳ “фарз” ҷое шарҳу баст шуда ё не, аммо дар амалияи эҷодӣ мавқеъ доштани он яқин аст. Фарз доманадортар ва ғанитару муассиртар аз тасвир аст ва машқ додану ҳарчи бештар қобил сохтани нерӯи тахайюли шоирона барои сохтан ва ба кор бурдани фарзи адабӣ боиси рушди номаҳдуди лаёқатҳои адабӣ мегардад ва диди шоирона ҳама

[25] https://ganjoor.net/moulavi/masnavi/daftar1/sh1/

ҷаҳони ҳастиро дар ҷузъу том фаро мегирад. Бахусус, ки фарзи шоирона мисли фарзи илмӣ дар маҳдудаи далелҳои мавҷуд боқӣ наемонад ва шоир ба муроди худ аз ҳар чизе метавонад далеле бисозад, ки эҳсоси мо онро хуш бипазирад ва дар сурати маъқул ва судманд будани маънои муродшуда ақл ҳам ба он моил бишавад. Масалан, ҳамин байти машҳур бо вом гирифтани қолаби мантиқи илмӣ, вале ба шеваи фарзи шоирона сохта шудааст:

Бе мураббӣ зери гардун муътабар натвон шудан,
Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.

Аз назари сурати зоҳирӣ ин ҷо тасвир ва ташбеҳи маълуму равшане нест, мисли он ки рӯйро ба моҳ ташбеҳ диҳанд, аммо ба фарз ду воқеият мусовӣ бо якдигар оварда шудааст, ки шабоҳати куллие барои он фарз метавон кард ва чун маъно судманд аст, ақл ҳам дар пазируфтани он бо эҳсос ҳамроҳ мешавад. Агар дар ин мисол то ҷое ташбеҳ саҳм дошта бошад, дар мисоли баъдӣ танҳо фарзи маҳз аст:

Ҷӯбро об фурӯ менабарад, сирраш чист?
Шармаш ояд зи фурӯ бурдани парвардаи хеш.[26]
(Соиб)

Албатта, барои ҳама маълум аст, ки чунин “эҳсоси шарми об” (ки ташхис шуда), ҳаргиз далели ақлӣ нест, балки ба қиёс ва вом гирифтани эҳсосоти инсонӣ барои об як фарзи маҳз шоирона ва далели шоирона, ба иборати дигар дурӯғи шоирона аст. Оре, шояд 90 дарсади он чи ба таъбири “дурӯғи шоирона” рост меояд, ҳамин гуна фарз аст. Ин гуна фарзи шоирона имкон медиҳад, ки аз ҳолатҳо, тасвирҳо, манзараҳо, қиёсҳо, сувари хаёлҳои (образҳои) комилан мушобеҳ ва ҳатто ягона маъноҳои мухталиф ва ҳатто комилан зидди якдигар берун оварда шавад. Дар қиёси ҳамин байти мазкури Соиб байти машҳури дигарро ба ёд биёрем, ки образҳо (сувари хаёлҳо) тақрибан як чизанд, аммо маъно комилан дигар, ҳатто

[26] http://www.1351-467.blogfa.com/9002.aspx

то ҷое зидди якдигар:

Нокасе гар аз касе боло нишинад, айб нест,
З-он ки хас бар рӯйи обу зери дарё гавҳар аст.

Танҳо муроди аввалӣ, ки мусбат аст, чӯб гуфта ва муроди дуввумӣ, чун манфист, ба сифати хас ёд кардааст, аммо ҳарду як манзара ва як ҳолат аст ва натиҷагирӣ ба асоси фарзи шоирона комилан хилофи якдигар. Ҳамин гуна сувари хиёле, ки ғолибан ба сифати манфӣ шӯҳрат ёфтаанд, метавонанд ҳар лаҳза ба фарзи шоиронаи тоза мусбат шаванд ва баръакс. Масалан, яке аз образҳои бештар манфӣ дар шеъри мо ҳубоб мебошад, чун тимсоли сабукборӣ, бебақоӣ, болонишинии бемавқеъ ва ғайра. Аммо фарзи тозаи шоирона боис шуда, ки аз он маънои мусбат мурод шавад:

Пок соз аз ғайр дил в-аз худ тиҳӣ шав чун ҳубоб,
Гар сабукрӯҳӣ, тавонӣ хайма зад бар рӯйи об.[27]

(Ваҳшии Бофқӣ)

Шоири дигар мегӯяд:

Чандон ки аз тааллуқи дунё гузаштаем,
Бо кишти ҳубоб зи дарё гузаштаем.

Дар ин ду байти охир бо таваҷҷуҳ ба сифати сабукбории ҳубоб аз он маъниҳои баланду мусбат мурод шуда, ки ба хушӣ пазируфта мешавад.

Баъзан дар баён ба қасди хос муқаддимаи фарз ба таври суол матраҳ шуда ва баъдан шоир фарзи матлуби шоиронаи худро чун ҷавоби масъала овардааст:

Ҳангоми сапедадам хурӯси саҳарӣ
Донӣ, ки чаро ҳамекунад навҳагарӣ?
Яъне ки намуданд дар ойинаи субҳ,
К-аз умр шабе гузашту ту бехабарӣ.[28]

Қасди Хайём аз ибтидо ишора ба гузори умр ва ғафлати

[27] http://ganjoor.net/vahshi/divanv/ghazalv/
[28] http://ganjoor.net/khayyam/tarane/tkh8/sh7/

мост, бино бар ин аз муқаддимае, ки барои ин фарз сохтааст, ҳамин маъноро арза медорад. Ҳар шоири дигаре ба муроди дигар аз айни ҳамин муқаддима метавонад даҳҳо маънои дигарро мурод кунад ва бо риояи ҷанбаи манфии “навҳагарӣ” ин фарз ҳам маънои манфӣ хоҳад дошт ва агар ин калимаро низ дигар кунад (мусбат созад) боз чандин маънои комилан дигареро ба фарз метавонад аз ин таркиб берун биёрад. Ҳамин тариқ, моҳияти падидаҳо, ашё, манзараҳо комилан тобеи ихтиёроти шоирона мегардад ва дар шарҳу таъбири онҳо имкони шоир нисбат ба олим ба маротиб бештар. Ишора ба ҳамин қудрати табъи шоирона ва номаҳдуд будани неруи фарз дар тахайюли шоирона аст, ки устод Рӯдакӣ мефармояд:

Аз шоирон наванд манам навгувора,
Як байти парниён кунам аз санги хора.

Воқеан дар назми муосири мо ин гуна таҳаввули диди шоирона ва арзиши нав бахшидан ба сувари хаёли (образҳои) суннатӣ бисёр мушоҳида мешавад. Масалан, образҳои дар гузашта бештар манфии санг, хор, хок ва ғ., ба фазли диду эҳсос ва фарзи тозаи шоирона ҷанбаҳои зиёди мусбат пайдо намуданд ва чун намоду рамзи муҳаббат ба марзу буми худ васф шудаанд.

ТАСВИР ВА ТАСАВВУР ДАР ШЕЪР

Ҷанбаи тасвир ва мақоми он дар ташаккулу таҷассуми ҷавҳари шеърият дар як асари манзум дар адабиётшиносии даҳаҳои охир аз муҳимтарин ва пурравнақтарин мавзӯъҳои пажӯҳишӣ будааст. Аммо дар зимн бояд иқрор кард, ки худи мафҳуми тасвир ва тасвиргарии шоирона, анвоъу ақсоми он ба сурати назарӣ ва амалӣ ҳанӯз ниёз ба бознигариҳои ҷиддӣ дорад. Ғолибан мо тасвирро то кунун

дар таркиби ташбеҳ (бештар ташбеҳи равшан) ва аҳёнан дар амалиёти зоҳирии падидаҳо, ҷонварон ва инсонҳое дидаем, ки заминаи образ ё худ сувари хаёли шоирона ва таҷассуми шоиронаи воқеиятро ташкил додаанд. Аз ин ҷост, ки ҳар гоҳ аз тасвиргариҳои шоиронаи устод Рӯдакӣ масал зада мешавад, ғолибан ҳамон ашъораш чун шоҳиди мисол иқтибос мегардад, ки дорои ташбеҳи равшан ҳастанду халос. Аз ҷумла, байти мансуб ба ӯ (ки онро ба Қатрон ҳам нисбат медиҳанд):

Бихандад лола бар саҳро ба сони чеҳраи Лайло,
Бигиряд абр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун.

Аммо дар асл, агарчи барҷастатарин вижагии шеъри устод Рӯдакӣ равшанбаёнӣ аст, ӯ ҳаргиз тасвирро дар сатҳи болои шеър қарор надода ва чунон нанамуда, ки муроди аслии ӯ аз шеъре тасвирсозию тасвирпардозӣ ва ба ин васила намоиши қудрати табъ бошад. Тасвирҳои устод Рӯдакӣ хеле бештар аз як тасвири маҳз ҳастанд. Тасвири маҳз ҳам холӣ аз лутфу ҳол ва арзиши маънавию эстетикӣ нест. Он ҳам моро бо ҷаҳони хориҷ ошнотар ва маҳрамтару қарин месозад ва эҳсоси зебошиносиро дар вуҷуди мо парвариш медиҳад, яъне инсонтар мекунад. Аммо тасвирҳои Рӯдакӣ василае ҳастанд, ки бо латофати худ маъонии беш аз он латифро дар ҳарир мегиранд ва дилпазиртар месозанд. Масалан ба ин қитъа таваҷҷуҳ шавад:

Зулфи туро ҷим ки кард? Он ки ӯ
Холи туро нуқтаи он ҷим кард.

В-он даҳани танги ту гӯйӣ касе
Донагаке нор ба ду ним кард.

Шоир намегӯяд, ки “Зулфи ту чун ҷиму холат нуқтаи он”, ки ин тасвири сатҳӣ ва маҳз аст. Ҳамчунин намегӯяд “Даҳонат донаи норест дуним”. Ин корро бар худ раво намедорад, чандон арзише ҳунарӣ ҳам нахоҳад дошт. Ин дар ҳолест, ки шояд пеш аз ӯ касе чунин ташбеҳеро ба кор набурда. Вале бисёре аз шоирони баъдӣ, ки меросбарони Рӯдакӣ будаанд, ҳамин гуна тасвири сатҳӣ ва маҳзро аз айни ҳамин сувари хаёл (образҳо) барои худ раво шумурдаанд. Муроди аслии Рӯдакӣ печида дар ҳарири ин тасвирҳо ин аст, ки бигӯяд: Чи касе ин корро кард? Холи маҳбубро кӣ нуқтаи ҷими зулфи ӯ кард? Маълум аст, ки офаридгори ӯ, на машшота ва он корро бо даҳани чун “донагаки нор”-и маъшуқ низ офаридгори ӯ анҷом додааст. Суол дар ин шеър таҷоҳули ориф аст ва худи шоир асли маъниро медонад. Мунтаҳо шоир мехоҳад бо қудрати тамоми шоирии худ ба субут бирасонад, ки ҳусни маҳбуби ӯ худодод ва табиъист, на маснуъӣ.

Гузашта аз ин, табъи халлоқаи шоир ӯро аз маҳдудаи тасвирҳои ъайнӣ ба сӯйи тасвирҳои зеҳнӣ савқ медиҳад, ки аз он ба баъд истилоҳи “тасвир” барои ин суварпардозиҳо кифоят намекунад, ин ҷо мо бо падидае дигаре сарукор дорем, ки онро дурусттар аст на “тасвир” балки “ТАСАВВУР” ё “ФАРЗ” биномем, зеро аксари тасвирҳо дар он комилан зеҳнӣ ва парвардаи маҳзи тахайюли шоир, албатта бар асли мушоҳида ё тасаввури як воқеият, мебошанд, ки онро “фарзи шоирона” низ метавон номид:

Фариштаро зи ҳаловат даҳон пуроб шавад,
Чу аз ҳаловати май дилбарам лабон лесад.
Равон шавад зи дидаи афлокиён ҷайҳун,
Нисоли тираш агар қабзаи камон лесад.
Бахокхуфтаи тири ту аз ҳаловати захм,
Забон бароваради захмро даҳон лесад.

Ин шеваи тасвиргарӣ ва тасвирсозӣ, яъне тасаввур ва фарз

уфуқҳои маънипардозии бадеъи шоиронаро вусъати беҳадду марз мебахшад, зеро зеҳни фаъъол ва халлоқаи шоир танҳо бо ишорати сарангуште аз воқеиятҳо метавонад ҷаҳоне маънавиро бозофаринӣ кунад ва чун зеҳни шоир олами фардии ӯро ташкил медиҳад, ин тасаввурҳо ва фарзҳо метавонанд комилан ибдоъгарона ва баназиру мисол бошанд. Ба ҳамин васила ҳаст, ки устод Рӯдакӣ ситоиши мамдуҳи худ Насри Сомониро ба наҳви аҳсан анҷом дода метавонад. Зеро мамдуҳи ӯ шахсиятест, ки ба қавли худи шоир:

Гуфт надонӣ сазош, хезу фароз ор
Ончи бигуфтӣ, чунон ки бояд, натвон.

Барои адои ин вазифаи қалбӣ ва содиқонаи худ, яъне “гуфтани сазош ончунон ки бояд” устод Рӯдакӣ аз баёни аён ва тасвири зоҳир ба тасаввуру фарз мепардозад, ки бизоташ дар ин водӣ тамомшуданӣ ва маҳдуд нест ва мегӯяд:

Шоҳе, ки ба рӯзи разм аз родӣ
Заррин биниҳад ба тир-дар пайкон,
То куштаи ӯ аз он кафан созад,
То хастаи ӯ аз он кунад дармон.

Оё метавон бовар кард, ки шоҳе (бигузор Насри Сомонӣ) аз ғояти ҳиммату ҷавонмардӣ пайкони тири худро дар рӯзи ҷанг аз тило мекард, то ин тир ҳаркиро захмӣ мекард, он захмӣ аз ин пайкони тилоӣ худро даво менамуд ва агар кушта мешуд, ин пайкони тилоӣ сарфи маросими дафни ӯ мегардид. Ин ҳиммат ва бахшиш боз дар ҳаққи душман, на дӯст. Душвор аст, ки касе инро чун як воқеият бипазирад, аммо тасаввур ва фарзи шуҷоъонаи шоирона қуввате дорад, ки табъу завқ онро таҳсин мекунад ва ин таҳсин боиси қабули он мегардад. Дармеёбем, ки агар мамдуҳи шоир ороста ба камоли сифоти инсонпарварӣ ва ҳиммату родӣ намебуд, ин фарз ва ин тасаввур ба хотири шоир хутур наменамуд. Агар ин тасаввур тасвири як воқеият ҳам набошад сурати воқеии ҳиммати билқувваи мамдуҳи шоир мебошад.

Тасаввур зебоиҳои шигифтангезеро аз зеҳни шоир берун мекашад, ки ҳаргиз дар доираи имкони тасвири сатҳӣ ва маҳз имконпазир намегардад:

Биёру ҳон бидеҳ он офтоб, к-аш бихурӣ,
Зи лаб фуру шаваду аз рухон барояд зуд.

Ҳар тасвире, ки аз зоҳири рангу бӯйу нашъаи май бикунанд, ба ин тасвири фарзӣ, ки гардиши офтобро дар

пайкари инсон ба тасаввур манзур месозад, баробар намеояд.

Он гуна ки ёдоварӣ шуд, фардияти зеҳнии шоир ва ҷаҳони рангину ғании ин зеҳният имкон медиҳад на яку ду балки силсилаи тасаввурҳо ва ба ин восита маъниҳои ғарибро бисозад, ки муҳри фардият дар онҳо чандон сареҳ ва амиқ нишастааст, ки гумон аст, имкони такрор ё сирқати онҳо мавҷуд бошад.

Ба даври адли ту дар зери чархи миноӣ
Чунон гурехт зи даҳри дуранг ранги футур,
Ки боз шона кунад ҳамчу бод сунбулро
Ба неши чангали хунрез тораки усфур.

Тасвири камоли адлро дар шеъри ҳазору дусадсолаи тоҷик

ғолибан бо таъбири “баҳам овардани гургу меш дар обишхур” баён кардаанд. Мукаррар. Он қадар, ки зарбулмасал шудааст. Аммо дар ин маъно низ баёни Рӯдакӣ дигар аст, фард аст, ғариб аст, фарзе ва тасаввурест ноб, ки аз умқи зеҳни рангини худи ӯ таровиш кардааст ва шоҳиди самимияти ӯ дар баёни ин маъно мебошад. Дар акси ҳол чи касе ин қадар ҳавсала ва биниши борики шоирона дорад, ки барои баёни ин маъно бозе (шоҳине)-ро тасаввур ё фарз кунад, ки сари гуҷишк (усфур)-ро бо чанголи худ аз сари шафқат шона бизанад ба он нармӣ ва назокате, ки насим бар шохаи сунбул мевазад. Ва ба илова ин ҳама тасвиргариҳои зеҳнӣ чунин сурат ва маънавияти айнӣ ва табиӣ дошта бошад.

Ин қитъаи низ намунаи барҷастаи корбурди бомуваффақуияти тасаввури шоирона мебошад:

Чанд бардорад ин ҳарева хурӯш?
Нашавад бода бар самоъаш нӯш.
Рост гӯйӣ, ки дар гулуш касе
Пушакеро ҳамебимолад гӯш.

Шаҳиди Балхӣ

Шаҳиди Балхӣ аз шоирони ҳамзамони Рӯдакист ва сабки шеъраш ҳам сабки Рӯдакӣ аст, яъне сабки хуросонӣ. Аз марсияе, ки Рӯдакӣ дар сӯги ӯ суруда маълум аст, ки Одамушшуаро чи ҳад барояш мартаба қоил будааст:

Корвони Шаҳид рафт аз пеш
В-они мо рафта гиру меандеш.
Аз шумори ду чашм як тан кам,
Аз шумори хирад ҳазорон беш...

Яъне бо мулоҳизаи ин васфи устод Рӯдакӣ ва ашъори бозмонда аз ин шоир маълум мегардад, ки аз шоирони радаи аввали даврони худ аст ва суханаш истеҳкому шириние вижа дорад ва ин қитъаи бисёр машҳур аз ӯст:

Агар ғамро чу оташ дуд будӣ,
Ҷаҳон торик будӣ ҷовидона.
Дар ин гетӣ саросар гар бигардӣ,
Хирадманде наёбӣ шодмона.

Шаҳиди Балхӣ низ бо таваҷҷӯҳ ба қитъаи аввалу низ дувум ва онгуна, ки пештар дар чанд намуна аз ашъори устод Рӯдакӣ дидем, аз тасаввури шоирона (поэтическое воображение) ё худ “фарзи бадеъ” барои баёни равшану бадеъ ва таъсиргузори матлаб ба хубӣ ва бисёр муфассал истифода менамояд. Мегӯяд: То кай ин ҳарева (овозхони

ҳиротӣ-шояд шахси маълумест ё ҳиротӣ ба маънои овозхон ҳам қаробат дошта) фарёду ғавғо (хурӯш) бардорад. Бо хондани (нохуби) ӯ бода нӯш намешавад, яъне аз гулу хуш намегузарад. Ва баъд он тасвири тасаввурии нодир ва муфассалу дорои танзи амиқ пеш меояд, ки назирашро танҳо дар гуфтори мардум метавон пайдо кард.

Рост гӯйӣ, ки дар гулуш касе

Пушакеро ҳамебимолад гӯш.

Яъне овози ин овозхон, мутриб он қадар зишту нохушояду дилхарош аст, ки гумон мекунӣ касе дар гулуи ӯ (акнун тасаввур кунед, ки гулуи ӯ макони всеъест, ки инсони дигаре он ҷо ҳузур ёфта, амал мекунад) пушакеро (гурбаеро) гӯшмол медиҳад, яъне азобу шиканҷа мекунад ва ин садои зишт, ки аз гулуяш меояд гӯё фарёду фиғони ҳамон гурба аст.

Аз як тараф шарҳи тасаввурии як ҳолати муродшуда ва он ҳам бо кинояву танзи амиқ ва аз тарафи дигар лоқайдиву озодагии шоир ва бидуни тааммули ин нукта, ки оё ин сухан чи гуна пазируфта мешавад, воқеан ин шеърро ба навъи баёнҳои мардуми одӣ вале соҳибзавқ бисёр наздик мекунад.

Аз ин қитъа ғанимати дигаре, ки мо мебардорем таъбири зебои “нӯш (на)шудан” аст. Яъне нӯш шудан – хушгувории хурданӣ ва нӯш нашудан баръакси он.

Бинои шеърияти қитъаи дувуми ёдшуда аз Шаҳиди Балхӣ ҳамчунин бар тасаввури шоирона ва ё худ фарзи бадеъ аст. Барои баёни ин мазмуни мукаррар гуфта шуда, ки ҳеч хирадманде шодмон нест тасаввуреро месозад, ки яъне фарз бикунед, ғам дуд дошта бошад. Пас аз ин фарз

бидонед, ки он гоҳ ҷаҳон ҳамеша торик мебуд. Зеро дар рӯйи олам ҳар ҷо биравӣ хирадманде шодмона намебинӣ ва ҳамагӣ ғамгинанд ва бо он ҳол дуди ғами онҳо ин ҷаҳонро торик мекард.

Мулоҳиза фармоед, домани тасаввури шоирона чи андоза фарох аст ва роҳи водии хаёлро то куҷоҳо боз мекунад ва чи андоза шоирро дар баёни мазмуни матлубаш қудратманд месозад. Ончи дар айни ҳол худ дар зеҳни пазиранда ба тасвир табдил мегардад, яъне нақше дар зеҳни мо аз он боқӣ мемонад, ки чун сурати як воқеият аст, ки мо худ мушоҳида кардаем. Ба иборати дигар шоир ба воситаи тасаввури шоирона на ин ки мавҷудотро тасвир мекунад балки ҷаҳонеро аз пеши худ мавҷуд месозад, ки дар муҳити пазириши мо он худ ба ҷузъи тозае аз ҷаҳони воқеъ табдил мегардад. Тасаввур ва фарзи шоирона дунёро паҳно ва рангинии (танаввуъи) бештару бештар ато менамояд.

Пештар дар силсилаи “Шеър ва дониш” дар хусуси “фарзи шоирона” ва тасаввури эҷодӣ зимни фасле алоҳида суҳбат шуда буд, аммо бо муроҷиати дигарбора ба ин мавзӯъ мустақиман дар ашъори устод Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ эътиқоде ба миён омад, ки ин мавзӯъ ба таври алоҳида шоёни рисолаи муфассале метавонад бошад.

ШЕЪР ВА ВОҚЕИЯТ

Дар идомаи суҳбати пешин ногузир ба баҳси таносуби санъат бо зиндагӣ ва воқеият мерасем, агарчи ин ҳадафи мустақими ин гуфтор нест. Ҷараёни маъруфи назарии “Санъат барои санъат” ё “Ҳунар ба хотири ҳунар”, ки дар чанд садаи ахир тарафдороне дошта ва шеваҳои гуногунеро дар ҳама анвои ҳунар, аз ҷумла адабиёт (ин ҷо муроди мо – шеър) ба вуҷуд оварда, иддаояш ин аст, ки ҳунар ва аҳдофи он як ҷаҳони хоссе мебошад, ки меъёрҳои худро дорад ва мурод аз офаридани осори ҳунарӣ маҳз худи ҳамин осори ҳунарӣ ва ба ҷилва овардану арза кардани лаёқату истеъдод ба воситаи ин осор мебошад. Аз осори ҳунарӣ (аз ҷумла шеър) чизи дигаре ҷустану хостан таҳмили норавост. Дар ниҳоят ин ҷараён ба шаклпарастӣ ва қолабоиои маҳз мунҷар мегардад. Ба иттифоқи назарҳо саромад ва ҷомеъи ин навъ назариёт нависандаи Фаронса Густав Флобер (1821 – 1880), муаллифи румони машҳури “Хонум Бовари”-ро медонанд.

Густав Флобер ҳадафи ҳунарро бартар аз ранҷҳои инсонҳо ва масоили иҷтимоӣ медонад ва хилвати ҳунарманд – адибро ба таъбири “Бурҷи оҷ” (Башня из слоновой кости) баён мекунад, ки ҳунарманд, адиб дар он хилват гузида, ба дур аз машғалаҳои ҷомеа осори олиҷаноби ҳунарии худро эҷод мекунад. Ӯ менависад: “Бояд вуҷудро раҳни рисолати худ намуд, ба бурҷи оҷи худ баромад ва мисли баядера (раққосаи мазҳабии ҳиндӣ) миёни накҳати атриёт ғарқи таманноҳо худ шуд”. “Бигузор Империя ба пеш қадам бардорад, вале мо дарро мебандем, ба баландтарин нуқтаи Бурҷи оҷи худ

мебароем, ба охирин зина, ҳарчи наздиктар ба осмон. Он ҷо баъзан сард аст, воқеан! Аммо ин фоҷеа нест! Дар иваз ситораҳо дурахшонтаранд ва ҳарфи аҳмақон ба гӯш намерасад.”[29]

Аз ин суханон садои касе ба гӯш мерасад, ки аз ҷомеа, олами атроф, инсонҳо маъюсу мутанаффир аст ва мехоҳад ба воситаи ҳунар барои худу худгунаҳо ҷаҳони алоҳидае биофаринад. Аммо то куҷо? Ӯ худ ҷузви ин олами вуҷуд аст ва мазмуну мундариҷоти осорашро низ аз воқеият ва ҷомеа мегирад. Танҳо ин боқӣ мемонад, ки худро аз рисолати иҷтимоӣ ва башарӣ озод намояд, ки албатта муяссар нест.

Посухи муҷаз, шоирона ва ҳакимонаи ин навъ назарияро метавон дар як байти фарди Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ пайдо кард, ки фармуда:

Дурдона адошиноси дарёст,
Аз гардиши осиё чӣ донад?

Дурдона нозпарварди дарёст ва дар синаи садаф, дар хилвати дили дарё нишаста адоҳои он, навозишҳои онро дармеёбад ва ба тафохури ноздонагии худ машғул аст, чун асбоби зинат ва таҷаммул аст, аммо чи медонад, ки ин дарё чи тавр чархҳои азими зиндагии башарро мегардонад? Оё ин муҳимтар ва ҳатто зеботар нест? Алҳақ, чун муҳташамтар, ҳадафмандтар ва маънодортар аст. Ин се унсур шарти зотии бақо ва асолату устувории зебоист. Дарё рамзи олами вуҷуд ва зиндагист, дурдона рамзи ҳамон хилватнишини ноздона.

Албатта, Иқбол ва дигар шоирони мо аз ин сувари хаёл ё образ (дурдона, гавҳар, марворид) истифодаҳои дигаре доранд, ки он ҷо ба муроди дигар “қаҳрамон” аст. Масъалаи рисолати ростини адиб, аз оғози вуҷуди адабиёт мавриди баҳсу баррасӣ буда, яке аз иёрҳои шинохти қимати осори бадеъ дониста шудааст. Аз Афлотуну Арасту то Ибни Синову Насириддини Тӯсиву Фирдавсиву Ҳофизу Саъдиву Ҷомиву Бедилу Иқболу Турсунзода рисолат шоиронро чун

[29] https://ru.wikipedia.org/wiki/Башня_из_слоновой_кости.

шабеҳи рисолати паёмбарон донистаанд:

Шеърро мақсуд агар одамгарист,
Шоирӣ ҳам вориси пайғамбарист.[30]
(Иқбол)

Шеъри ман,
хуни ҷигар
ё пораи дил гӯямат,
Ё шитоби корвон дар роҳи манзил гӯямат...[31]

Аммо ҳоло маҷоли ин баҳси густарда нест, чун мурод бештар суҳбат рӯйи моҳият ва ҷанбаи зотии илмиву ҳунарии шеър аст.

Пештар ёд шуд, ки иртибот ба воқеият ва коройӣ бар зебоии чизҳо меафзояд. Шумо тасаввур кунед: шамшереро мебинед бар девори дуконе овехта, зебоии он назари шуморо ҷазб месозад. Аз дукондор суол мекунед, ки ин шамшери ҳақиқист? Ӯ, масалан, посух медиҳад, ки на, зинативу ороишист. Ҳамон замон зебоии он шамшер дар тасаввури шумо баҳам мехурад. Мисли он ки масалан мурдаи ҷонвари зебоеро дида бошед. Ҳамин тавр, ҳар чизи зебое, ки асолати амалӣ надорад, бо дарёфти ин нукта дар назари шумо сард мегардад ва ҳаргиз зебоии асли он чизро нахоҳад дошт.

Шеъре низ, ки танҳо ба хотири нишон додани ороишоти лафзӣ суруда шуда, ҳадафи равшан (бигузор эстетикӣ ва зебошинохтӣ) ва нуктае тозаву эҳсосоте волоро дар худ гунҷоиш надодааст, чунин аст.

Манзур аз воқеият дар шеър, албатта, вуҷуди ҳатмии ҳодисаву воқеа ва ё тасвири ҳатмии чизҳо ва рухдодҳои воқеӣ нест, агарчи вуҷуди ин чизҳо низ як шарти муваффақияти шоир ва, умуман, адиб мебошад, балки манзур ба мизони эътидоли ақлу мантиқ ва тасаввуру тахайюл, ҳамчунин қоидаҳои забону баён мутобиқ будани сухани шоир ва дар ниҳоят бо паёме бозгӯии ҳадафеву нуктае анҷом ёфтани

[30] https://ganjoor.net/iqbal/javidname/sh13/
[31] Мирзо Турсунзода. Гулчини ашъор. Душанбе: Адиб. 2001, с.12.

сухани шоирона мебошад. Ҳамчунин гуфтанист, ки мақсуд аз эътидолу мантиқ маҳдуд кардани имтиёзоти каломи бадеъ нест, балки дар ҳудуд ва қаламрави сухани бадеъ ва фазои ҳунару адабиёт ин чизҳо дар назар дошта мешавад. Ҳам беиттилоъӣ ва белаёқатӣ дар корбурди имконоти баёни адабӣ ва тахайюл ва ҳам ифроту зиёдравӣ ва ё инҳироф дар истифода аз ин имконот яксон адибро ба вартаи нокомӣ мекашад. Шоирони тавонову огоҳ бо нигоҳи ноқидона гоҳо ба ин дурӣ аз низоми эътидол дар ашъори худ ишора кардаанд. Аз ҷумла Шавкати Бухоройӣ, ки ба сабки ҳиндӣ гароиш дошт, менависад:

Зи фикри дур хаёлам ғариб шуд, Шавкат,
Миёни маъниву шеърам ҳазор фарсанг аст.

Манзури Шавкат дар ин байт ҳам агарчи танҳо мазаммати “хаёли дур” нест, балки аз ин мазмун ҳам истифодаи шоирона мекунад ва дар асл бо хаёли ғариб (маънии ғариб, хаёли фавқулода) менозад, аммо ҳаройина касоне, ки аз сабки ҳиндӣ ва ғулувв дар он огоҳанд, ҳамзамон нақди ин шеваро эҳсос мекунанд.

Бедил ҳам бо ишораи танзомезе ба “хаёли дур” маъносозӣ мекунад, аммо чун ҳамеша барои Бедил маънои бикру баланд:

Дар назар дорем маргу аз амал ғофил наем,
Пеши по дидан нашуд монеъ хаёли дурро.[32]

Яъне: маргро дар пеши пойи худ, пеши чашми худ мебинем, вале аз амал (бо алиф, на бо ъайн) – ҳавасу орзуҳои дуру дароз ва муҳол даст намекашем ва ин марги яқинро дар пеши пойи худ дидан ибрате нашуд, ки мо аз хаёлҳои муҳол ва дуру дароз даст бикашем. Воқеан, дар ин байт тахайюл ғарибу бисёр борик аст, аммо бо бофти бисёр ҳунармандона (таносуби мутаноқиз – парадоксӣ) ин маънои ғариб (бикру фавқулода) бо барҷастагӣ баёну мушаххас мешавад.

Дар натиҷа, бо вуҷуди кашидагии бесобиқаи тори тахайюл, мо аз ин байти устодона лаззат мебарем ва онро чун баёни

[32] http://fovj.ir/150تا1_غزلیات_دهلوی-بیدل-دیوان

дақиқу барҷастаи як воқеият мепазирем.

Фазои тахайюли Бедил, бо огоҳӣ ва иҳотаи комиле, ки дорад, аз Азал то Адам мерасад. Яъне аз нуқтаи пеш аз офариниш то дунё ва ҷаҳони пас аз марг. Ва ин фазои азим барои ӯ ба масал боғест воқеӣ, ки ҳар гоҳ бихоҳад даст меёзад ва аз шохи дарахтонаш самари маъно мечинад. Масалан, ба ин байт таваҷҷуҳ кунед:

Кафан дар машҳади мо – бенавоён хунбаҳо дорад,
Зи урёнӣ бурун о, гар тавонӣ шуд шаҳид ин ҷо.[33]

Дар ин байт тарафи хитоби Бедил рӯҳҳои (ҷонҳои) муназзаҳ (бидуни ҷисме)-ст, ки ҳанӯз аз водии азал ба олами вуҷуд наёмадаанд ва кафан ҳамин ҷисми дунявист ва хунбаҳои ин кафан саъю кӯшиши камол аст (дил хун кардан аст) то музди ин кафан (ҷисм) дода шавад ва мо "бенавоён" ҷуз ин дил хун кардан дар саъю талаби камол бисоти дигаре барои пардохти ин хунбаҳо надорем ва эй рӯҳи муназзаҳ, ки аз азал ҳанӯз ба олами вуҷуд наомадаӣ, агар тоби чунин хунбаҳоеро дорӣ, ба талаби ин кафани шаҳодат – ҷисм биё! Ин ҷо ҳам дар таркиби мантиқии шеър боз танокузе (парадоксе) ҳаст, ки барои шаҳид дар асл кафан шарт нест, аммо чун мурод аз шаҳодат дил хун кардан аст дар касби камол, баҳое барои он ногузир дониста мешавад. Парадокси дигар дар таъбири "аз урёнӣ берун омадан" аст, ки дар асл урёнӣ худ чизест орӣ ва берун аз ҳар чизи дигар ва мурод аз ин бурун омадан, аз он урёнӣ ба ҳолати акси он тағйири ҳол додан аст.

Ин маъноро дар як байт ба ин зебоӣ ҷой додан на танҳо эҷоз, балки эъҷоз аст. Агар печидагие дар каломи Бедил дида мешавад, на аз мубҳам будани баён, балки аз тарокум (пурии) маъност. Аммо вақте ки маъно камрангу пӯч аст, аз ин сабк кор гирифтан, суханро на танҳо дур аз чошнии завқ мекунад, балки ба он ранги ҳаҷву тамасхур медиҳад. Мисли он ки тифле нодон риши сунъӣ бар манаҳи худ бичаспонад, дар

[33] Ҳамон ҷо.

чашм айнак гузорад, аммома бар сар ва або бар тан кунад ва ба тақлиди бузургон “ваъз бигӯяд”.

МАЪНИОФАРИНӢ ВА ТАКАЛЛУФ

Баҳси пешин, ки бо ду байти зайл хатм шуда буд, ногузир моро ба сари мавзӯи дигаре меорад, ки метавон онро “Маъниофаринӣ ва такаллуф” номид:

Ҷабри гул бар сари парвона зи занбӯри асал,
Боғбонро гӯй бори дигараш раҳ надиҳад.

Ё:

Чашми занбӯри асал парвонаеро диду гуфт:
Оқибат ишқи ту моро хонавайрон мекунад.

Чуноне ёдоварӣ гардид, ин байтҳо аз тарафи бисёриҳо моли Бедил муаррифӣ мегардад, ки ин нишони тасаввуроти бисёр сатҳӣ дар хусуси сабки Бедил ва, умуман, афкору осори Абулмаонӣ мебошад.

Барои “кашфи румуз”-и ин абёт кофист мухотаб ҳаминро бидонад, ки василае, ки занбӯри асалро ба парвона рабт медиҳад, шамъ аст, ки беҳтаринаш аз муми асал сохта мешавад. Нависанда қасдан ин шамъро пинҳон кардааст, то зеҳну завқи мухотабони худро ба ҷустуҷӯ водорад (ё озмоиш кунад). Хулоса, замоне ки “гиреҳ”-и ин байтҳо во мегардад, ҳамин миқдор маъно ба даст меояд, ки 1) “Гӯё ба хотири ишқи парвона ба шамъ аст, ки хонаи аз мум сохташудаи занбӯри асалро вайрон мекунанду аз он шамъ месозанд ва парвона бо шамъ ишқ мебозаду ба ин восита зулми парвона ба занбӯри асал мерасад”; 2) “Занбӯри асал шарбати гулҳоро мечинаду асал месозад, баъд он асалро мегиранду аз зарфи он, ки мум аст, шамъ месозанд ва дар ниҳоят парвона дар ин шамъ месӯзаду маҳв мешавад ва ба ин восита зулми (ҷабри) гул ба парвона мерасад”. Дар гунаи дувум ба иловаи як сувари хаёли дигар (гул) ришгаи хаёл дарозтар карда мешавад ва машқи зеҳн душвортар.

Ин байт ва ин гунаҳои баён танҳо метавонад дар фазои маҳфиле ё мадрасае одиву сода ба хотири варзиши завқу зеҳн сурат бигирад ва аз мухотабон хоста шавад, ки бо қиёсу

таҳлил муносибати сувари хаёлеро (образҳоеро), ки маъмулан дар боқии ашъор дар паҳлуи якдигар қарор нагирифтанд ва муносибаташон бо якдигар ошкор нест, маълум намоянд.

Хусусан, ин вариантсозӣ бо каме тағйири мазмун дар як қолаб ҳамин гуна машқҳои содаи мадрасагиро ба ёд меорад. Гузашта аз ин, дар ин байтҳо ҳатто забону баёни одиву маъмулӣ (на ҳунарӣ) норасо ва дорои иштибоҳу камбуд аст. Дар баёни "Ҷабри гул бар сари парвона зи занбӯри асал" анҷомаи хабарии "аст" ё анҷомаи дигари хабарӣ ҷой надорад, ки аз меъёри забони солим хориҷ аст. Дар ибораи "бар сари парвона" калимаи "сари" зиёдӣ (ҳашв) мебошад. Ҳамчунин дар байти дигар дар ибораи "Чашми занбӯри асал" калимаи "чашми" низ зиёдӣ ва на танҳо ҳашв, балки ҳашви қабеҳ мебошад.

Хулоса, ин байтҳо сохтаи касест, ки на танҳо суханвар ва шоири ҳақиқӣ, балки дорои саводу салиқаи кофӣ дар таҳриру тасниф ҳам нест. Аммо таркиби ин байтҳо барои варзиши завқу хаёли тифлони мактабхон, муқаддимаи ошноии онҳо бо рабту таносуби сухан бесуд нест.

Акнун бубинем, ки шоирони воқеӣ ва тавоно аз ҳамин таркиби сувари хаёл чи гуна истифода мекунанд.

Ҳофиз мегӯяд:

Ҷудо шуд ёри ширинат, бирав, танҳо нишин, эй шамъ,
Ки ҳукми осмон ин аст, агар созӣ в-агар сӯзӣ.

"Ёри ширин"-и шамъ, ки низ аз мум аст, ҳамон асал (ангубин) аст ва сӯзи шамъро Ҳофиз ба фироқи ӯ аз ин ёри ширин фарз мекунад. Ҳофиз ин суханро он қадр ба сурати табиӣ, одӣ ва равон мегӯяд, ки ҳаргиз ба хаёл намеояд, ғаробату аҷобатеро манзур дошта бошад ва ин таносубу пайванд ба воситаи ин навъи нигариш ва сабки нигориш асолат пайдо мекунад. Такя ва таъкид бар аҷобати гуфтор кори шоири бузург нест. Ҳофиз ба воситаи ин байт масъалаи азиме чун сарнавишт ва мардона пазируфтани онро ба ниҳояти зебоӣ ва эътимодбахшӣ баён мекунад.

Бедил мегӯяд:

Эй нони ту гарм аз тафи дилҳои кабоб,
Аз ғояти нокасӣ бибояд шуд об.
То коми ту молид як ангушт асал,
Бунёди ҳазор хона гардид хароб.[34]

Хитоби Бедил дар ин рубоӣ дар нигоҳи аввал ва сатҳӣ ба шахси золим ва дар асл ба зоти инсон, аз ҷумла худ аст, ки барои таъмини ҳастии худ ҳама мавҷудоти дигари ҷаҳонро масраф мекунад. Боз ҳам дар ин рубоӣ барои таъмини муассиртарин баён аз ҳамон сувари хаёли асал, мум ва занбӯри асал, бо зикри танҳо яке – асал истифода мешавад. Яъне, барои ба даст овардани як ангушт асал ту – инсон ҳазор хонаи занбӯрро (ҳазор хоначаи мум) хароб мекунӣ. Чи ҳикмати бузург ва такондиҳандаест, ки инсонро ба эҳтиёт ва эътидол дар сарфи неъматҳои ҷаҳон вомедорад ва ҳамчунин ба андешидан дар хусуси мақом, моҳият ва ҷойгоҳи худ дар низоми ҳастӣ. Чунон ки мебинем, дар ин рубоии Бедил ҳам ҳеч гуна таъкид ва ишора ба ғаробати сухан нест, балки онро чун як амри воқеъ баён медорад. Ин аст, ки мегӯянд: “Бубин тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо!”

Байти бисёр сохта ва такаллуфии дигар, ки солҳост зеҳни мардумро машғул дошта ва ҳар касе ба гунае аз он тафсир менамояду мисли бисёр чунин байтҳои маҷҳул онро ба Бедил (ҳатто баъзан ба Ҳофиз) нисбат медиҳанд, ҳамин байт аст, ки ки агар“мурдаи садсола” номаш бидиҳем, иштибоҳе нахоҳад шуд:

Мурдаи садсола дар тобути мижгон бӯ гирифт,
(баъзан “тобути ҳичрон)”
Мурдашӯи ҳусн ку, то зинда дар гӯраш кунад.[35]

Ин аз ҳамон навъи сабку салиқаву таркиби вожагониву баёни шеъри асри 18-19-и ҳавзаи адабиёти Ҳинду

[34] http://robaei.blog.ir/tag/%D8%AF%D9%84?page=3

[35] Ин байтро ҳамчунин баъзан ба Туғрали Аҳрорӣ нисбат додаанд, аммо собит нест.

Моваройуннаҳр буда, маҷлисӣ ва ё маҳфилӣ мебошад. Ин ҷо ҷустуҷӯ кардани маънии хосе ва маҳдуду мушаххасе, ки бар асли ҳикмате ё устурае ё воқеаи хосе бошад, як кори фиребост, ки метавонад моро ба бунбаст бубарад. Ин ҷо як маънии машҳуре ҳаст, ки дар ҳама шеърҳои шоироне, ки бахусус ғазали ошиқона ва орифона гуфтаанд ва ҳуснро васф кардаанд, вуҷуд дорад: нисбат ба шуҳуд, яъне наззора кардан ба мазҳари зебоӣ ва зебоии маънавӣ, ба таври табиӣ ихлосманд будан ва эътиқод доштан, ки ин чиз боиси биноии чашм мешавад. Чунки ривояти маъруфе ҳаст, ки се чиз биноии чашмро меафзояд – дидани рӯйи хуш, оби равон ва сабзазорон ва боз дар ҷои дигар мегӯянд дидори падару модар ва наздикон. Дар маҷмӯъ, ин нукта дар адабиёт бисёр машҳур буд, ки чашм бар асари дидани манзараи зебо, хоҳ чеҳраи инсон бошад, ё манзарае аз табиат, нерӯ мегирад ва биноиаш афзун мешавад. Муҳаммад Иқбол низ ҳамин нуктаро ба назм кашидааст:

Чашмро биноӣ афзояд се чиз,
Сабзаву оби равону рӯйи хуш.
Колбудро фарбеҳӣ меоварад,
Ҷомаи қаз, ҷони беғам, бӯйи хуш.[36]

Байти дувум ҳам айнан ба ҳамин маъно ривояти дигар аст. Муносибати ин ду маъно дар ду ривоят (рӯйи хуш, ё ҳусн ва бӯй), ки дар байти мавриди таҳлили мо дар баробари ҳам омадаанд, нишон медиҳад, ки шоири гӯяндаи он байти машҳур ҳам метавонист таносуби ин ду ривоятро дар назар дошта бошад.

Ибораи «сад сол», албатта, муболиғаи шоирона аст ва шоир ё як нафар дар гуфтугӯи одӣ ҳам ҳақ дорад ин гуна муболиғаҳоро ба кор бибарад. Масалан, сад сол аст касе рӯйи маҳбуби худро надидааст, мисли он ки чашми Яъқуб аз дидори Юсуф маҳрум буд, сад сол аст, ки чашми ӯ ба рӯшноии ҷамоли маҳбуб ё хостаниаш нарасидааст.

[36] https://ganjoor.net/iqbal/payam-mashregh/sh290/

Гӯянда ин чашмро мисли мурда тасаввур мекунад, ки дар тобут аст ва аз диди тасвирӣ он чизе, ки мо онро ба тобут ташбеҳ медиҳем, дар ноҳияи чашм, муносибтаринаш ҳамон мижгон аст. Чунки масалан, навдаҳои дарахтро ба ёд меоварад, тобут аз навдаҳои дарахт, аз чӯб мешавад. Ва агар чизеро дар ноҳияи чашм мо ба тобут бихоҳем, ки ташбеҳ бидиҳем, ҳамин мижгон аст.

Дар тобути мижгон ҳамин чашмро (ё ҳатто нигоҳро) дар назар дорад, ки гӯё бӯ гирифт, яъне ба ниҳояти харобӣ расид ва мурдашӯи ҳусн куҷост, ки то зинда дар гӯраш кунад. Яъне ҳусн боз ҳамон мазҳари зебоист ва шустан ин ҷо ба маънои наззора кардан, нигоҳ кардан, то ин ки ӯро пок кунад, покиза кунад, нерӯ бахшад ва эҳёгарӣ кунад. Он гоҳ медонем, ки масалан, бо об додан, бо ғусл додан баъзан эҳёгарӣ мекарданд. Масалан, Исои Масеҳ. Ва баъзан инро ба ашк нисбат медиҳанд, ғусл ба воситаи ашк, вале ин ҷо манзури аслӣ ҳамон об доштан аст. Боз як чизи дигар ин аст, ки дар сабки ҳиндӣ дучор меояд, ба хусус он маъниҳое, ки дар таркиби луғавии калима, дар фонди семантикии ҳамон калима вуҷуд доранд, баъзан ба баёни бевосита намеоянд вале дар занҷираи таносуб ба зеҳн мерасанд. Масалан, як нафарро мегӯянд, ки чеҳрааш об гирифт ё ки чеҳрааш об дорад. Ин об доштан ба маънои зебоист. Ҳамин вачҳи об доштанро дар зебоӣ, дар ҳусн воситае медонанд, ки дар ин байт дар зери пардаи тахайюл ба баён омадааст, ки ба воситаи ин наззора метавон бо оби ҳусн он мурдаро шустушӯи зиндагибахш дод.

Ин ҷо бештари кори шоирона дар ҳамон ҷумлаи охир – «зинда дар гӯраш кунад» аст. Мо бештар ин таъбирро ба маъное ба кор мебарем, ки касеро зинда дар гӯр кунанд. Масалан аъроби даврони ҷоҳилият (пеш аз ислом) духтарони навзоди худро зинда дар гӯр мекарданд. Дар зеҳни донандагони ин забон зинда дар гӯр кардан бештар ба маънои зинда ба зинда касеро гӯр кардан аст. Манзури шоир дар ин шеър баръакс аст, то ин ки он мурдашӯйи ҳусн бо оби ҷамоли худаш ин

мурдаи садсоларо дар гӯри худаш, ки косахонаи чашм аст, зинда кунад, ҳаёт бубахшад. Ҳамин тафовут миёни дониши қаблии мо аз ибораи “зинда дар гӯр” ё “зиндадаргӯр” андаке шеърро ба вуҷуд меорад. Ин байт бо “ҳама ҷамолу камоли маънавияш” дар ҳамин гуфтаҳо хулоса мешавад.

Заминаи аслӣ ва асосии ин навъ назари зебошиносӣ, ки тамоми фарҳанги суннатии моро фаро мегирифт, боз ҳамон ривояти маъруфи “Худованд зебост ва ба ростӣ зебоиро дӯст дорад” мебошад.

Аммо корбасти ҳунарии ин байт, бо вуҷуди ин қадар мазмунҳое, ки перомуни мавзӯъ мечархад, ба ҳадди зиёд такаллуфӣ ва маснуъӣ буда, ҳеч арзиши ҳунарии аслеро ба бор наёвардааст. Хусусан, тавсифи “бӯ гирифт” дар бораи мавсуф ин байтро аз ҳар гуна лутфе тиҳӣ мекунад ва баъди чунин тавсиф онро дигар “ҳеч обе намешӯяд”.

Ҷустуҷӯҳои зиёд ва маъниҳои зиёдеро ба ин байт бастан, албатта, гирифтор шудан ба ҷилваҳои иҳоми шоирмаобона аст, ки метавонад касро ба бунбаст бикашад.

Бояд гуфт, ки гурӯҳе аз мардум чунин гумон доранд, ки вазифаи шоир ҳар чи печида ва пинҳон кардани маънои шеър аст ва маъно ҳар қадар печидаву нуҳуфта бошад, ҳам худи ин маъно ва ҳам шеър ҳамон андоза арзишманд мешавад. Борҳо мушоҳида шудааст, ки ин тоифа ҳатто вақте шеър ё байти мавриди суолашон шарҳу маъно мешавад ва хостаи соҳиби он сухан ба равшанӣ ва содагӣ барояшон шарҳу тавзеҳ дода мешавад, як навъ эҳсоси ноқаноатмандӣ мекунанд, на аз он ки ин шарҳу тавзеҳро намепазиранд, балки ба хотири он ки “тилисм” шикаста шудааст ва дигар ин байт ё шеър он ҷаззобияти тилисмгунаро надорад.

Аммо шеър тилисму муаммо нест. Хусусан, шеъри шоирони бузург. Ба ёд меояд, ки дар соли таҷлили Мавлоно дар яке аз ноҳияҳои атроф ҷаласае баргузор шуда буд ва гардонандаи маҷлис, яке аз донандагони адабиёти классикиамон, муқаддимае барои оғози ин маҳфил мехонд, ки нафаре аз ҷой бархост ва суол кард, ки ин байти Мавлоно чӣ

маъно дорад?

Илми Ҳақ дар илми сӯфӣ гум шавад,
Ин сухан кай бовари мардум шавад?[37]

Садри маҷлис шурӯъ ба тавзеҳи ин масъала кард, ки Мавлоно ҳаргиз бо асрор ва муаммо сухан намегӯяд ва агар ҷое барои ҷазби диққат сухане муаммогуна ба миён оварад, ҳатман ба зудӣ худ шарҳи содаи онро медиҳад ва зеҳни шуморо дар бунбаст намегузорад. Он нафар боз аз ҷои худ бархост ва исрор кард, ки "ман сухани зиёдӣ намехоҳам, танҳо шарҳи ҳамин байтро мехоҳаму бас. Чи тавр илми Ҳақ (илми Худо) дар илми суфӣ гум мешудааст?". Дигар ошкор буд, ки манзури суолкунанда аслан имтиҳон аст дар ҳузури ом ва худ зоҳиран посухро медонад. Аммо гардонанда бо тааммул гуфт, ки посухи худи Мавлоно дар байти баъдӣ ҳаст:

Илми Ҳақ, эй ҷон, сифоти Ҳақ бувад,
Илми суфӣ айни зоти Ҳақ бувад.[38]

Магар касе муроди Мавлоноро шарҳе беҳтар аз ин метавонад кард? Ва оё касе, ки ин байтро аз "Маснавӣ" хонда магар метавонад аз байти баъдӣ, ки шарҳи бевоситаи он аст, ғофил бигзарад? Магар ин ки рӯҳаш шефтаву маҷзуби муаммо ва муаммобозӣ бошад.

Нодири Нодирпур, ки борҳо ба ин мавзӯъ пардохтааст, мегӯяд: "Усулан, касонеро ки дастандаркори шеъру ҳунаранд, ба чаҳор даста метавон тақсим кард:

Аввал, ононе, ки зеҳни сода доранд ва баёнашон низ сода аст. Сифати самимиро бар ишон итлоқ метавон кард.

Дуввум, касоне, ки зеҳни амиқу афкори печида доранд ва баёнашон низ ба табъи зеҳнияташон душвору буғранҷ аст. Инон қобили эътинову эҳтироманд.

Саввум, дастае, ки зеҳни амиқу афкори воло доранд ва он афкору зеҳниётро ба содатарин вачҳ баён мекунанд. Ишонро метавон шоирони комил номид.

[37] http://ganjoor.net/moulavi/shams/robaeesh/
[38] Ҳамон ҷо.

Чаҳорум, гурӯҳе, ки зеҳни сода ва андешаҳои сатҳӣ доранд, аммо онҳоро табъан ё умдатан буғранҷ ва печида баён мекунанд. Инон ё нотавонанд ва ё дағал! (Ҳиллагар).

Пас, танҳо меъёре, ки барои санҷидани кори шоирон дорем ин аст, ки баёнро ба эътибори маънои шеър доварӣ кунем ва агар аввалиро бо дуввумӣ мутаносиб ёфтем бар ҳаққонияти шоир сиҳа гузорем.”[39]

[39] Нодири Нодирпур. Сухане чанд дар бораи масоили тозаи шеър.//Садои Шарқ, №2, 2012.

ГУЗИНИШ

Мавзӯъҳои ҷовидонии шеър дар заминаи мазмунҳои гуногун парвариш ва таҷассуми бадеӣ ёфтаанд. Ба фазилати густурдагӣ ва фаровонии мазмун (образ, асотир, воқеа, тамсил... умуман, зарф ва паймона, он чи мавзӯъро дар бар мегирад ва таҷассум мебахшад) идомаи бепоёни умри мавзӯъҳои адабиёт (мавзӯъҳои ҷовидонӣ) муяссар мегардад. Соиб, ба ин ғанои мазмунҳо ва ҷилваҳои гуногуни он ишора намуда, мегӯяд:

Якумр метавон сухан аз зулфи ёр гуфт,
Дар банди он мабош, ки мазмун намондааст.[40]

Ҳофиз мефармояд:

Як нукта беш нест ғами ишқу ин аҷаб,
Аз ҳар касе, ки мешунавам, номукаррар аст.

“Ғами ишқ” яке аз ҷовидонатарин мавзӯъҳои адабиёт аст ва бо таваҷҷуҳ ба ашъори шоирони орифмашраб ин мавзӯъ дар кулл навъи маърифати онҳо аз олами вуҷуд ва муроди ҳастӣ мебошад. Мавзӯи дигари куллӣ ва ҷовидона, умуман, моҳияти ҳастӣ ва таҳаввули он, ҷойгоҳи инсон дар ин низом, муносибати ҳастию нестӣ (зиндагию марг), тақдири азалӣ, ихтиёру ҷабр... мебошад, ки ҳамагӣ дар доираи васеи мавзӯи ҳастӣ ворид мешавад ва ин мавзӯъ миёни шеъру илмҳои гуногун, хусусан фалсафа ва ҳамчунин дин, муштарак аст.

Дар чунин мавзӯи бузургу ҷовидонӣ шеър гуфтан кори бисёр сахт аст, зеро мавзӯъ ҳар қадр бузургу воло бошад, ҳамон андоза матонату балоғат ва фасоҳати гуфторро металабад. Аз тарафи дигар, дар ин мавзӯъҳо чун бузургтарин суханварон хома фарсудаанд, гоҳо кас гумон мекунад, ки сухани гуфтание намондааст. Аммо сухан ҳам, чун ҷузъе аз ин олами ҳастӣ, поённопазир аст. Фирдавсӣ қабл аз он, ки “Шоҳнома”-ро бинависад, хитоб карда буд:

[40]https://fa.wikiquote.org/wiki/صایب

Сухан ҳар чи гӯям, ҳама гуфтаанд,
Бари боғи дониш ҳама руфтаанд.[41]

Ва пас аз ин хитоб 60-ҳазор байти ноб гуфт!

Дар ин вусъати беинтиҳои мавзӯъ ва мазмун муҳимтарин кори шоир гузиниш аст. Гузиниши мазмун ва сувари хаёл (образ), тавре ки он ба беҳтарин сурат (муҷаз, пурмаъно, ба сурати дилпазир муҷассам ва муносиб) мавзӯъро таҷассум намояд.

Ба таъбири бисёр маъмул "образи барҷаста" биофаринад. Ва он ҳам дар матни сухани равон, матин, балеғ ва фасеҳ.

Дар акси ҳол бо баёне одӣ ва наздик ба шеваи хабарӣ гуфтани ҳақиқатҳое, ки донишмандон ба шеваи илмӣ, бо далелу бурҳон гуфтаву ба субут расондаанд ва аз назари сирф маърифатӣ низ барои мухотаб тозагие надорад, беасар аст. Кори шоир дар гуфтани ҳақиқатҳо бо баргузидани муассиртарин абзорҳои баён тафовут мекунад, ки ин муассир будан метавонад аз тариқи зебоӣ, назокат, шарофат, маҳбубият ва дигар хосиятҳои сувари хаёли мунтахаб (образу тамсилу устура) ва ҳамчунин баёни фасеҳу зебо ва дилнавоз хулоса бишавад. Масалан, ба ин байти Саъдӣ таваҷҷуҳ намоед:

Мунтаҳои камол нуқсон аст,
Гул бирезад ба вақти серобӣ.[42]

Дар мисраи аввал як ҳукми комилан илмии маъруф баён шудааст, ки "ҳар чизе, ки ба авҷ ва ниҳояти рушду камол " бирасад, боз ба сӯйи завол, нуқсону харобӣ рӯҷуъ мекунад. Ин ҳукми илмӣ аз бадеҳиёт (аксиома) аст ва нишони суханварӣ дар он баёни муҷазу матин дар қолаби назм аст ва ба ҳамин сурат ҳам то ҳадде дилпазир аст ва метавонад мақол шавад. Аммо баёни

[41] http://ganjoor.net/ferdousi/shahname/aghaz/sh8/

[42] https://www.vajehyab.com/dehkhoda/%D9%85%D9%86%D8%AA%D9%87%D8%A7

мустақим аст ва ҳанӯз саҳми адабиёт (шеър) дар он мушаххас нест. Шоир акнун барои тақвияти шоиронаи ин ҳақиқат ба сувари хаёл ва мусовии (параллели) адабии ин ҳукм муроҷиат мекунад ва аз миёни ҳазорон чизе, ки дар мисоли таҳаввули (рушду заволи) худ метавонад ин ҳақиқатро таҷассум намояд, "гул"-ро интихоб менамояд, ки чун ба ҳадди камолу ҷамоли худ (серобӣ) бирасад, мерезад, завол меёбад. Гул худ мазҳари камол, шукуфоӣ ва зебоист. Барои инсон маҳбубу азиз аст. Инсонро ба он ташбеҳ мекунанд ва яке аз истиораҳои машҳур ба киноя аз маҳбуба ва маъшуқа аст ва боз ҳам ба қавли И.В.Гёте дар адабиёти форсӣ, баракси он ки дар адабиёти Ғарб ҳаст, он танҳо як образи ҷузъӣ нест, балки табдил ба устура шудааст. Муроди Саъдӣ низ дар ин камолу завол қабл аз ҳама камолу заволи инсон аст ва чизе зеботару муассиртар ва маънодортар аз гул наметавонад он ҳақиқатро таҷассум намояд.

Аммо ҳанӯз шеваи баёни адабии ин ҳақиқат ҳам сода аст ва аз ҳукми аввал ("мунтаҳои камол нуқсон аст") танҳо ба ин хотир тафовут мекунад, ки дар зеҳни мо истиора будани "гул" ва "серобӣ" муқаррар аст, медонем, ки сухани шоир ба маҷозу киноя аст. Дар акси ҳол ин нукта ҳам, ки "гул бирезад ба вақти серобӣ" як ҳукми илмии наботшиносӣ (ботаникӣ) метавонад талаққӣ шавад.

Пардози адабии ба маротиб бештари тақрибан ҳамин мавзӯъро дар заминаи ҳамин мазмун дар ин байти Бедил мебинем:

Видоъи ғунчаро гул ном карданд,
Тарабро мотами ғам офариданд.[43]

Яъне, вақте ки ғунча лаб во мекунад (мешукуфад) аслан видоъ кардани ӯст бо олами вуҷуд, ҳастӣ, вале мо ин видоъро (ки дар асл мояи ҳасрату андӯҳ аст) "гул" номидем, ки гул худ василаи шодмонию тараб аст ва бо ин амали худ ғамро куштем ва шодии худро ба мотами ғам табдил кардем. Ба иборати дигар, ғамро ба дасти худи ӯ куштем. Барои ин навъ

[43] http://ganjoor.net/bidel/ghazalbi/sh1382/

баёни дорои чандин қишри маъноӣ ба сурати муҷаз Бедил аз саноеъи адабӣ чун ташхис (ба шахс табдил кардани исмҳои маънӣ – видоъ ва тараб), тазоди печдарпеч (мутаноқизнамойпарадокс) яъне: видоъ-гул, тараб-мотам ба навъи аҳсан истифода менамояд.

Шояд аз шоирон он ки беш аз ҳама ба мавзӯи ҳастиву нестӣ-вуҷуду адам пардохта Умари Хайём бошад. Ӯ дар ин мавзӯъ фалсафаи тозаву хосе насохтааст, балки матолибу нуктаҳоеро, ки мавзӯи баҳси долонҳои мадрасаҳои он рӯзгор буданд ва ҳар талабае аз он хабар дошт, ба шеър оварда – гоҳо ба таҷоҳули ориф (қасдан худро ба нодонӣ зада) суол додан ва гоҳо ба хотири киноя ва эътироз. Шуҳрати ин рубоиёт аз он ҷост, ки гӯянда ҳақиқатҳо ва суолҳои ҷовидонии андешаангезро ба зеботарину шевотарин шева баён мекунад. Ин муваффақияти Хайём аз сӯе агар дар камоли ҳунари суханварӣ бошад (ки мавзӯъ мавқуф ба бобҳои баъдист), аз сӯйи дигар аз камоли маърифати ин ҳақиқатҳост. Зеро маърифати чизе дар сатҳи одӣ ва ибтидоӣ бо дарки шоиронаи он фосила дорад ва маърифат дар чизҳо ва воқеиятҳо ҳар қадар баландтар ва нерӯмандтар гардад, он қадр ба дарки шоирона наздиктар мешавад. Маърифати нерӯманду пӯё воқеиятҳои одиро ба ҳадди рамзу асрор боло мебарад. Ҷаҳонро пур аз эъҷозу асрор мебинад ва эъҷозу асрор худ шеър аст. Зеро толиби маърифати олӣ толиби камоли илму дониш аст ва он гуна, ки маълум аст, камолро ниҳояте нест, он ҷо, ки бениҳоят пеш меояд ва боли ақли одӣ кӯтоҳӣ мекунад, шаҳболи шеъру шуури олӣ мебояд, то парвози маърифат идома дошта бошад:

Дил гарчи дар ин бодия бисёр шитофт,
Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.
Андар дили ман ҳазор хуршед битофт
В-охир ба камоли заррае роҳ наёфт.[44]

(Ибни Сино)

[44] http://www.kotiposti.net/msaleha/nai_4/sh5/sh5_p_8.html

Эҳсосе ба орифу донишманд дар ин ҳол даст медиҳад, ки ғолибан ба истилоҳи “ҳайрат” баён шуда ва ҳайрат водиест, ки дар он ҷо ҳама чиз ба ҳадди шеъри ноб волост:

Шаб нест, ки ақл дар таҳайюр нашавад
В-аз гиря канори ман пур аз дур нашавад.
Пур менашавад косаи сар аз савдо,
Ҳар коса, ки сарнагун бувад, пур нашавад.[45]

(Хайём)

Хайём, ки мустақиман ба мавзӯи азими ҳастӣ ва нестӣ (вуҷуду адам) рӯбарӯст, дар ин авҷи маърифат, ки ҳама олам дар нигоҳаш розу рамзи бепоён менамояд, барои таҷассуми таҳаввулоти ҷаҳони ҳастӣ ва мазҳари олии он инсон (“мақсуд зи ҷумла офариниш моем”) ҷому кӯзаро интихоб менамояд. Интихобе нодир ва пурмаъно, гузинише басо шоирона ва ҳакимона. Чун ин ду ҳам ғолибан аз гил (чун инсон) ҳосил шуда ва мисли инсон зарфе ва дорои зарфиятҳое ҳастанд, чи аз диди модӣ ва чи маънавӣ, пур ва тиҳӣ, ободу хароб мегарданд, хосияти паймонагӣ (андозагирии чизҳоро) доранд. Чизҳое ҳастанд аз ҷаҳони ҷисмҳо, ки чи ба зоҳир ва чи ба маъно ба инсон монанданд. Хусусан, агар касе кӯзаҳои чида дар коргаҳи кӯзагаронро дида бошад, медонад, ки чи манзарае Хайёми ҳамеша дар миёни амвоҷи шӯри шуурро ба шеър гуфтан барангехтаст. Ин кӯзаҳои гарданбаланди сафандарсаф издиҳоми мутаҳаййире аз инсонҳоро ба ёд меоранд, ки дар сукуташон фарёди фалакпече шунида мешавад:

Дар коргаҳи кӯзагаре рафтам дӯш,
Дидам ду ҳазор кӯза гӯёву хамӯш.
Ногоҳ яке кӯза баровард хурӯш:
“Ку кӯзагару кӯзахару кӯзафурӯш?!”[46]

---

45 http://www.parsi.wiki/fa/wiki/topicdetail/13032b4a1b24409b94f4a1cdf8ce99a6

46 http://ganjoor.net/khayyam/robaee/sh117/

Бо итминони комил метавон гуфт, ки Хайём бо мушоҳидаи манзараи фавқ дар коргоҳи кӯзагар (ё тасаввури он чи ки пеш дида) ба ҳоле дучор мешавад, ки суоли шоиронаи “Ку кӯзагару кӯзахару кӯзафурӯш?!” аз ниҳоди ӯ ба садоқати як воқеияти муҷассам ва яқин берун меояд, на ин ки ба қасд хоста бошад сухани широна бигӯяд. Қуввати маърифат дар вуҷуди ӯ дар сатҳест, ки дигар тафовут миёни дарки илмӣ ва дарки шеърӣ вуҷуд надорад.

Ҳамин гуна маърифати ҳайратомези шигифтизойро ҷои дигар аз мушоҳидаи инсони соҳибҷамоле дармеёбад, ки марг бар идомаи вуҷуди ӯ нуқтаи таммат гузоштааст. Шоири ҳаким онро ҷом мебинад, ки бар заминаш задаанд, ё ногузир хоҳанд зад:

Ҷомест, ки ақл офарин мезанадаш,
Сад бӯса зи меҳр бар ҷабин мезанадаш
В-ин кӯзагари даҳр чунин ҷоми латиф
Месозаду боз бар замин мезанадаш.[47]

Ин шигифтӣ, ин таҳайюри шигарф ҳамон таҳайюри Рӯдакист, ки ӯро водошта, то сухане фавқулода бигӯяд, аз ҷонситон шарму ҳаё бихоҳад:

Андар аҷабам, ки ҷонситон аз чу туе
Ҷон бистаду аз ҷамоли ту шарм надошт.

Зимнан, Мавлоно ҳам борҳо аз сувари хаёл ё тамсили кӯза дар мавриди инсон истифода кардааст, ба маънои зарфе, ки бо зарфияте муайян маҳдуд аст:

Гар бирезӣ баҳрро дар кӯзае,
Чанд гунҷад? – Қисмати якрӯзае.[48]

Ҷомеътарин образе, ки зарф ва зарфиятро ҳам аз лиҳози модӣ ва ҳам маънавӣ дар адабиёти мо фаро мегирад, образ ё устураи Ҷоми Ҷам аст ва дар адабиёти ҷаҳон бо ҷомеъияти бениҳояти худ назир надорад. Ба ин хотир буд, ки

[47] http://ganjoor.net/khayyam/robaee/sh115/
[48] Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии Маънавӣ. Теҳрон: Нашри Замон, 2001, с.16.

устод Лоҳутӣ дар анҷумани нависандагони Шӯравӣ ин образро мисол меорад ва орзу мекунад, ки адибони Шӯравӣ битавонанд чунин як образи ҷомеъу комил ҷиҳати таҷассуми ҳунарии тамоми дастовардҳои ҷомеаи Шӯравӣ ба вуҷуд биёранд. ба унвони намунаи пайравӣ барои эҷоди ҳамчунин як образи ҷомеъу комил ҷиҳати таҷассуми ҳунарии тамоми дастовардҳои ҷомеаи Шӯравӣ.

Мутарҷими рубоиёти Хайём Владимир Державин дар бораи Хайём менависад: « (Ӯ(Хайём) базмро меситояд, аммо ин базми андешаҳои олӣ ва эҳсосоти наҷиб аст – базми Афлотун аст. Ҷоми майи ӯ ҷоми муъҷизи Ҷамшед, ҷоми хирадӣ башарист, ки ҳама ҷаҳонро фаро мегирад. Ҷамъи даврагардони масташ маҳфили хирадмандони баргузида аст”.

Ин ҷоми ҷаҳоннамо шабеҳи худро дар устураи ойинаи Искандар пайдо мекунад ва ҷамъи ин ду устураро ба унвони зарфи маънавӣ мо дар маркази пардохтҳои адабии Бедил мебинем, ки ғолибан дар мақоми таҳайюр – авҷи маърифат мебошад ва он қадар аз ҷилваҳои гуногуни ин образ кор мегирад, ки ба ҳақ ӯро “шоири оинаҳо” (таъбири Шафеъии Кадканӣ) меноманд. Аммо Бедил дар қиёси ҷом бо оина имтиёзи бештарро ба ҷом медиҳад, ки шояд ин имтиёз додан бе ишора ба имтиёзи ҷоми Ҷам бар ойинаи Искандар набошад:

Арзи матлаб дигару изҳори санъат дигар аст,
Бедил, аз ойина натвон ёфт вазъи ҷомро.[49]

Шоирони тавоно, албатта, ба доираи маҳдуди сувари хаёл иктифо намекунанд ва дар ҷараёни таълифи осори бадеъ ҳар замон метавонанд образҳои тоза эҷод намоянд, аммо офаридани образҳои ҷомеъу фарогир, ки ба ҳадди як устура рушд намояд ва ҳамчунин мазмунсозиҳои тоза дар пайкари сувари хаёли суннатӣ кори шоирони бузург аст ва яке аз роҳҳои таъмини ворисияти адабӣ.

Дар осори шоирони муосири мо низ ҳамин гуна гузиниш ва ҷомеъ кардани сувари хаёл мушоҳида мешавад, ки дар

[49] fovj.ir/150تا1 دیوان-بیدل-دهلوی_غزلیات

заминаи онҳо риштаҳо ва рагаҳои тозаи ворисият ва анъанаҳои адабӣ ба вуҷуд омада идома ёфтааст. Аз ҷумла, сувари хаёле чун рӯд ва кӯҳ ва дар ҷамъ “рӯди кӯҳӣ”- ро дар маркази эҷодиёти устод Мирзо Турсунзода мушоҳида менамоем, ки бисёре аз ҷанбаҳои маънавӣ ва ҳунарии осори ӯро дар худ таҷассум кардааст. Гузашта аз ин, устод Муъмин Қаноат гузиниши тимсолҳо, устураҳо ва сувари хаёли барҷаставу пурмаъноро аксаран василаи асосии таъмини банду басти достонҳои худ қарор додааст.

ВАЗНИ ШЕЪР

Агар бихоҳем шеърро чунон, ки аз оғоз будаву то кунун ҳаст ва урфу одат бар он ҷорист, таъриф кунем, бояд чунин гуфт: шеър таълифе аз каламот аст, ки навъе вазн дар он битавон шинохт.[50]

Парвиз Нотили Хонларӣ

Вазни арӯзи тоҷикӣ на ба адади ҳуруф, на ба чигунагии ҳаракати ҳарфҳо ва на ба адади ҳиҷоҳо – ба ҳеч кадоми инҳо вобастагӣ надорад. Балки вазни арӯзи тоҷикӣ ба тарзи тартиби ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ба вуҷуд меояд ва дар ҳар гуна тартиб шакли дигар ва оҳанги дигар пайдо мешавад… Мо метавонем, ки ба асоси ин қоида, ки қоидаи асосии вазни шеъри тоҷикист, вазнҳои шеърҳои халқиро кор карда баромадаву аз вазни шеърҳои классикӣ низ истифода бурда, вазнҳои нави дилчаспи пуроҳанг ёфта барорем…. Баъзе ҷавонон, ки дар шеъри тоҷикӣ шакл ва вазнҳои навро талаб мекунанд, то ҳол чи будан ва чи навъ ба даст даровардани матлаби худро муайян накардаанд. Агар мақсади онҳо вазнҳои нави шеъри ӯзбакӣ бошад, он ба хусусияти забони тоҷикӣ ҳеч мувофиқ нест. Агар рафиқони ӯзбак ҳам вазнҳои нави худро ба асоси шеърҳои классикии ӯзбакӣ кор карда мебаровардаанд, ҳақиқатан ҳам як чизи нави мувофиқи забони ӯзбакӣ ба вуҷуд меомад. Мо бояд ин корро кунем, ки дар мо замина тайёр аст. Бинобар ин, то

[50] Парвиз Нотили Хонларї. Вазни шеъри форсї. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1337 ҳ., с.8.

ба вуҷуд овардани ин кор зинда мондани худро лозим медонам. Агар умр ёрӣ диҳад, ин кор то ташкил ёфтани Академияи фанҳо дар Тоҷикистон ба вуҷуд меояд.[51]

Садриддин Айнӣ

Албатта, агар касе бихоҳад имрӯз зарурату фазилати вазн дар шеърро собит намояд, кори ӯ шоистаи масали "дучархаро дубора ихтироъ кардан" мебошад. Ин мавзӯи собитшуда аст ва қавли нақл аз муаллифи рисолаи машҳури "Вазни шеъри форсӣ"-и Парвиз Нотили Хонларӣ аз сӯе агар ба хотири салоҳияти мумтози ӯ дар ин мавзӯъ бошад, аз сӯйи дигар ба ин хотир аст, ки ӯ дар айни ҳол аз шоиронест, ки барои навтару тозатар кардани вазн ва қолабҳои шеъри форсӣ талошҳои амалӣ ҳам ба харҷ дода ва мисли устод Садриддин Айнӣ, Абулқосими Лоҳутӣ, Нимо Юшиҷ, Меҳдии Ахавони Солис ва дигарон намунаҳои навоваронае офаридааст ва ахиран дар муқаддимае, ки маъруфтарин шоир ва адабиётшиноси муосири Эрон Шафеъии Кадканӣ бар ашъори Парвиз Нотили Хонларӣ навишта, ӯро дар нав кардани шеър бар Нимо Юшиҷ муқаддам шумурдааст.[52]

Зимнан, танҳо ҳамин нукта, ки падидае бо номи "шеъри нав" аз назари поэтикӣ қабл аз ҳама ба вазни шеър бастагӣ дорад, шоҳиди гӯё бар аҳаммияти аввалдараҷаи унсури вазн дар шеър аст. Албатта, баҳсҳое аз ин қабил, ки дарунмоя ва муҳтаво дар шеъри нав муҳимтар аз вазн аст, ҷой дорад ва беҳуда ҳам нест, аммо мусаллам аст, ки агар тағйироти фаннии (техникии) поэтикӣ аз роҳи вазн дар шеър ба вуҷуд намеомад, гумон буд, ки баҳси "шеъри нав" ҳам ба миён биёяд, зеро таҳаввул ва нав шудани мазмуну муҳтавои шеър

[51] Садриддин Айнӣ. Мактубҳо ба адибони тоҷик//Садои Шарқ, 2017, №3, с.110

[52]Ниг.: http://www.mehrnews.com/news/2771425/

дар тамоми давраҳои адабиёти мо ва адабиёти ҷаҳон дар қолаби вазнҳои маъмулӣ ҷараён дошт ва дар ҳеч даврае ин раванд қатъ нашудааст, зеро қатъи он маънои қатъи худи шеъру адабро дорад.

Гузашта аз ин, вазн – чи дар даврони куҳан ва чи имрӯз – танҳо хосси шеъри мо нест, балки ба гунае дар шеъри ҳамаи халқҳои ҷаҳон ҷой дорад. Аз ин рӯ, назарияпардозони адабиёт бо шурӯъ аз Суқроту Афлотуну Арасту то имрӯз (он гуна, ки дар таърифи боло ҳаст) вуҷуди вазн дар шеърро ба сурати умумӣ, на хосси миллате ё халқе таъкид кардаанд.[53] Маяковский, аз навовартарин шоирони қарни бисти ҷаҳон, ки аз ҷумла дар Эрон ӯро аз саромадони "шеъри сафед" медонанд, дар рисолачаи таҷрибӣ ва амалии худ "Шеърро чӣ тавр бояд сохт?" менависад, ки "Қабл аз навиштани ҳар шеъре маро як ғулғулаи ритмӣ фаро мегирад ва вазн ба воситаи пӯшиш додани ҳамин ғулғули ритмӣ бо калимаҳо дар (шеъри) ман сурат мегирад".[54] Дигар шоироне низ, ки шеъри мансур ё шеъри сапед сурудаанд, ҳаргиз мункири фазилати вазн ва беш аз он ритму оҳанги хосс дар шеър набуда ва бахши зиёде аз ашъорашон дорои авзони маъмулӣ мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки манзур унсури мутлақ ва ягона дар таркиби донистани вазн ҳам нест, зеро на ҳар каломи мавзун метавонад шеър бошад, ки ин баҳси ҷудост ва дар пай хоҳад омад.

Зарурати ин баҳс аз он ҷо ба миён омад, ки баъзан шоирони ҷавон, хусусан мавқеъе, ки ба вазни шеърашон эрод мегиранд, бо беэътиноии ошкор эълон мекунанд, ки вазн барои онҳо муҳим нест, муҳим ин аст, ки дар ашъори онҳо мазмунҳои тоза ва эҳсосоти воло ҷой дошта бошад. Дар ин лаҳза фикр намекунанд, ки чаро бузургоне чун Рӯдакиву Фирдавсӣ, Камоли Хуҷандиву Ҳофиз, Мавлонову Бедил, Айниву Лоҳутӣ

[53]Ниг.: Парвиз Нотили Хонларӣ. Вазни шеъри форсӣ. – Теҳрон: Интишороти Тус (чопи шашум), с.1373 ҳ.ш., с.13.

[54] В.В.Маяковский. Как делать стихи? - Сочинения в трёх томах, том второй. – М.: Художественная литература, 1978, с. 465-500, с.485.

ва... бо ин қадар диққат назокатҳои вазнро дар ашъорашон ба тамому камол риоят кардаанд? Магар онҳо мазмунҳои куҳнаву камарзиш ва камбуди эҳсосоти волоро хостаанд ба воситаи вазни саҳеҳ ҷуброн кунанд? Агар касе гумон мекунад, ки вазни суннатӣ барои онҳо мисли муқаддасоти мазҳабӣ буд ва дар риояи он ногузир буданд, чунин ҳам нест. Дар қолаби вазни суннатии арӯз дар тӯли асрҳо бидъатҳо ва навовариҳои зиёде сурат гирифтааст, чандин вазнҳои тозаи бесобиқа ва навъҳое аз қабили мустазод ба вуҷуд омада ва ихтироъгарони онҳо на танҳо мазаммат нашунида, балки ситоиш шудаанд. Мавзӯъ ин аст, ки ҳар чизе меъёре дорад ва ин меъёрҳо ҳосили тачрибаи чандин насл аст ва вақте ки вориди ин меъёрҳо мешавем, аз ҷумла меъёрҳои пазируфташудаи вазни суннатии арӯз, шарт аст, ки онро риоя бикунем. Касе қодир ба навоварӣ дар ин меъёрҳо бошад, метавонад бо эҷоди осори навоварона ва тавзеҳи назарӣ (мисли устодон Айнӣ, Лоҳутӣ, Нимо, Пайрав...) онро собит намояд ва мисли “арӯзи нав” (шеъри нав) ё “шеъри сапед” онро ба меъёр дароварад. Дар акси ҳол чӣ зарурат дорад, ки касе вазни маъмулиро надониставу эҳсос накарда, ба такаллуф ва иштибоҳоти паёпай ба ин вазн шеър бигӯяд. Анвои каломи бадеъ хориҷ аз вазн зиёд аст ва ба ҳар яке аз онҳо метавонад андешаҳо ва эҳсосоти волои худро баён намояд.

Ҳамчунин, гуфтанист, ки сакта ва иштибоҳ дар вазни шеър, аз ҷумла арӯз, барои шоирони тавоно ҳам гоҳо рух медиҳад (инро ҷудо аз ихтиёроти шоирӣ ва сактаи малеҳ, ки махсус ворид карда мешавад бояд донист), вале ҳаргиз онҳо барои бетағйир боқи гузоштани он иштибоҳ исрор намеварзанд ва ба маҳзи он, худ ё дигарон онро мушоҳида намуданд, он иштибоҳ бартараф карда мешавад. Бисёр воқеъ шудааст, ки дар ҷараёни ин навъ ислоҳот шеър на танҳо аз назари вазну оҳанг, балки мазмуну муҳтаво ҳам беҳтару расотар мешавад. Ин тачриба ҳамон назари В.В. Маяковскийро тасдиқ менамояд, ки қолаби ритмиву оҳангии шеър қабл аз матои

лафзии он (аз тобу таби ҳадаф ва мақсуд) ба вуҷуд меояд ва ҳангоми пайкари лафзӣ додан ба ин қолаби ритмӣ калимае метавонад муваққатан ҷойи калимаи аслиро (барои пӯшондани қолаб) ишғол намояд ва то замоне, ки он калимаи муносибро пайдо накунед, табъи шоир қонеъ намегардад.[55]

Баъзан барои тасдиқи иддаои нозарур будани вазн аз гуфтори бузургон масал мезананд, ки "дар тангнои вазн ба фарёд омадаанд". Аз қабили ин баёноти машҳури Мавлоно:

Растам (ё риштам) аз ин байту ғазал, эй шаҳи султони аҷал,
Муфтаилан, муфтаилан, муфтаилан кушт маро.[56]

Ки ин ҳам аз баёноти лутфомезе чун "Қофия андешаму дилдори ман Гӯядам м-андеш ҷуз дидори ман" мебошад, ки танҳо ба вазну қофия маҳдуд намешавад, балки он ҳолест, ки дар тамсили дигари Мавлоно омада ва дар ҳузури маҳбуб нома хондану ҳарф заданро ҳам такаллуф ва нозебо медонад. Дар асл бошад, вазну оҳанги калом барои Мавлоно, ки аксари ашъорашро дар ҳоли самоъ сурудааст, мисли "майдони магнитӣ"-ст, ки тамоми муҳити ҳастиро фаро мегирад ва маъониро дар қолаби калимаҳо аз дурдасттарин зовияҳои табиат ва моварои он ҷазб мекунад. Дар ин ҳол аст, ки хитоб менамояд:

Эй ақл, ту зи шавқ парокандагӣ шав,
Эй ишқ, нуктаҳои парешонам орзуст.[57]

Ин шояд, ҳамон ҳолест, ки дар забони русӣ "стихия" номида шудааст ва дар айни парокандагӣ низоми табиӣ ва сириштист ва аз ҳар маҳдудае фаротар меравад, дар ҳоле ки низоми олӣ ва аввалӣ низ ҳамин аст. Муҳим ин аст, ки ҳамин баёноти дорои вусъати кайҳонӣ низ ба тамому камол дар қолаби маъмул ҷой шудааст.

Эроди дигаре, ки дар мавриди вазни суннатии арӯз баён мешавад, ин аст, ки арӯз ихтирои араб аст ва гӯё ба шеъри мо

---

55 ниг. https://ru.wikisource.org/wiki/Как_делать_стихи%3F_(Маяковский).

56 http://ganjoor.net/moulavi/shams/ghazalsh/sh38/

57 http://ganjoor.net/moulavi/shams/ghazalsh/sh441/

бор карда шудааст. Дуруст аст, ки он системаи паймонагирии вазн, ки бо номи “арӯз” ҳамроҳ бо қолабҳои овоии он, ки аз иштиқоқи гуногуни калимаи “фаъала” (фоилун, мафоилун, мустафъилун ва ғ.) сохта шудааст, кори донишманди араб Халил ибни Аҳмад (718-791) аст. Аммо ин қолабҳо ба забони шеъри мо бор нашудаанд, табиати забони шеъри моро тағйир надодаанд ва ба худ тобеъ накардаанд, балки забони мо дар он тасарруф намуда, онро ба худ тобеъ карда, ҳамин қолабро барои сурати айнӣ додан ба чандин вазни дигари сирф тоҷикӣ, аз ҷумла мутақориб ва вазни рубоиву дубайтӣ истифода намудааст. Зеро аслу асоси ин вазн бар мабнои хосияти сириштии забони мо ва чандин забони дигари дунё – мавқеъ ва ҳаҷми ҳиҷоҳо (дарозу кӯтоҳ) мебошад. Чи метавон кард, ки паймонаҳои имрӯзии мусиқии мо ҳам сирф тоҷикӣ нестанд, аммо ба воситаи онҳо мусиқии мо андозагирӣ ва бе каму кост нигориш мешавад.

Аслу асос ин аст, ки ба ин восита ритму оҳангу вазни сириштии забони мо дуруст ташхис гардида, ин паймонаҳо дар тӯли беш аз ҳазор сол бе каму кост кор дода, як таҳаввули (метавон гуфт имтиҳони) муҳимро бо номи “арӯзи нав ё шеъри нав” аз сар гузаронда, устувор боқӣ мондаанд. Ҳеч монеъе нест, агар мо ин системаро ба гунаи дигар танзим намоем, ба баҳрҳо ва рукнҳо ва дигар аҷзои он номи сирф тоҷикӣ бидиҳем. Дар ин роҳ донишмандони ҳамзабони мо кӯшишҳои қобили мулоҳизае анҷом додаанд ва ин раванд идома дорад. Аз ҷумла ба ҷои “афоил” он гуна, ки баъзан дар мусиқии қадим маъмул буд, таркиби ҳиҷоиву тараннумии “та-тан-тон”-ро ба кор бурдаанд. Масалан, ба ҷойи фоилотун “тан-та-тан-тан”. Аммо ин кӯшишҳо ҳанӯз ба системаи фарогири тоза надаромадааст.

Тавре гуфта шуд, он вазне, ки имрӯз мо бо номи “арӯз” мешиносему ба кор мебарем, комилан аз сириштӣ овоии забони мо бармеояд. Як далели барҷаста агар ин бошад, ки дар адабиёти гуфтории мо (фолклор) рубоиёт, дубайтиҳо, ғазалҳо,

таронаҳо ва дигар анвои шеърии дар вазни арӯз сурудашуда аз тарафи ашхосе, ки мусалламан аз илми арӯз огоҳӣ надоштанд, фаровон аст, далели дигари барои ҳар нафаре дастрас ин аст, ки дар навиштаҳои мансур, ҳатто ғайрибадеӣ, гуфтори рӯзмарраи мардум диққат кунад ва ибороту ҷумлаҳоро ба вазни арӯз бисанҷад, онгоҳ дармеёбад, ки дар ин навиштор ва гуфтор бештаре аз ибороту ҷумлаҳо ба таври табиӣ ба яке аз вазнҳои арӯз рост меояд.

Аз ҷумла дар яке аз дастурҳои забономӯзӣ ин ҷумлаҳои кӯтоҳ оварда шудааст (дар муқобилашон мо қолаби вазнро меафзоем):

Имрӯз офтобист – мафъулу фоилотон.

Имрӯз абрист – мафъулу фаълон ё мустафъилун фоъ.

Имрӯз боронист – Фаълан мафоъилон ё мустафъилун фаълон.

Ё ин ҷумлаи одӣ, ки ҳамчунин дар ин дастур омадааст:

Дарсҳои мо оғоз шуданд.

Ин ҷумла дар тамомӣ вазни ягона надорад. Аммо ду ҷузъи он дар ду вазн аст: дарсҳои мо (Мафъулу фаълан ё мустафъилун фоъ) ва: оғоз шуданд (мафъулу фаъал – ду рукни охири рубоӣ). Акнун бубинем, ки ба чи содагӣ бо андаке кор кардан рӯйи таркиби наҳвии ҳамин ҷумла он яклухт вориди вазн мешавад:

1.. *Дарсҳои мо шуданд оғоз (фоилотун, фоилотун, фоъ)*

2.. Оғоз шуданд дарсҳои мо. (--v/v-v-/v-v-)

Ё ҳар калимаи тоҷикиро барои имтиҳон ба танҳоӣ ё дар сурати эҳсоси зарурат бо изофа (-и) ё пайвандаки пайиҳам (-у) чанд бор такрор кунед, ҳатман як вазни “расмии” арӯзӣ ба вуҷуд меояд.

Чунончи дар ин шеъри Пайрав Сулаймонӣ бо вуҷуди ибораҳо ва калимаҳои гуногун мушоҳида мешавад:

Дашти васеъу боғи латифу ҳавои хуш,

Саҳрову ҷангалу чаману кӯҳу лолазор

Ки яке аз хушоҳангтарин вазнҳои арӯз – музореъи мусаммани

ахрабу макфуфу мақсурро ба вуҷуд овардааст.

Инҳо барҷастатарин далел барои сирф тоҷикӣ будани он паймонаест, ки мо бо номи “арӯз” ба кор мебарем.

Шоирони тавоно дар қолаби арӯз маъмултарин ва табиитарин таркиб ва қолаби наҳвӣ (грамматикии) забонамонро ба кор гирифтаанд, дар ҳоле ки ин таркибҳо дар чанд шакли дигар дар қолаби ҳамон вазни мавриди назар ҷойгир мешаванд. Зимнан, на мавридҳое дар назар аст, ки шоир ба таври хоссе хоста бошад санъатнамоӣ кунад, балки дар равиши кори маъмулии шоирӣ.

Аз ҷумла, ба ин мисраи устод Муъмин Қаноат таваҷҷуҳ намоед:

Пас аз ҳичрон ба васли ту расидам боз, эй дарё,

Ба назар мерасад, ки агар касе бихоҳад ҳамин мазмунро хориҷ аз қолаби вазн, ба наср ҳам бигӯяд, боз табиитарин сурати наҳвии ин ҷумлаи мураккаб ҳамин хоҳад буд, ки дар байти мазкур омадааст. Бо ин ҳол таваҷҷуҳ кунед, ки ҳамин ҷумла дар чанд шакли дигараш дар қолаби ҳамин вазн (ҳазаҷи мусаммани солим мафоӣлун, мафоӣлун, мафоӣлун мафоӣлун) боқӣ мемонад.

2) Ба васли ту пас аз ҳичрон расидам боз, эй дарё,

3) Расидам боз, эй дарё, пас аз ҳичрон ба васли ту,

Дар сурати зарурат бо ҷобаҷоии дигар ва афзудан ё костани баъзе ҷузъҳо ин мазмунро ба чанд сурати наҳвии дигар дар қолаби ҳамин вазн метавон овард. Аммо боз ҳам табиитарин ва бино бар ин шоиронатарин сурати наҳвии мисраъ ҳамон асл аст.

Яке аз муҳимтарин мавридҳо дар таҷрибаи эҷодии шоир ҳам кор кардан рӯйи таркиби наҳвии ҷумла (байт, мисраъ) ва озмудани чанди таркиби наҳвӣ дар як шеър ва баргузидани муносибтарини он мебошад.

ЭҲСОСИ ВАЗНУ ОҲАНГ СИРИШТИСТ

Дар идомаи гуфтори пешин метавон ёдовар шуд, ки эҳсоси вазну оҳанг сириштист. Дар вуҷуди инсонҳо ва ҳатто баъзе ҷонварон ва, назар ба ёфтаҳои охирини илм, наботот ин ғариза (инстинкт) ҷой дорад ва ҳама ҷаҳони ҳастиро ба навъе фаро мегирад, ки он зуҳури падидаи дигари ҷомеътар ва фарогиртар бо номи “таносуб” мебошад. Ба иборати дигар вазн таносуб дар садо, овоз мебошад. Муштарак будани ҳамин ғариза миёни шоир ва хонанда боиси хуш пазируфта шудани зарофаткориҳои шоир дар вазни шеър мегардад. Бадеҳист, ки ин ғариза дар шоир нерӯмандтар аст ва ӯ аз ин тариқ ба хонандаи худ ғизои бештари маънавӣ медиҳад. Ғизое, ки барои ӯ ошно ва гуворост. Заминаи густардаи ин ғаризаи муштарак барои ҳарду – шоир ва хонанда боз ҳамоно забон мебошад ва он гуна, ки ишора шуд, вазн, ба таври умум ва арӯз ба таври хусусӣ, лаҳн, ритм, оҳанг дар матои ин забон вуҷуд дорад ва ҳатто дар гуфтори одиву рӯзмараи мо таносуби муътадили ритмии забон риоят мешавад. Инро онгоҳ ба таври барҷаста эҳсос мекунем, ки агар касе ба далели лаёқат ё ошноии нокофӣ ба ин забон ин таносуби садоиро дар гуфтор вайрон кунад ва ё ба сабаби парешонии афкор ноҳамвор сухан гӯяд. Ин ки забони тоҷикиро бисёриҳо забони шоирона ва дорои мусиқӣ мегӯянд, ҳамин вижагии барҷастаи лаҳнӣ ва ритмию оҳангии он аст. Аз ин ҷост, ки масалан, Олҷас Сулаймонов, шоири маъруфи қазоқ, бо гӯш додан ба муноқишаи лафзии ду пирамарди тоҷик дар бозор гумон мекунад, ки онҳо бо якдигар мушоира доранд: “Боре дар бозори Душанбе манзараи марғуберо дидам: ду тоҷики солхӯрда бо ҷомаҳои беқасаб гӯё дар мушоира сабқат мекарданд. Миёни онҳо барчоши хушаҳои тилоранги ангур медурахшид. Якеи ишон, ки салаи дупеча дошт, дар вазни рубоӣ тараннум мекард, дигаре бар сари бозориён достон мехонд. Ҳарфи “О”-и кӯтоҳу дароз пайиҳам оҳанги фусунгаре

эҷод мекард.

- Ин мунозира сари чист?
- Пархош мекунанд, – гуфт Муъмин Қаноат, марди саладор ҷойи дигарро гирифтааст. Ба лафзи дарии ноб мӯйсафедон ҳамдигарро “менавохтанд”.”[58]

Зимнан, пайванди баданвораи (органикии) арӯз бо забони тоҷикиро ҳамчунин метавон аз ҷараёни авҷгири муборизаҳои Ғулом Ализода дар оғози солҳои шуравӣ ба вазни арӯз мушоҳида кард, ки дар ниҳоят ба ситези дигари ӯ нисбат ба забони тоҷикӣ анҷом меёбад. Ӯ, ки бо зерсарлавҳаи “Бо ҳавои махсус” “ашъори” аҷоибу ғароиби худро менавишт ва, чун дар арӯз ворид набуд, нисбат ба он нафрат мепарварид, аввал эълон кард, ки вазни арӯз барои баёни фикрҳои инқилобӣ номуносиб аст ва мо (тоҷикҳо) низ бояд мисли рафиқони ӯзбакамон якбора теша бар решаи арӯз зада вазни “ҳиҷошумурӣ”-ро қабул кунем.[59] Хушбахтона, ин замоне буд, ки устодоне чун Айнӣ ва Лоҳутӣ (ки ба вазни арӯз инқилобитарин шеърҳоро навишта буданд) сари кор буданд ва чунин уштулумҳои ултрареволютсиониро маҳор мекарданд. Он чи аз ин ҳаракатҳои Ғулом Ализода дар саҳифаи таърихи адабиёт ба ёдгор мондааст, ҳамоно ин ҳачвияи Пайрав Сулаймонӣ – шоири навовар ва инқилобист:

Ба Ғулом Ализода
Эй шоири шеърҳои махсус,
То кай бофӣ ҳавои махсус?
Аттор наӣ, чи мефурӯшӣ
Беҳуда ту ин давои махсус?
Хоҳӣ, ки зи шеър баҳра ёбӣ,
Ё халқ барад сафои махсус.
Аз Лоҳутиву зи санъати ӯ

[58] Олҷас Сулаймонов. Назаре ба шеъри Муъмин Қаноат. – Муъмин Қаноат. Меҳри сипеҳр. – Душанбе: Адиб, 2007, с. 4.
[59] Ниг: Худойназар Асозода. Адабиёти қарни 20 тоҷик...

Ибрат гиру ғизои махсус.[60]

Дар идомаи ин муборизаҳои сарсахтонаи худ Ғулом Ализода ба чунин “хулоса” расид, ки на танҳо арӯз, балки умуман забони тоҷикӣ барои баёни афкори инқилобӣ номуносиб аст ва аз он бояд даст кашид. Барои он навъи афкоре, ки Ғулом Ализода пайгирӣ мекард, ин натиҷаи табиӣ ва мантиқӣ буд (агар нохудогоҳ ҳам бошад), зеро агар бихоҳем, ки арӯзро “аз реша барканем”, пас решаи он ҳамин забони хушоҳанг ва шоиронаи тоҷикист.

Сириштӣ будани эҳсоси вазну оҳанг, далелҳои дигаре низ дорад, ғайри он ки ин эҳсос дар ниҳоди забон ҳаст. Аз ҷумла кӯдаконро қабл аз пазируфтан ба мактабҳои мусиқӣ имтиҳон мекунанд, то маълум шавад, ки сомиаи мусиқӣ (музыкальний слух) доранд ё не? Яъне, ин эҳсос асли табиӣ ва модарзодӣ дорад ва агар дар касе набошад, ба вуҷуд овардани он кори бисёр душвор аст. Вазни шеър (аз ҷумла арӯз) ҳам чунин аст. Кӯдакони дорои ин эҳсос, ки аксариятро ташкил медиҳанд, бидуни он ки омӯзише дида бошанд, вазни шеърро эҳсос менамоянд ва метавонанд ба лакнати он пай баранд. Аз оҳанги шеър лаззат мебаранд, онро осонтар ва зудтар аз дигарон азёд мекунанд ва ҳатто “шеър мебофанд”. Ёд додан ва такмил кардани ин лаёқати онҳо нисбат ба дигарон хеле осонтар аст. Касоне, ки ин эҳсоси сириштиро надоранд, агар тамоми схемаҳои арӯзро дар нигориш ё нақша азёд кунанд ҳам, бисёр душвор аст, ки арӯзро ёд бигиранд. Зеро асли арӯз на нақшаҳои нигоришёфтаи он, балки таркиби мутаносиби садоист ва воҳиди вазн дар ниҳоят на ҳиҷову ҳарфу калима, балки моҳият ва ҳаҷми савтии онҳост, мисли мусиқӣ. Аз ин ҷост, ки Насириддини Тӯсӣ арӯзро ба илми мусиқӣ мутааллиқ медонад: «Ва назар дар вазни ҳақиқӣ (арӯз.—Р.В.), ба ҳасби моҳият тааллуқ ба илми мусиқӣ дорад ва ба ҳасби истилоҳу

[60] Пайрав Сулаймонӣ. Куллиёт...

таҷриба тааллуқ ба илми арӯз дорад».[61]

Бинобар ин, эҳсоси вазну оҳанги каломро аз аслитарин нишонаҳои истеъдоди шеърӣ мешумурданд ва дар мавриди шоирон баъзан аз истилоҳи "мавзунон" истифода мекарданд.

Абдурраҳмони Ҷомӣ вазнро воситаи "афсун"-и шоирона медонад:

Сухан мояи сеҳру афсун бувад,
Ба тахсис вақте ки мавзун бувад.[62]

Бедил доштани "табъи мавзун"-ро камоли истеъдоди шоирӣ медонад:

Хомушнафасе, ки табъи мавзун дорад,
Сад нусха баҳор аз дили пурхун дорад.
Тасхири паризоди сухан осон нест,
Ин ҷо ҷигари сӯхта афсун дорад.[63]

Қофия ва радиф ҳам аз ин қоида истисно нест, зеро қофия ва радиф низ моҳиятан аҷзои барҷастае аз оҳанги шеър мебошанд. Аммо дар таърифҳои расмии муосири шеър унсурҳои онро ба ду бахш, зотиву ҷавҳарӣ ё аслӣ ва фаръиву шаклӣ (зоҳирӣ) ҷудо кардаанд ва тақрибан ба ғайр аз тахайюл боқӣ, аз ҷумла вазну қофияро аҷзои зоҳирӣ ва дувуминдараҷаи шеър ба шумор овардаанд, ки аз ин қиёс иддаои мо дар хусуси сиришти будани эҳсоси вазну оҳанг зери суол мемонад. Зеро ҳар чизе, ки сиришти ва табиист, ҷавҳар ва асл аст, на фаръӣ ва ҷузъӣ. Пас лозим меояд, ки аз худи ҳамон таърифҳои классикии мавҷуд дар бораи шеър ҷустуҷӯ шавад, ки вазну оҳанг бо тахайюл чи робитае дорад, ё умуман ин ду чизи ҷудо аз якдигар мебошанд?

Ибни Сино менависад: «Ва шеър ҳангоме дилпазир аст, ки оҳанге хаёлангез ва вазне дошта бошад». Ибни Рушд чунин

---

[61] Насириддини Тӯсӣ. Дар њадди шеър ва тањќиќи он. – Фанни шеър. – Душанбе: Ирфон, 1985. С. 134 – 158, с.151

[62] http://sarapoem.persiangig.com/link7/kashkul1.htm

[63]http://www.farda.org/articles/07_updates/071100/poem_m_s_shabahang.htm

менависад: «Шоир ба мақсуди худ аз илтизоми тахайюл фақат он вақт мерасад, ки вазн бошад». Ибни Сино ва Ибни Рушд – пайравони фалсафаи машшоия, аз зумраи касоне ҳастанд, ки чун Арасту дар шеър тахайюлро муқаддам бар ҳар чизи дигар медонанд, аммо аз ин суханони онҳо пайдост, ки вазн ва оҳангро ҷудо аз тахайюл намедонанд, балки Сино онро унсури хаёлангез, яъне эҷодкунандаи хаёл, тахайюл медонад. Ҳар касе таҷрибаи амалии шоирӣ дорад ё ҳатто шеърдӯстони воқеӣ ин ҳақиқатро пай мебаранд ва иқрор мекунанд, ки воқеан вазну оҳанги шеъри асил аз фазои тахайюлии он ҳаргиз ҷудо нест ва ҳатто дар тасвир ва беш аз он тасаввури шоирона саҳми асосӣ дорад. Аммо саҳми он зеҳнӣ ва дарунист, на зоҳирӣ. Мисли мусиқие, ки муносиби табиати худ дар зеҳни шумо пардаҳои мусаввареро боз мекунад. Шоир ҳам дар шеъри худ он гоҳ бар авҷи ҳунар даст меёбад, ки тасвир ё ривояти лафзии ӯ бо вазну оҳанги шеър таносуби комил пайдо намояд ва ба воситаи он такмил шавад. Мисли он ки оҳанги муносибе саҳнаи амалиёт ё манзараҳои драма ё филмро такмил менамояд, балки бештар аз он. Инҷо ҳатто манзури мо ҳоло мусиқии ҳуруф (аллитератсия) ҳам нест, ки тасвир дар садои ҳарфҳо таҷассуми овоӣ меёбад, балки умумитар аз ин аст. Вазн ва дар ниҳоят ритму оҳанги шеър рӯҳи он ва рӯҳияи шоирро на камтар аз унсурҳои дигар ифода менамояд. Масалан, мо дар мусиқии печон, динамикӣ ва пуртаҳарруки ин шеъри Лоиқ Шералӣ на танҳо нигораи овоии манзара, балки оҳанги эҳсоси шоирро ба муояна мебинем:

Чу табболе шабе борони хашмӣ
Ба боми хонаҳо чӯбакзанӣ дошт.
Дили ман андаруни синаи танг
Зи тобу таб бинои ҷонканӣ дошт...[64]

Вазни маъмулии дубайтӣ (мафоӣлун, мафоӣлун, фаъӯлун (лон)) дар ин шеър аз банде ба банде интиқол ёфта, ҳамроҳ бо тасвири як манзараи эҳсосомези якпорча тасалсули қавӣ ва

[64] Лоиқ Шералӣ. Куллиёт. – Душанбе: Адиб, 2008, с.116

ҷараёне пайдо мекунад, ки ба воситаи он мо рақси борони айнӣ ва зеҳниро мушоҳида мекунем.

Дар вазну оҳанги ин шеъри Бозор Собир воқеан тапиши обу боди тасаввуршуда эҳсос мегардад:

Қалами ман ба тапишҳои ман одат кардаст,
Ҳамчунон най ба тапишҳои об,
Ҳамчу барге ба тапишҳои бод...

Рамали махбун ((фоилотун) фаилотун, фаилотун...), ки аз занҷираитарин ва мусалсалтарин вазнҳои арӯз аст, беҳтар аз ҳар вазни дигаре ин манзараро таҷассум ва рӯҳияи шоирро дар ин лаҳза бозтоб менамояд.

Дар ашъори устод Муъмин Қаноат ҳамеша аз нахустин мисраъ ё байт мо моҳияти азму ҳадафи шоирро эҳсос мекунем, вазн ва ритм аз ибтидо мисли бароати истеҳлол (шигарфи оғозӣ) рӯҳиёти моро барои дуруст пазируфтани ривоят ва ё тасвир омода месозад. Масалан, он чӣ дар “Сарахбор”-и “Тоҷикистон–исми ман” ба таври барҷаста инъикос ёфтааст:

Эй додгоҳи хокиён, эй осмони бекарон,
Танг аст ҳоли тоҷикон дар хоку зери хокдон...
Гӯянд бар аҷдоди мо будӣ падар, будӣ писар,
Аз шакли ту месохтанд мардони майдонӣ сипар.
Байроқи адли Ковиён пар мезадӣ болои сар
Дар дасти садҳо зодаи озодагони Бохтар...[65]

Вазни рақаз, хусусан рақази мусаммани солим (мустафъилун, мустафъилун, мустафъилун, мустафъилун), вазни майдон ва набард дониста шудааст ва мушоҷараи пеш аз набардро қадимиҳо “рақазхонӣ” ҳам мегуфтанд. Барои таҷассуми рӯҳияи ҳамосӣ беҳтарин оҳангро медиҳад. Дар идомаи ин достон, ҳар гоҳ рӯҳия ва оҳанги матлаб ва ҳадаф дигар мешавад, шоир ба вазни дигаре онро месарояд. Ин навъ ба ҳадди аксар созгор кардани рӯҳи матлаб ва ҳадаф дар

[65] Муъмин Қаноат. Тоҷикистон исми ман. – Душанбе: ЭР-граф, 2013, с.23.

достон бо вазну оҳанги он яке аз иқдомҳои навоварона на танҳо дар назми тоҷик, балки умуман назми муосир буд.

Дар ин бахш лозим аст, ки ба аввали матлаб ручӯъ ва ёдоварӣ шавад, ки бино бар мисолҳо ва шавоҳиди беадад, вазни шеър (на назми маҳз) унсури сиришти ва зотии шеър ва эҳсоси он яке аз барҷастатарин нишонаҳои қареҳа ва истеъдоди шоирист. Аммо лозим аст, дар сурати ҳиссии маҳз ва ибтидоӣ раҳо карда нашавад ва касони дорои ин қареҳа, агар шоириро ҳадаф қарор додаанд, онро ба ҳадди имкон биомӯзанд ва такмил намоянд. Он гуна, ки барои оҳангсозон донистани адвор (нота), нигориш ва хондани он зарур аст, барои шоирони ҷавон низ донистани вазн ва тавони нигориши он беҳтар аст.

Ҳамчунин, бояд ба лаёқати эҳсоси вазн дар ҷавонон эътибори бештар дода шавад ва таъкидҳои мукаррараре аз қабили "бо донистани вазну қофия шумо шоир намешавед" натиҷаи чандон дилхоҳе надорад, зеро дар ин марҳалаи буҳрони ин донишҳо ва лаёқатҳо ин навъ баёнот барои бисёриҳо баҳонаи бетафовутӣ ва беэътиноиро нисбат ба ин унсурҳои асосии шеър медиҳад.

ШЕЪРИ НАВ (АРӮЗИ НАВ)

Шеъри нав (арӯзи нав) на танҳо арӯзро моҳиятан инкор накард, балки бисёр имконоти то ҳол нуҳуфта ва бакорнарафтаи арӯзро ошкор намуд ва ба кор андохт. Арӯзи нав ба таври барҷаста ва қатъиву ҳамапазир собит намуд, ки вазни арӯз дар ҳеч шароит ва ҳеч замоне маҳдуд, куҳна ва ғайри қобили истифода намегардад. Шеъри нав дар бахши арӯзи нав (ғайр аз шеъри сапед) аз оғози назми навини тоҷик дар коргоҳи эҷодии устод Айнӣ, Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Деҳотӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Гулназар, Ҳақназар Ғоиб, Аскар Ҳаким, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло, Искандари Хатлонӣ ва минбаъд тамоми шоирони тоҷик камобеш бахши муҳимме аз эҷодиёти онҳоро фаро гирифтааст ва ин раванд ҳамроҳ бо навъҳои суннатии шеър идома дорад. Арӯзи нав (шеъри нав) дигар худ ба як суннати пазируфта табдил шуда, қоидаҳо ва меъёрҳои худро доро гардидааст.

Ин таъкид дар ибтидои бахши навбатии гуфтор ба хотири он аст, ки пас аз як аср аз зуҳури нахустин падидаҳои шеъри нав дар назми мо ва пас аз ним аср аз “Симпозиуми ҷаҳонии шеъри форсӣ” дар Душанбе, ки усулан санади асолати шеъри нав (арӯзи нав)-ро содир намуд, ҳанӯз баъзе шоирон ва адабиётшиносони ҷавони мо дар мубоҳисаҳову мунозираҳо аз як сӯ шеъри навро чизе ҷудо аз арӯз ва ҳатто инкоркунандаи он ва аз сӯи дигар ихтироъи дигарон медонанд, ки ё бар мо таҳмил шуда ва ё мо танҳо аз роҳи тақлид ба дигарон дар он омил шудаем. Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки як сабаби аслии дар Душанбе баргузор гардидани Симпозиуми ҷаҳонии шеъри форсӣ, ки мавзӯи асосиаш ҳам шеъри нав буд, ҳамин буд, ки ҷараёни таҳаввули шеър ҳамроҳ бо зуҳури рӯзафзуни шеъри нав дар Тоҷикистон нисбат ба дигар ҷойҳо ба сурати табиӣ ва

муътадил сурат мегирифт, аз шаклпарастиҳои маҳз ва ситезу инкор нисбат ба суннатҳои ҳазорсолаи шеъри тоҷикӣ-форсӣ орӣ буд, заминаи илмию назарию таҷрибии лозимро ҳамроҳ дошт, ки дар он на танҳо адабиётшиносони тоҷик, балки шарқшиносони ҷаҳонӣ низ ширкат доштанд. Ҳамин буд, ки бар хилофи дигар ҷойҳо дар Тоҷикистон ҳамчунин гурӯҳҳо ва афроде, ки бар алайҳи шеъри нави асил мубориза баранд, набуданд ва шеъри нав чунон, ки гуфта шуд, аз оғози адабиёти навин дар он саҳми “қонунӣ” дошт. Чун дар ин мақола ҷузъиёти мавзӯъро батафсил овардан имкон надорад, бамаврид аст, ба хонандагони арҷманд пешниҳод шавад, ки як бори дигар аз ин дидгоҳ тамоми суханрониҳои ироашуда дар ин Симпозиуми таърихиро, ки ба иқтибос аз маҷаллаи “Садои Шарқ”-и соли 1968 дар шумораи 3-юми соли 2016-и ҳамин маҷалла ба пешвози “Ҳамоиши ҷаҳонии шоирони ҳавзаи Наврӯз” дубора чоп шудаанд, мутолиа намоянд.

Бештаре аз муҳаққиқон ва устодони шеъри нав (арӯзи нав) дар зуҳури ин навъи шеър ду омилро аслӣ ва муассир медонанд: 1) мусиқӣ – яъне мусиқии нав бо сохтори (композитсияи) ҷадид ва 2) майли шеър ба сӯйи мутобиқати бештар бо табиати забон, муошират, гуфтор. Нақши ин ду омил дар таҳаввули шеъри тоҷик ба таври амалӣ ва назаррас ошкор аст. Мусиқии классикии тоҷик бо таркиби шеъри арӯзи суннатӣ ҳамоҳангии комил дошт ва агар пардаҳое тоза ҳам ворид мешуд, тавре сурат мегирифт, ки матни навиштаи сурудро берун аз ҳудуди арӯзи суннатӣ намебурд. Қироат ё ривояти шеър низ ҳамроҳ бо оҳанг сурат мегирифт, мисли декламатсияи имрӯзӣ набуд, агар бидуни асбобу сози мусиқӣ ҳам бошад, ба ҳар ҳол бо оҳанг адо мешуд. Дар жанри мусамматот (тарҷеъбанду таркиббанд) банди шеър ва дар боқии жанрҳо байт ҳам воҳиди шеър буд ва ҳам воҳиди мусиқӣ. Бешубҳа, мусиқӣ дар эҷоди ин навъҳо ва воҳидҳои шеър саҳми зиёд дорад. Хусусан, мустазод, ки ба сароҳат зодаи мусиқист ва, зимнан, дар оянда яке аз роҳҳои ҳаракат ба

сӯйи шеъри нав дар назми тоҷик мегардад.

В.В.Маяковский – шоири инқилобӣ ва навовари Рус эълом карда буд:

Ҳамон аст шоир дар ин рӯзгор,
Ки марше сарояд, бигӯяд шиор!

Ин маршҳо ва шиорҳо дар айни ҳол оҳанги инқилобӣ доштанд ва гоҳо ин оҳангҳо мисли оҳанги суруди машҳури инқилобии Фаронса "Марселйеза" байналмилалӣ буданд ва дар ҳама ҷо яксон муроот мешуданд. Матни онҳо метавонист ба ҳар забоне бошад. Ҳамин ҷо буд, ки иттифоқе пеш омад, ки устод Айнӣ нубуғи хеш ва имконоти фавқулодаи арӯзро ба намоиш гузошт.

"...Вақте ки ман «Марши ҳуррият» (Марселйеза)-ро навиштан хостам, ба бисёр душвориҳо воҳӯрдам. Охир вазни ин сурудро мувофиқи он шеъре, ки дар русӣ ба ҳамин вазн гуфта шудааст, бо хусусияти вазни шеъри тоҷикӣ тақтеъ карда, дар охир ҳамин вазнро баровардам: «фоилан, фоилан, фоилотун-фоилан, фоилан, фоилан» (чор бор). Дар нақороти ин суруд бошад, «фоилан, фоилан, фоилотун» (се бор) ва «фоилан, фоилан, фоилан» (як бор). Баъд аз он мувофиқи ин вазн «Эй ситамдидагон, эй асирон, Вақти озодии мо расид…»-ро то охир гуфтам".[66]

Матни суруди тоҷикиеро бо унвони "Марши ҳуррият" (ё "Марши интиқом") эҷод менамояд, ки бе каму кост ба оҳанги фаронсавии "Марселйеза" соз мегирад. Дар ин вазн, ки дар адабиёти пешин назир ва собиқа надошт, рукни "фоилун" аз баҳри мутадорик ва "фоилотун" аз рамал аст. Назари дигаре ҳам ҳаст, ки ба ҷои "фоилотун" "фоилун фаъ" хондаанд ва бо ин қироат шеър комилан дар баҳри мутадорик мешавад. Аммо чун устод Айнӣ, ки беш аз ҳар касе донандаи арӯз буд ва худ "фоилотун" хонда ва дар ин қироат сароҳате бештар аз "фоилун фаъ" ба самъ мерасад, лозим аст, ҳамон муроот

[66] Садриддин Айнӣ. Мактубҳо ба адибони тоҷик//Садои Шарқ, 2017, №3, с.110.

шавад. Дар идомаи ин нома устод Айнӣ дар бораи вижагиҳои арӯзи тоҷикӣ ва имконоти зиёди нав ва такмил кардани он, хусусан бар мабнои фолклори тоҷик назар медиҳад ва орзу мекунад, ки агар умр вафо намояд, ӯ се кори бисёр муҳимми дигарро анҷом хоҳад дод: навиштани ҷилди охири "Ёддоштҳо", китоби "Сарфу наҳви забони тоҷикӣ" ва "Арӯзи тоҷикӣ". Агар ин ормони устод Айнӣ амалӣ мешуд, имрӯз мо як дастури беназире дар бораи арӯзи тоҷикӣ дар даст медоштем. Аммо дар кори амалии эҷодӣ устод Айнӣ то охири умр таҷрибаҳои худро дар арӯз идома додааст ва аз ҷумла дар ашъори даврони ҷанг ва ашъоре ки дар таркиби осори мансур ба кор бурда аз вазнҳову ритмҳои нодири фолклорӣ истифода намудааст, ки назири ин корро мо баъдан дар осори устодони шеъри Эрон Меҳдии Ахавони Солис ва Аҳмади Шомлу (хусусан таронаи "Париё") мебинем, ки албатта онҳо низ бар мабнои фолклори мардуми худ кор кардаанд.

Пеш аз "Марши ҳуррият" ҳам устод Айнӣ дар вазни шеър ба гунаи ончи имрӯз мо шеъри нав ё арӯзи нав мегӯем, навовариҳо карда буд ва ин навъ ашъор аз соли 1909 ба назар мерасанд, аммо "Марши ҳуррият" саҳифаи дурахшони назми навини тоҷик гардид ва ҳамроҳ бо эътибори волои расмии худ, бидуни эълони хос, шеъри нав ва арӯзи навро расмият ва эътибори бебаҳс бахшид.

Вазни "Марши ҳуррият" боз вақте машҳур шуд ва мавриди пурсуҷӯ қарор гирифт, ки дар соли 1926, яъне пас аз панҷ сол Нимо Юшиҷ ба ин вазн манзумаи "Афсона"-ро навишт ва дар муқаддимаи муфассале, ки бар он нигошта буд, ин асарро "Манифест"-и худ дар "шеъри нав" номид, яъне онро оғози расмии "шеъри нав" муаррифӣ кард. Вақте аз дидгоҳи шеъри нав "Марши ҳуррият" ва "Афсона" муқоиса шуд, баъзеҳо ибрози назар намуданд, ки дар "Афсона" на танҳо вазн, балки диди шоирона тоза аст ва эътибори нав будан бар он аст. Аввалан, аз ин нигоҳ ҳам "Марши ҳуррият" бидуни тозагиҳои вижа дар матни назми суннатӣ нест, сониян тозагӣ ва

бесобиқа будани вазни “Афсона” дар назми Эрон аз сӯйи муҳаққиқон яке аз далелҳои аслии нав будани ин асар қаламдод шуда, баъзеҳо талош кардаанд, ки вазни онро аз матнҳои паҳлавӣ ҷустуҷӯ кунанд. Аз тарафи дигар далелҳои зиёди инкорнопазире вуҷуд дорад, ки Нимо Юшиҷ на танҳо аз “Марши ҳуррият” огоҳӣ дошт, балки то зинда буд, назми муосири тоҷикро мутолиа намуда, дар хусуси он назар додаву мақолаҳое ҳам навиштааст.

Нуктаи ҷолиби дигар ин аст, ки аз ҷиҳати поэтикаи вазн “Марши ҳуррият” ҳаққи бештаре ба “шеъри нав” (арӯзи нав) нисбат ба “Афсона” дорад ва он ин аст, ки агар дар “Афсона” рукнҳои мисраъҳо ба ҳам баробар бошанд:

Дар шаби тира *девонае, к-ӯ -v-/-v-/-v- -*
Дил ба ранги гурезон супурда...(фоилун фоилун
фоилотун),

пас дар “Марши ҳуррият” ҳар мисраи ҷуфт аз мисраи тоқ як ҳиҷо камтар аст ва ин нобаробарии ҳиҷоҳо ва рукнҳо дар мисраъҳои як шеър минбаъд аз хусусиятҳои асосии шеъри нав (арӯзи нав) шинохта мешавад, ки гоҳо як мисраъ як рукн ва мисраи дувум чор ё ҳатто бештар аз он мешавад. Он чи дар ашъори баъдии Нимо Юшиҷ ҳам зиёд мушоҳида мешавад ва ончи мо дар намунаи ашъори устод Айнӣ боз хеле пештар аз ин, масалан, дар соли 1909, мебинем. Дар маҷмӯъ ин оғози муҳимтарин таҳаввул дар поэтикаи арӯз буд, ки боис мешавад воҳиди асосии вазн ба ҷои байт минбаъд (дар шеъри нав) мисраъ дониста шавад.[67]

Албатта, дар Эрон ҳам пеш аз Нимо Юшиҷ гунаҳое аз шеъри навро суруда буданд ва инқилоби Машрута боиси ин навовариҳо гардида буд. Аз ҷумла шоир ва муҳаққиқи эронӣ Шамси Лангрудӣ – муаллифи китоби ҷомеъи “Таърихи таҳлилии шеъри нав” Абулқосим Лоҳутиро нахустин гӯяндаи “шеъри нав” (соли 1900) медонад. Аммо вай боз ба дурустӣ

[67] Муфассалтар ниг.: Рустами Ваҳҳоб. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2009, с.8.

қайд мекунад, ки Лоҳутӣ чун марде буд низомӣ ва инқилобӣ ва “умраш дар кудатову (табаддулот) зиддикудато”[68] сарф мешуд, фурсати онро надошт, ки ин навовариҳоро бо системаи хосси назарӣ расмият бахшад ва муаррифӣ кунад. Ҳамон тавр, ки мутаассифона устод Айнӣ ҳам чунин фурсатеро пайдо нанамуд. Ин корро аз ҷиҳати назарӣ Нимо Юшиҷ дар мақолаҳои муфассал ва дар баҳсҳое, ки ба мухолифони худ посух мегуфт, анҷом дод ва ҳаққи асосгузори “шеъри нав”-ро дар Эрон соҳиб гардид, ки он ҷойи баҳс ҳам надорад.

Аммо Абулқосим Лоҳутӣ таҷрибаҳои навоваронаи худро беш аз он ки дар Эрон буд, дар СССР ва хусусан Тоҷикистон идома дод ва ҳамроҳ бо устод Айнӣ намунаҳои барҷастаи ашъори аз ҳар назар навоваронаеро ба вуҷуд оварданд, ки заминаи нерӯманде барои рушду тавсеаи назми навини муътадил ва мутаносиб бо суннатҳои адабии ҳазорсола гардид. Идомаи он корҳоро баъдан дар осори Пайрав, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирзо Турсунзода ва дигарон мебинем. Яъне, то даҳаи шаст, ки давраи наве дар робитаҳои адабии Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсояи форсизабон шинохта шудааст ва ба ин далел марҳалаи асосии рушди шеъри нав дониста мешавад, шоирони тоҷик барои пайравӣ дар шеъри нав ва такмилу навтар кардани он намунаҳои барҷастае дар ихтиёр доштанд.

Хусусан, ин омил, ки аз солҳои аввали баъди инқилоб як неҳзати пурвусъати тарҷума аз осори шоирони навовари рус, масалан Маяковский ва шоирони Ғарб, шурӯъ гардид ва дар ин тарҷумаҳо аксаран қолаби матни асл ба эътибор гирифта шудааст, имтиёзотеро барои нав кардани шеъри тоҷик фароҳам овард, ки шояд дар дигар ҷойҳо ба ин вусъат ва ба сурати барномарезишуда вуҷуд надошт.

Аз ҷумла, тарҷумаи шеъри Виктор Гюго – адиби маъруфи

[68] Шамси Лангрӯдӣ.Таърихи таҳлилии шеъри нав. (Дар 4 ҷилд), ҷилди 1 – Теҳрон: Нашри Марказ, 1332 – 1284 ҳ.ш, с.50.

Фаронса, ба сурате анҷом шуда, ки “шеъри нав” танҳо баъди ба камол расидан чунин намунаҳоро додааст:

Размоварони сангари хунин шуданд асир
Бо кӯдаке далер, ба синни дувоздаҳ,

- *Он ҷо будӣ ту ҳам?*
- *Бале!*
  Бо ин диловарон.
- *Пас мо кунем ҷисми туро ҳам нишони тир,*
  То он ки навбати ту расад, мунтазир бимон...

Дар эҷодиёти Пайрав Сулаймонӣ ва баъдан Ҳабиб Юсуфӣ мо намунаҳои шеъри наверо мебинем, ки комилан маҳсули таҷрибаи эҷодӣ ва ҷустуҷӯҳои фардии эҷодии худи онҳост. Аз ҷумла, дар шеъри “Навиди Вахшстрой”-и Пайрав Сулаймонӣ омеши арӯзи нав бо “шеъри сафед” мушоҳида мешавад. Кӯшишҳои Ҳабиб Юсуфӣ барои эҷоди намунаҳои шеъри нав, ки баъзе ба арӯзи нав ва баъзе ба “шеъри сафед” шабоҳат доранд, қобили мутолиа ва омӯзиши махсус аст.

Хулоса, навоварӣ дар вазни назми тоҷик решаҳои аз назари замонӣ ва ҳунарӣ на камтар аз дигар минтақаҳои адабиёти муштараки моро доро мебошад ва истилоҳи муносибе, ки онро аз ҳар назар барои мо метавонад муаррифӣ намояд ҳамин истилоҳи “арӯзи нав” аст ва ба ин восита мо онро аз гунаи дигари “шеъри нав”, ки “шеъри сапед” аст, фарқ мекунем. Зеро дар шеъри сапед вазни арӯз эътибор надорад ва вижагии аслии поэтикиаш ҳам дар ҳамин мебошад.

МУСИҚӢ ВА ВАЗНИ ШЕЪР

Дар бахшҳои пешин дар хусуси пайванди қавии шеър ва мусиқӣ ёдоварӣ гардид ва ҳамчунин дар мисоли шеъри “Марши ҳуррият”-и устод Айнӣ дидем, ки чи тавр вазни суннатии арӯз метавонад ҳатто ба мусиқии дигар халқҳои ҷаҳон созгорӣ дошта бошад. Ва ин танҳо хосси оҳангҳои маршӣ ҳам нест. Дар сурудҳои латифи муосир низ ин ҳамсозиро мушоҳида менамоем, аз ҷумла ҳофизи машҳур Аҳмад Зоҳир бар чандин оҳанги фаронсавӣ ва дигар оҳангҳои аврупоӣ матни тоҷикиро барбастааст, ки яке аз онҳо суруде ошно бо матлаи “Танҳо шудам, танҳо” мебошад.[69] Ҳамчунин суруде форсӣ ба оҳанги суруди машҳури русии “Миллион алых роз” (матни А.Вознесенский, оҳанги Р.Паулс) ахиран садо дода, ки оҳанг бекаму кост бо матни форсӣ созгорӣ дорад (фоилун, фоилун, фоилун...) ва дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки барои ҳама навъ мусиқии асил, сарфи назар аз он, ки ба кадом миллат мансуб аст, метавон матни манзуми арӯзии муносиби тоҷикӣ пайдо ва ё иншо намуд. Арӯз бо ҳама мусиқии ҷаҳон созгор аст. Ин натиҷагирӣ бар асоси вазнҳои то ҳол роиҷ ва корхӯрдаи арӯз аст ва ғайр аз ин дар системаи арӯз имкони ихтироъи вазнҳои нав ва бесобиқа ба ҳадде зиёд аст, ки беш аз шумори вазнҳои то кунун маъмул мебошад.

Имрӯз бархе аз овозхонҳои нисбатан ҷавон, ки ҳамзамон ба навиштани шеър ҳам машғуланд ва барои оҳангҳои худ ва ё оҳангҳои дигарон матн менависанд, ин матнҳоро ба сурати шеъри навишта низ китобу дафтар мекунанд ва ба хонандагон пешниҳод менамоянд. Агар ба ин матнҳо аз назари вазн (арӯз) эрод гирифта шавад, мегӯянд, ки ин матни суруд аст ва бар мабнои мусиқӣ, оҳанг (на арӯз) иншо шудааст. Аввалан, бояд гуфт, ки сактаи арӯз, ба ҷуз чанд мавриди нодир, ҳамеша дар оҳанг ҳам сакта эҷод мекунад ва он ҷо, ки дар оҳанг ба навъе

[69] Муфассалтар ниг.: Султон Ҳамад. Аҳмад Зоҳир ва мусиқии Ғарб. – Душанбе: Бухоро, 2012.

сактаи арӯзро пӯшонданӣ мешаванд, харобии лаҳни матн эҳсос мегардад. Зимнан, дар сурудҳои ҳатто бисёр овозхонҳои маъруф чунин сактаҳои нораво эҳсос мешавад. Хусусан, замоне ки дар таҳия ва чопи матнҳои шеъри классикӣ таҳиягарону ноширон ба хатои вазн роҳ дода, ҳофизон ин хаторо ба суруд овардаанд.

Дар ин маврид бояд гуфт, ки фазои мусиқии маҳз, албатта, бозтар ва гунгунтар аз фазои як матни мушаххас аст ва агар эътибори аввал бар мусиқӣ бошад, яъне матн барои мусиқии аз қабл омода навишта мешавад, ин маҳз матни суруд аст, на шеъри мустақиле, ки баъдан оҳанг аз таркиби он берун кашида мешавад. Мусиқӣ имконоте дорад, ки дар таркиби он матне бо вазнҳои гуногун ё ҳатто пораҳои мансур ҷой дода шавад. Дар ин сурат матни суруд бояд маҳз чун матни суруд муаррифӣ шавад ва оҳанг дар канори он ба сурати адвор гузошта шавад. Аммо матни танҳои ин асар комил шинохта намешавад ва танҳо он гоҳ комилу тамом ба ҳисоб меояд, ки ҳамроҳ бо оҳанг арза шавад. Тақрибан мисли намоишнома, ки матни адабии намоиши театрӣ, драма, спектакл ё филмномаро ташкил медиҳад ва мо метавонем ин матнро ба сурати алоҳида бихонем, аммо он ҳанӯз комил нест, хом аст ва танҳо дар саҳнаи театр ё филм комилу тамом мешавад, дар мавриди суруд ин вобастагӣ ҳатто бештар аз намоишнома аст. Чунин матнҳои вобастаи сурудро дар Эрон “тасниф” номидаанд ва, зимнан, тасниф ба эҳтимоли зиёд яке аз заминаҳои зуҳури шеъри нав гардидааст. Дар тасниф мо ба ҳам омадани “низоми мусиқӣ” ва “низоми табиӣ”-ро мушоҳида менамоем. Масалан ин таснифи машҳур:

Бо ман бинишин

Омад, омад, бо дилҷӯйӣ, гуфто бо ман
Танҳо манишин, бархезу бубин, гулҳои хандони саҳроиро
Аз саҳро дарёб ин зебоиро.
Бо гӯша гирифтан дармон нашавад ғам, бархезу бапо

кун шӯре ту ба олам
Ту ки узлат гузидаӣ, ғами дунё кашидаӣ, зи табиат чи дидаӣ ту?...[70]

Ин матн тарзе сохта шудааст, ки бидуни он ки шумо аз оҳанги он огоҳ бошед, ё бидонед, ки матни суруд аст, ҳаройина, ҳар калима ё ибораро ба зарби махсус мехонед ва таври дигар ҳам хонданаш ба овоз муяссар намегардад. Агарчи арӯз низ дар ин мисраҳо эҳсос мешавад, он ҳар лаҳза тағйир меёбад ва якдасту пойдор нест.

Бояд гуфт, ки дар ашъори арӯзӣ низ вазнҳое ба кор рафта, ки ҳар қитъаи он ҳамзамон як қитъаи мусиқист ва оҳанг ба сароҳат аз дохилаш худро берун мезанад. Аз ҷумла ғазали Бедил бо матлаъи:

Агар ба гулшан ба ноз гардад қади баланди ту ҷилвафармо,
Зи пайкари сарв мавҷи хиҷлат шавад намоён чу май зи мино...[71]

Ё:

Насазад ба вазъи фусурдагӣ зи баҳори дил мижа бастанат,
Ки гудохт ҷавҳари рангу бӯ ба фишори ғунча нишастанат.[72]

Ин ду намуна аз баҳрҳои вофир ва комил, ки хосси шеъри араб дониста шудаанд, дар шеъри тоҷикӣ мусиқии барҷастаеро доро мешаванд ва эҳсоси мусиқӣ дар ин навъ шеърҳо бартар аз эҳсоси вазн аст. Домани фарохи ин вазнҳои пурталотумро аз дони маънӣ пур кардан, ин равишро дар саросари як шеър то охир нигоҳ доштан кори бисёр душвор аст, ки аз уҳдаи он танҳо шоироне чун Саъдӣ ва Бедил баромадаанд ва талошҳои бисёре дигар аз шоирон ба тасаннуъ

[70] Ниг.: http://lyrics.hoomanb.com/ba-man-beneshin/

[71] http://ganjoor.net/bidel/ghazalbi/sh2/
[72] http://ganjoor.net/bidel/ghazalbi/

ва такаллуфи маҳз анҷомидааст. Аммо дар тасниф, чунон ки дида шуд, мутобиқ ба оҳанги тағйирёбанда тӯли ҳар мисраъ ва ҳатто вазну зарби он метавонад тағйир ёбад.

Дар фолклори тоҷик намунаҳои таснифро метавон пайдо намуд, ҳамчунин баъзе аз ашъори устод Айнӣ (“Хест бар дафъи таадии фашизм аскари мо” ва таронаи “Чорторӣ”), ки бар мабнои сурудҳои фолклории тоҷикӣ сохта шудаанд, метавонанд навъе аз тасниф шумурда шаванд. Тасниф дар ашъори тоҷикистонии Абулқосим Лоҳутӣ низ нақши равшан дорад. Аз ҷумла матни Суруди миллии (Гимни) пешинаи Тоҷикистон, ба қалами ӯ бар мабнои тасниф нигошта шудааст ва баъзе мисраъҳои он ба вазни мафоилун (v-v-) ва бархе ба вазни дигар ё умуман хориҷ аз вазн танзим шудааст. Чун Абулқосим Лоҳутӣ аксаран оҳанги сурудаҳояшро худ месохт ва беш аз ин бар ашъори дигарон низ оҳанг мебаст (аз ҷумла бар ғазали Низомӣ “Шудам бар сурате ошиқ...”), ба эҳтимоли қавӣ дар сохтани оҳанги он бояд нақши асосӣ дошта бошад. Хусусан, ба ин мулоҳиза, ки оҳанги он гимн рӯҳи барҷастаи шарқӣ дорад. Матни нави Суруди миллии Тоҷикистон, ба қалами Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ комилан дар вазни арӯзии ҳазаҷи мақбуз (v-v-) ва дар қолаби арӯзи нав бо шумори гуногуни аркон дар мисраъҳо буда, ба айни ҳамон оҳанг мутобиқат дорад.

Мутобиқати арӯзи нав ба мусиқии ҷадид мисли тасниф ба фазли ҳамон имкони гуногунии тӯли мисраъҳо муяссар мегардад. Зеро, чунон ки гуфта шуд, мусиқии нав баракси мусиқии суннатӣ, ки он ҳам ба шеъри суннатӣ мутобиқ буд, сартосар аз қитъаҳои яксон иборат нест ва пардае метавонад иборат аз як-ду зарб ва пардаи дигар аз чанд зарби пайҳам бошад. Ончи дар ашъори арӯзи нав дар шумори рукнҳои шеър дида мешавад, ки як мисраъ метавонад аз як рукн ва мисраъи дигар аз чор ё ҳатто панҷ рукн иборат бошад ва композитсия (сохтори) оҳанг на дар воҳидҳои алоҳида, балки дар тамомияти он хулоса ва таҷассум ёбад.

Намунаи барҷастаи ҳамсозии мусиқии ҷадид бо шеъри нав (арӯзи нав) дар яке аз нахустин намунаҳои шеъри нави тоҷик – шеъри машҳури Муъмин Қаноат “Нарав, қуи сафеди ман” мебошад, ки маълум аст, бо илҳом аз мусиқии П.И.Чайковский “Ҳавзи қувон” ва рақси Малика Собирова эҷод шудааст:

Навоҳо об мегардад,
Ба рӯйи саҳна мерезад,
Садо аз мавҷҳои реза мехезад.

Ба нармӣ қуи зебое
Ба рӯйи ҳавз обӣ шуд,
Ба пояш зарраҳо ҳавзи гулобӣ шуд.

Гаҳе аз нармрафторӣ
Гули дар об мегардад,
Гаҳе дар гирди худ гирдоб мегардад.

Гаҳе аз ишқ меболад,
Гаҳе хомӯш менолад,
Чи хомӯшӣ, ки ҳар мӯяш забон дорад.

Ман аз ин печутоби ӯ,
Азобу изтироби ӯ
Шудам дар ин шаби сармо кабоби ӯ.

Зи дилбозии он дилбар,
Зи рақси қуи афсунгар
Ҳазорон чашмҳо чун чашма пуроб аст.
Дар он ҷо ҳур мерақсад,
Ба дилҳо ҷӯр мерақсад,
Миёни дидаҳо чун нур мерақсад.

Ба афсуне ҳақиқатро
Ба ман афсона месозад,
Маро аз хештан бегона месозад.

Нарав, эй лаҳзаи ширин,
Машав хомӯш, эй оҳанг,
Ки умри бебаҳоям меравад аз чанг...

Марав ҷонам, ки ишқи мо
Дар ин афсона мемонад,
Зи ман баъди ту оташхона, оташхона мемонад.[73]

Дар ин шеър, ки арӯзи нав (бар мабнои ҳазаҷи солим) бо мусаммати мусаллас омехта, таркиби онро дар тасарруфи худ гирифтааст, ҳар банд мутаносиб бо як қитъаи мусиқӣ ва тамомияти шеър мутаносиб бо рӯҳи оҳанги мазкур мебошад. Тасвирҳои пайҳам тамомият ва якпорчагии оҳангро қавитар менамояд ва бо ин ҳол ҳаргиз наметавон гуфт, ки тағйири аркон дар банди аввал ба оҳанги банди охир бемуносибат аст. Яъне тамоми пайкари шеър ба як оҳанги воҳид табдил меёбад ва афзуда шудани як рукни комили мафоӣлун дар охирин мисраъ мисли зарби охирини мусиқӣ онро тамомият мебахшаду ҷамъбаст мекунад.

Мусиқии ҷадиди касбии тоҷик ҳамзамон бо шеъри нав ба вуҷуд омад ва талфиқе аз ин ду ҳосил гардид. Бар матнҳои шеъри нав (арӯзи нав) як силсила сурудҳо ба вуҷуд омаданд, ки ба зеҳну табъи мардум ба таври табиӣ роҳ ёфтанд. Аз ҷумла сурудҳои Ҷӯрабек Назрӣ бар ашъори нави Муъмин Қаноат, Саидқул Билол бар ашъори Бозор Собир, Афзалшоҳи Шодӣ бар ашъори Лоиқ Шералӣ, аз чанд нафар ҳофизон бар ашъори Гулрухсор, Гулназар ва дигарон.

Матни суруд қарор гирифтани шеъри нав (арӯзи нав) ва ба

[73] Муъмин Қаноат. Тоҷикистон исми ман. – Душанбе: ЭР-граф, 2013, с.313.

хушӣ пазируфта шудани он аз тарафи умуми мардум дар ниҳоят тасдиқи ҳувияти бебаҳси шеъри нав дар матни фарҳанги миллии мо мебошад.

НИЗОМИ ТАБИӢ ДАР ШЕЪР

Нимо Юшиҷ зимни тавзеҳи вижагиҳои шеъри нав менависад: «...Шеъри форсӣ се даврароро мумтоз медорад: давраи интизоми музикӣ, давраи интизоми арӯзӣ, давраи интизоми табиӣ».

Манзури ишон аз ин қисмат чунон аст, ки ибтидо шеър таҳти ҳоссаи мусиқии инсонҳо сурат баст, сипас системаи арӯз ба вуҷуд омаду таърифу танзими назарӣ шуд ва шеър дар қолаби он гирифта шуд ва дар ниҳоят даврони интизоми табиии он фаро расид ва ин давра замонест, ки шоироне чун Нимо бо таваҷҷуҳи бештар ба лаҳни табиии матни шеър даст ба эҷоди тағйироте дар системаи арӯзи суннатӣ заданд ва фазои онро барои ҳаракати озодтари ҷузъҳои матни шеър бозтар намуданд. Аммо арӯз ба сурати навтаре боқӣ монд ва на танҳо радду тарк нашуд, балки имконоти бесобиқаи он рӯйи кор омад.

Ин даврабандӣ низ ба шарти он аст, ки мо кадом ҷанбаи низоми шеърро дар мадди назари аввал қарор медиҳем: мусиқии онро, вазни арӯзии суннатиро ва ё низоми табиии матни шеърро? Дар акси ҳол, чунон ки дар бахшҳои пешини ин гуфтор дидем, мусиқӣ ва арӯз дар шеър бо ҳам даромехтаанд, яке аз дигаре нашъат мегирад ва ин ҳарду он гоҳ натиҷаи матлуб медиҳанд, ки бо табиати матн ва маънову муҳтаво ва рӯҳияи шеър созгории комил дошта бошанд, яъне табиӣ сурат бигиранд.

Барои он ки ба ниёзи воқеии ҳаракати озоди матн дар таркиби шеър ва сурати табиии он беҳтар пай бибарем, лозим аст ба масъалаи воҳиди шеър дар низоми суннатии арӯз

таваҷҷуҳ ва хусусияти он маълум карда шавад. Муҳимтарин ва асоситарин воҳиди шеър дар назми суннатии мо байт (ду мисраъ) буд ва имрӯз ҳам дар навъҳои суннатии шеъри мо дар ҳамон мақоми худ пойдор аст. Тамоми осори манзуми суннатии мо, ба истиснои мусамматот, ки аз бандҳо иборат аст, бар мабнои байт сохта шудааст. Байт ҳам ҷузъе аз як асар аст ва ҳам дар таркиби он истиқлоли нисбӣ дорад. Хусусан, дар маснавӣ ва ғазал. Имконоти истиқлоли байт дар муфрадот ба ҳадди камол мерасад ва фард (байт, фардбайт, байти фард, такбайтӣ) ба жанри мустақил, хурдтарин жанри шеъри ғиноии ҷаҳон табдил мешавад. Дар фолклори тоҷик низ (хусусан фолклори водии Фалғару Масчоҳ) аз муҳимтарин жанрҳои ғиноӣ мебошад ва ин амр гӯёи ин воқеият аст, ки истиқлоли байт як амри табиист, на ибтикори назарӣ ва таҷрибӣ. Имконоти барҷастаи байт боис гардида, ки истилоҳоте чун "шоҳбайт", "байтулғазал" ва... ба вуҷуд биёяд ва байтҳои барҷастаи беҳадду шуморе аз таркиби маснавиҳо, ғазалҳо ва дигар анвои назм берун омада, минбаъд чун як асари мустақил, мисли фард арзи вуҷуд кунанд ва ҳатто ба зарбулмасалу мақол табдил шаванд. Дар бисёре аз тазкираҳо ва осори таърихи адабиёт барои исботи қуввати табъ ва истеъдоди шоире аз вай як ё ду байт мисол оварда мешавад ва ё ишора мешавад, ки "соҳиби фалон байти машҳур ӯст". Асарҳои бузурги манзуми адабиёти мо асосан қасида ва маснавӣ мебошанд, ки иборат аз байтҳо ҳастанд. Истиқлоли шаклии байт дар маснавӣ барҷастатар аст, чун ҳар байт қофияи мустақил дорад. Қолаби муҷази байт, ки аксаран аз 10-12 калима ва камтар аз ин иборат аст, шоирро вомедорад, ки дар ҳамин ҳудуд як мазмунро (ҳамроҳ бо эҳсосот, тасвир ва ғайра) адо намояд ва камтар воқеъ мешавад, ки мазмуни таркибӣ ва дохилии як байт ба байти дигар интиқол ёбад ва вобаста бошад. Ҳунари шоир ҳам дар ҳамин лаёқат хулоса мешуд. Дар таҳсини ин навъ лаёқат аст, ки Иқбол дар шеъри "Чистони шамшер" мегӯяд:

Мазмуни ӯ ба мисраи барҷастае тамом
Миннатпазири мисраи дигар намешавад.[74]

Яъне истиқлоли маънавӣ, чун шамшер, ки аз як хат иборат аст ва ҳатто ниёз ба хатти дигар надорад, рамзи қудрати маънавӣ, эҷоз.

Ин низом дар айни ҳол боис мегардад, ки афкори пароканда муназзам гардад, банду баст шавад, як пайкари воҳид ёбад. Бино бар ин, пешиниён ба назм овардани осори мансурро низ лозим донистаанд ва онро воситае шинохтаанд, барои ҳифзу идомати бақои ин осор ва камтар кардани имкони тасарруфот ва дахолат дар онҳо. Абулқосими Фирдавсӣ дар боби назми "Калила ва Димна" аз тарафи устод Рӯдакӣ менависад:

Гузорандаро пеш биншонданд,
Ҳама нома бар Рӯдакӣ хонданд.
Бипайваст гӯё парокандаро,
Бисуфт ончунон дурри окандаро.[75]

Ҳамчунин дар васфи Дақиқӣ ва кори ӯ дар назм кардани "Шоҳнома" мегӯяд:

Фасона куҳан буду мансур буд,
Табоеъ зи пайванди ӯ дур буд.
Набурдӣ ба пайванди ӯ кас гумон,
Пурандеша гашт ин дили шодмон.
Гирифтам ба гӯянда-бар офарин,
Ки пайвандро роҳ дод андар ин.
Агарчи напайваст ҷуз андаке,
Зи базму зи разм аз ҳазорон яке.[76]

Зимнан, дар ҳаҷми он ҳазор байте, ки аз устод Рӯдакӣ барои мо боқӣ мондааст, агар ба фарз осори мансур (ба ҳамин ҳаҷм) боқӣ мемонд, оё чунин арзише медошт? Оё ҳама иборат аз ҷумлаҳое комилу тамом ва ҳовии андешаҳое мушаххас мебуд?

---

[74] https://ganjoor.net/iqbal/payam-mashregh/sh208/
[75] http://ganjoor.net/ferdousi/shahname/anooshirvan/sh8/
[76] Ҳамон ҷо.

Он гуна, ки дар мазмуну муҳтаво, дар вазн низ байт воҳиди асосии назм қарор дода шуд ва як байт, агарчи иборат аз ду мисраъ аст, як хатти воҳиди ритмӣ шинохта ба ҷузъҳои ба ҳам пайваставу вобаста тақсим карда шудааст: садр – арӯз (аввалу охири мисраи аввал) ва зарб – ибтидо (аввалу охири мисраи дуюм) ва дар миёнаи ҳарду мисраъ – ҳашв. Яъне як доира, ки миёнаи онро ҳашв ташкил медиҳад. Аз ҳамин лиҳоз аст, ки дар нигориши суннатӣ як байтро дар як сатр, мисраъҳоро на дар зери якдигар, балки дар идомаи якдигар менавиштанд.

Воҳиди вазн ва назм қарор гирифтани байт, беш аз он ки ба иқтизои ритму оҳанг ва вазн бошад, ба иқтизои фикру андеша, яъне забон буд. Дар аксари мутлақи мавридҳо як байт як ҷумла аст, бештар ҷумлаи мураккаби пайваст ва тобеъ. Он гуна, ки воҳиди наср ҳам ҷумла аст. Аммо барои ҷумлаи назм ҳудуди ритмӣ (вазн) муқаррар шудааст, ки бо арӯз, қофия ва гоҳо радиф ҳадгузорӣ мешавад, риояти он ҳатмӣ дониста мешавад. Пас агар дар наср як ҷумла иборат, масалан, аз се калима ва ҷумлаи дигар аз 20 калима ё бештар имконпазир бошад, дар назм, чунон ки пештар ёд шуд, ба иқтизои риояи назму тартиби мушаххаси интихобшуда, шумори калимаҳо бояд ба ҳадде мусовӣ бошад, ки дар оҳангу ритми онҳо (миёни мисраъҳо ва байт) дигаргунӣ ба вуҷуд наояд. Ин аз як тараф ва аз тарафи дигар, дар нигориши ҷумлаҳои наср нависандаи осори мансур ихтиёри бештаре дорад ва метавонад дар сурати лузум ҷумлаҳои кӯтоҳро (агарчи сатрро пур намекунанд) зери якдигар бинависад ва ба ин восита лаҳни табиии забонро ҳифз кунад. Хусусан, дар муколама (диалог). Пайравони шеъри нав хостанд, ҳамин имконоти насрро ба шеър биёранд ва дар айни ҳол вазнро ҳифз намоянд, балки назокат ва табиати бештар ба он бубахшанд. Ин зарурат дар қолаби байтҳои адабиёти классикӣ ҳам эҳсос мешавад. Масалан, байте аз қитъаи машҳури Саъдӣ:

Ҳар ки ҷанг орад, ба хуни хеш бозӣ мекунад

Рӯзи майдон в-он ки бигрезад, ба хуни лашкаре.[77]

Дар ин байт ҷузъи ҳиссаи аввали ин ҷумлаи мураккаб ба иқтизои вазн ба аввали мисраи дуюм интиқол ёфтааст, ки он ибораи "рӯзи майдон" аст ва ин боис мешавад, ки шогирдон ба душворӣ ба маънои ин байт пай баранд, хусусан, ки аксаран чун одат дар китобҳои мо ҳатман дар охири мисраи аввал вергул мемонанд ва дар охири байт нуқта ва таваққуҳ намешавад, ки аломатҳои китобат чи дар назм ва чи дар наср яксон бояд мутобиқи табиати забон, ҷумла гузошта шавад. Агар ин байт моли шоири пайрави шеъри нав мебуд, онро ҳатман чунин менавишт:

Ҳар ки ҷанг орад,
ба хуни хеш бозӣ мекунад
Рӯзи майдон
В-он ки бигрезад,
ба хуни лашкаре.

Ки дар ин сурат муштарак будани ибораи "рӯзи майдон" миёни ду мисроъ ба таври барҷаста маълум мешавад ва лаҳни табиии қироати ин шеър, ки баъди ҷузъи аввали мисраи аввали ин навишта ва ҷузъи аввалу охири мисраи дуюм таваққуф лозим аст, бевосита ба хонанда маълум карда мешавад. Вазни ин шеър низ, ки рамал (фоилотун) аст, ҳеч халале намеёбад.

Муҳимтарин имконе, ки ба шоир дар арӯзи нав даст медиҳад, ҳамин озодӣ аз қайди баробарии ҳатмии рукнҳои мисраъ аст. То бидонем, ки ин чи аҳаммият дорад, аз ҷумла аз мавзӯи "ҳашв" бояд ёд бикунем. "Ҳашв" дар шеъри суннатӣ он пораҳои сухан, калимаву ибораро гӯянд, ки бидуни онҳо низ асли матлаби шоир маълум аст ва шоир онҳоро барои пур кардани мисраъ ва байт меорад. Агар дар ин кор шоир ҳунар нишон бидиҳад, метавонад ин афзудаҳоро тарзе ба кор гирад, ки на қубҳ, балки ҳусни шеър шаванд ва ин навъ ҳашвро "ҳашви малеҳ" номидаанд, ки намунаи барҷастааш ҳамин

[77] http://ganjoor.net/saadi/golestan/gbab1/sh3/

байти Ҳофиз аст:

Ҷу бишнавӣ сухани аҳли дил, магӯ ки хатост,
Суханшинос наӣ, ҷони ман, хато ин ҷост.

Дар ин байт “ҷони ман” қоидатан ҳашв шумурда мешавад, чун бидуни он ҳам асли матлаби шоир равшан аст. Аммо, ибораи “ҷони ман” дар ин байт на танҳо зиёдӣ ба назар намерасад, балки муҳимтарин ҷузъи шеърсоз аст ва шеърро бо танзи латифе ки дорад, зинда мекунад. Навъи дигарро “ҳашви миёна” гуфтаанд, ки қубҳи он барҷаста ба назар намерасад, вале лутфу зарофате ҳам дар шеър эҷод намекунад. Навъи сеюм “ҳашви қабеҳ” (бад, зишт) номида шудааст, ки ҷузъе аз байт дар он на танҳо зиёдист, балки чун нишони заъфи ҳунари суханвар табъро малул месозад. Масалан:

Ҳар ҷой ки рахнае ба ҳар деворест,
Шояд, ки камини каждуме ё морест.

Дар мисраи аввал калимаи “ҳар” бидуни ҳеч зарурати маънавӣ такрор шуда, танҳо вазифаи пур кардани мисраъро дорад, биноан ҳашви қабеҳ аст.

Дар арӯзи нав ба баракати озодии миқдори рукнҳо дар мисраъ ин мушкил ва хатари ҳашв аз миён меравад. Як мисраъ метавонад як рукн бошад ва мисраи дигар ҳатто 5-6 рукн ва бештар. Масалан:

Аё дарё,
Аё ойинаи сайёлу поки рӯзгори мо...

Мақсуди шоир аз мисраъи аввал бо ҳамон як хитоб адо шудааст ва чун мехоҳад, хитоби ӯ таъкиди бештаре дошта бошад ва чун дарё образи марказии шеър аст, дар як мисраъ бо ҳамин ду калима (як рукни ҳазаҷ – мафойлун) қаноат кардааст. Нодирпур мегӯяд: «...Ва мисол, агар вақте мо мехоҳем ҳарф бизанем, фақат як ҳарф ифодаи маъноро мекунад, ҳамон як ҳарфро мезанем. Яъне, агар ман бо шумо сӯҳбат мекунам, агар як бор «на» бигӯям, тамоми ҳарфи худамро ба шумо гуфтаам. Таваҷҷуҳ кунед, ҳеч эҳтиёҷ надорам, ки ба ин «на» ҳеч калимаи дигарро биафзоям». Яъне, арӯзи нав шеърро ба

гуфтори табиӣ бисёр наздик мекунад.

Аммо набояд пиндошт, ки бо арӯзи нав хатари ҳашв комилан аз байн меравад. Оре, шоир дигар маҷбур нест байту мисраъ пур кунад, аммо дар айни ҳол фазои озоди арӯзи нав (шеъри нав) метавонад шоирро бифиребад ва на танҳо калимаву ибора, балки ҷумлаҳои зиёдиро вориди матни шеър намояд. Масалан, шеъре ба номи “Ҳиммат” дар таҳрири аввал чунин омадааст:

Мо аз ин андеша,
ки мабодо ба назар хурд шавем,
Гиряро дар дили худ мебандем,
Бо фишори дили худ механдем,
То надонанд, ки мо ғамгинем,
То нагӯянд, ки мо мискинем.
Осмонро, ки чунин биме нест,
Бинигар чун ба фиғон,
бо фаварон,
аз дилу ҷон
мегиряд.
Шарм бодат, мутакаббир дили ман,
Осмон мегиряд!

Шоир дар таҳрири дигар се мисраъ аз ин шеър (Бо фишори дили худ механдем, То надонанд, ки мо ғамгинем, То нагӯянд, ки мо мискинем)-ро ҳазф мекунад ва мебинем, ки онҳо воқеан, на танҳо ҳеч чошнии шеърие дар ин навишта наафзудаанд, балки комилан ҳашв ва нозарур ҳастанд ва нафаси шеър бидуни онҳо озод мегардад, оҳанги шеър якпорчатар ва матлаб барҷастатар мешавад.

Пас, агар дар шеъри суннатӣ шоир бояд ҳар байтро бисанҷад, биорояд, бипардозад ва пухта кунад, дар арӯзи нав (шеъри нав) ҳар мисраъ, ҳар калимаю иборае, ки истиқлоли нисбии ритмӣ дорад, бояд ҷиддан ва дақиқ аз назари мазмун ва лаҳн мавриди озмоиш қарор бигирад ва аз зиёдӣ парҳез шавад. Агар дар шеъри суннатӣ хомии як байт то ҷое дар

дохили худаш боқӣ монад, дар арӯзи нав (шеъри нав) як калима, ибора ва рукни бемаврид ва нозарур ба сароҳат дар тамоми шеър сироят мекунад ва онро халалпазир месозад. Зеро, чунон ки пештар ёд шуд, ритму оҳанги шеъри нав (арӯзи нав) яклахттар ва воҳидтар аст.

Дар ниҳоят, чун арӯзи нав ба хотири табиитар кардани матни шеър буд, бояд ҳадди матлуб ва матбӯъи табиӣ нигоҳ дошта шавад ва кӯтоҳиву тӯли мисраъҳо ҳамчунин тӯли шеър аз ҳад беш нашавад. Он гуна ки масалан дар баъзе ашъори бар мабнои арӯзи нав мисраъҳои дароз аз ҳадди табиӣ дар шеър берун мераванд.

Дар ашъори тӯлонии арӯзи нав бештар шоирон он гоҳ муваффақ будаанд, ки як воқеа, ҳодиса ва тасвири воҳид зеҳни хонандаро машғул дошта, имкон надодааст, ки дар табъаш эҳсоси итноб – тули аз ҳад зиёди сухан ба вуҷуд биёяд. “Сурӯши Сталинград”-и Муъмин Қаноат, “Ораши камонгир”-и Сиёвуши Касроӣ,[78] “Катиба”-и Меҳдии Ахавони Солис[79] ва “Уқоб аз авҷҳо”-и Восифи Бохтарӣ[80] ҳамин гуна намунаҳои муваффақ мебошанд, ки ба фазли вуҷуди воқеаи ҳамосӣ ва устура дар онҳо инсиҷоми табиӣ ёфтаанд.

Дар ашъори комилан ғиноӣ (лирикаи медитативӣ, медитативӣ-тасвирӣ) шоирони соҳибтабъи мо ғолибан аз итноб ва тӯли сухан парҳез кардаанд. Аммо шоирони камтаҷрибатар ва ҷавон, мутаассифона, фирефтаи ин имконоти зоҳиран осони арӯзи нав гардида, ба ҷойи истифода аз унсурҳои ҳашвзудои ин навъи шеър, суханро ба итноб кашондаанд ва имрӯз яке аз мушкилҳои фарогири назми мо дар ҳамин хулоса мешавад. Чизе, ки наср ҳам аз он эмин нест.

[78] Ниг.: http://iranboom.ir/shekar-shekan/chame/73-jashn/tir/572-manzome-arash-kamangir.html.
[79] http://www.kalam.se/t-akhavan-katibeh.htm.
[80] http://www.goftaman.com/daten/fa/litratur/part1/lit71.htm.

ШЕЪРИ САФЕД

Шеъри сафед дар адабиёти форсӣ шеъреро номидаанд, ки бидуни вазн аст ва тафовути аслии он аз он чи “нимоӣ” номидаанд, дар ҳамин аст. Аммо дар адабиёти рус “белый стих” шеъреро мегӯянд, ки вазни муайяне дорад, вале қофия надорад ва он чи бештар ба шеъри сафеди форсӣ мутобиқат мекунад, дар адабиёти рус “волный стих” (шеъри озод) номида мешавад, ки қофия дорад, вале вазн надорад. Дар шеъри сафед ҳам қофия ба кор бурда мешавад, аммо ҳатмӣ дониста намешавад. Барои он ки мо дар манзури худ аз “шеъри сафед” иштибоҳ накунем ва назири онро дар ҳама адабиётҳои дигар бишиносем, бояд мафҳуми “шеъри бевазн”-ро дар зеҳн дошта бошем. Бе вазн, аммо ҳатман бо лаҳну ритми муайян ва дигар унсурҳои оҳангсоз, ки онро аз наср ва ҳатто “шеъри мансур” тафовут медиҳад. Гунаи шеъри сафед дар назми тоҷик пеш аз он, ки ин мавзӯъ дар Эрон бар сари забонҳо афтад ва баҳсҳои пурҷӯше атрофи он сурат бигирад, ба майдон омада буд. Баъзе аз намунаҳои назми Абулқосим Лоҳутӣ, хусусан тарҷумаи ӯ аз достони А.С.Пушкин “Моҳигир ва моҳии тило” (агарчи то кунун ба “вазни ҳиҷо” муаррифӣ шудааст) дар қолаби шеъри сафед сурат гирифтааст. Зимнан, қобили ёдоварист, ки яке аз омилҳои аслии зуҳур ва ривоҷи “шеъри сафед” дар адабиёти Эрон ва дигар адабиётҳои ҷаҳон ба эҳтимоли ғолиб тарҷума аст. Зеро ба ҷуз дар Русия ва Шӯравии собиқ ва шумори маҳдуде аз кишварҳо ва тарҷумонҳои алоҳида дар боқӣ кишварҳои дунё осори манзумро хориҷ аз қолаби назм (бидуни вазну қофия) тарҷума мекунанд ва матнҳое ҳосил мешавад, ки шабоҳати комил ба “шеъри сафед”-ро доранд. Хусусан, нуфузи калимаҳои “бисёр” арабӣ дар шеъри сафеди Эрон ин эҳтимолро ба миён меорад, ки ин шеър мутаассир аз тарҷумаҳои номавзуни арабии назми ҷаҳон бошад.

Тавсифи “шеъри сафед” дар аксари адабиётҳо чанд нуктаи

муштарак дорад:

1. Гунаҳое аз ин навъ шеър дар ҳар адабиёти миллӣ вуҷуд доштааст. (Албатта, на ҳамеша намунаҳои арзашуда бо шеъри сафед муносиб будаанд).
2. Ин навъи шеър мутлақ нест, яъне адабиётро аз анвои дигари шеър бениёз намекунад, балки як навъи нисбатан истисноии шеър аст ва мумтоз ҳам нест.
3. Дар ин навъи шеър ритми хоссе аз зарби каламоту иборот бояд ҷойгузини вазн гардад ва қофия ба муқтазои мазмун ба кор бурда шавад.
4. Маънӣ ва нукоти хоссе дар таркиби шеъри сафед бояд зеҳнро аз талаб ва ҷустуҷӯи вазну қофия фориғ созад. Ба иборати дигар мазмуни хоссу барҷаста набуди вазну қофияро ҷуброн кунад.

Агар ҳамаи ин тавсифоти “шеъри сафед” дар назар гирифта шавад, ба ин натиҷа мерасем, ки бидуни он, ки мо даст ба иқдоме комилан нав ва ихтироъкорона зада бошем, танҳо бо сарфи назар кардан аз вазн ва қофия (он ҳам на ҳамеша) вазифаи сангинеро бар дӯш гирифтаем, зеро дар сартосари як шеър танҳо ҷаззобияти маънавии суханро василаи ҷалби зеҳни хонанда қарор додан, корест басо сангин ва наздик ба муҳол. Аммо агар шеъри сафеди мо сартосар бо онгуна ҷаззобияти маънавӣ ороста набошад, дар ҳоле ки на насри табиист ва на назм, хонандаро ба зудӣ хаста месозад ва дар табъ эҳсоси парешонӣ ба вуҷуд меояд. Манзури мо аз ин “ҷаззобияти маънавӣ” ҳамон чизест, ки шеършиносони қадим онро “маънии ғариб” мегуфтанд ва ба нудрат ба даст меомад. Мисли ин байти устод Рӯдакӣ:

Бо сад ҳазор мардум танҳоӣ,
Бе сад ҳазор мардум танҳоӣ.

Оғози шеъри сафед дар адабиёти форсӣ расман аз маҷмӯаи Аҳмади Шомлу “Ҳавои тоза” (1950) ба ҳисоб гирифта шудааст. Аҳмади Шомлу аз пайравони мактаби Нимо Юшиҷ буд ва Нимо ҳифзи арӯзро дар шеъри нав аз мабноҳои усулии

назарияи худ эълон карда буд: “Ман ҳатто барои беназмӣ назме қоилам”. Ва бо ин иқдоми Аҳмади Шомлу, дар ҳоле ки ҳанӯз баҳсҳо сари шеъри нави нимоӣ идома дошт, шадидан мухолиф буд. Аммо шеъри сафед бо навиштаҳои Шомлу маҳдуд боқӣ намонд ва дигар шоирони маъруфи он даврон низ шеъри сафедро тачриба карданд. Аз ҷумла Фурӯғи Фаррухзод:

Дилам гирифтааст,
Дилам гирифтааст.
Ба айвон меравам ва ангуштонамро бар пӯсти кашидаи шаб мекашам.
Чароғҳои робита тариканд,
Чароғҳои робита тариканд.
Касе маро ба офтоб муаррифӣ нахоҳад кард,
Касе маро ба меҳмонии гунҷишкҳо нахоҳад бурд.
Парвозро ба хотир биспор,
Паранда мурданист.[81]

“Ангушт кашидан ба пӯсти кашидаи шаб, торикии чароғи робита, муаррифӣ ба офтоб, меҳмонии гунҷишкҳо, ба хотир супурдани парвоз” ҳамагӣ нуктаҳои тааҷҷубангезанд ва, ба изофа, такрори баъзе ҷузъҳои шеър зеҳни моро дар иҳотаи комили худ қарор медиҳад ва фурсати зиёде барои эҳсоси набуди вазни маъмулӣ боқӣ намегузорад.

Ин шеър дар зоҳир ба маҷмӯаи рамзҳо шабоҳат дорад ва барои касоне, ки ба фазои ҳиссиву маънавии шеъри Фурӯғ унсу ошноӣ доранд, ин рамзҳо шарҳу басте доранд ва мазмунҳоеро бозгӯ менамоянд, дар ғайри ин ҳол ба назар чун ангорае (тарҳе) ба назар мерасанд, ки шоир барои навиштани шеъре муҳимтарин нукоти онро пароканда рӯйи сафҳа оварда, ҳанӯз нусхаи комил ва пайваставу мураттаби онро эҷод накардааст.

Мо ин гуна эъҷобангезии калом, баёни аксаран мустаор ва

[81] Ниг.: http://mbt-88.blogfa.com/post-31.aspx

рамзгунаро дар шеъри Суҳроби Сипеҳрӣ беш аз ҳар шоири дигар, аз ҷумла сапедсароён мебинем, бештар дар қолаби арӯз. Аммо ашъори сапеди худи Суҳробро ҳаргиз ҳамсанги ашъори нимоии ӯ намеёбем чун мусиқии мумтози шеъри Суҳроб рӯҳи фарогири тахайюли рангини шоиронаи ӯст. Ағлаб дар шеъри сапеди ӯ, чун наққошиҳои нотамомаш, як ангораи пароканда (эскиз)-ро мушоҳида мекунему бас:

Меҳроб
Тиҳӣ буду насиме.
Сиёҳӣ буду ситорае.
Ҳастӣ буду замзамае.
Лаб буду ниёише.
“Ман” буду “ту”-е.[82]

Аммо ҳақиқат ин аст, ки ин шоирони тавоно шеъри сапедро ба такаллуф ва тақаллуб нагуфтаанд, балки хостаанд бо матлаб, ҳадаф, ғоя бо камоли садоқат ва бетакаллуфӣ рафтор намоянд. Масъала ин аст, ки ҳар матлабе, ки дар вуҷуди шоир арзи ҳастӣ менамояд, то ҳадде сурати худро ҳамроҳ дорад ва беҳтарин матлаби илҳомшуда он аст, ки сурати зеҳнии он бо сурати хориҷиаш, ки бар забон ва мунтаҳо рӯйи сафҳа меояд яке бошад ё бисёр наздик. Бедил мегӯяд: “Ҳеч шакле бе ҳаюло қобили сурат нашуд”. Агар ин формуларо ба сухани бадеъ татбиқ намоем, шакл дар ин ҷо ҳамон идея ё намод ва тасаввури аввалии зеҳнист, ки дар ҷаҳони андеша ба вуҷуд меояд, ҳаюло андешаҳои воридшуда ба қолаби лафзу мантиқ ҳанӯз дар зеҳн мебошад ва сурат (ки маҳсули ниҳоист) намуд ва шакли ниҳоию тамомшудаи асар аст, ки ба баён ва ё нигориш омадааст, ҳамчунин образ, ки тақассуми рангини ин ҳама мебошад. Аммо боз дар айни ҳол мефармояд:

Эй басо маъно, ки аз номаҳрамиҳои забон
Бо ҳама шӯхӣ муқими пардаҳои роз монд.[83]

[82] http://www.jesarat.com/sms-jadid-125/
[83] www.afghanpedia.com/projects/libraries/articles/getarticle.jsp?article=34

Дар таҷрибаи эҷодии ҳар шоире эҳсоси печидагӣ ва душвории баёни ончи дар замир меояд, вуҷуд доштааст ва ба сурате ин нукта баён шудааст. Аз тарафи дигар дар замири шоирон ҳамеша орзуи даст ёфтан ба як сурати идеалии баён вуҷуд дошта, ба гунае, ки садду фосилаи ҳарчи камтаре миёни шакли аввали зеҳнӣ (идея) ва сурати нигоришёфтаи шеър боқӣ монад. Ин як навъ роҳ ҷустан ба самимияти бештар ва парҳез аз унсурҳои санъат ҳам дониста шудааст. Яъне, шоир мехоҳад мустақиман дари коргоҳи эҷодии худро ба рӯйи шумо боз кунад ва мисли наққоше, ки дар баробари назари шумо наққошии худро анҷом медиҳад, асари худро дар ҷараёни офарида шудан, на дар сурати анҷомёфта ва рангу пардозшуда пешниҳод намояд ва дар ин ҷараён мо бояд ҳузури шоирро бо эҳсосу андешае, ки меварзад, дар хилоли сатрҳо мушоҳида намоем. Хонанда ҳақ дорад, бигӯяд, ки ин чиз боястӣ хосси ҳар навъ асари асили санъат бошад, аммо дар ин ҷо ба ин хотир матраҳ шуд, ки дар шеъри сафеди асил шоир инро бевосита, мустақиман ирода мекунад ва агар чунин набошад, навъи “шеъри сапед”-ро баргузидани ӯ аз миёни шаклҳои дигар ҳеч тавҷеҳи дигаре надорад.

Шеъри сапеди муваффақ бо табиият ва самимияти баён, бо ҷанбаҳои шигифтангезе, ки аз нафси воқеияти мавриди тасвир бармехезад, бо лаҳни худ, зарби муносиби калимаҳо, вазни андешаҳо, мавҷи густардаи эҳсосот воқеан моро аз пурсуҷӯ дар шаклу қолаби хориҷии шеър фориғ ва комилан ба худ маҷзуб месозад. Чунин намунаҳои шеъри сапеди муваффақ, хеле зиёд ҳам набошад, ҳастанд:

Даҳонатро мебӯянд, мабодо гуфта бошӣ дӯстат дорам,
Дилатро мебӯянд, мабодо шӯълае дар он ниҳон бошад.
Рӯзгори ғарибест, нозанин.

Ва ишқро канори тираки роҳванд тозиёна мезананд,

Ишқро дар пастуи хона ниҳон бояд кард,
Шавқро дар пастуи хона ниҳон бояд кард.
Рӯзгори ғарибест, нозанин.

Ва дар ин бунбасти каҷу печи сармо
Оташро ба сӯхтбори суруду шеър фурӯзон медоранд.
Ба андешидан хатар макун.
Рӯзгори ғарибест, нозанин... [84]

Аҳмади Шомлу

Бо вуҷуди он ки лаҳни табиӣ ва маҳрамонаи дар айни ҳол ин шеъри иҷтимоии Аҳмади Шомлу бо бозгӯии як эҳсоси муштараки иҷтимоии рӯзгори худи шоир интиқоли андешаву эҳсоси ӯро ба хонандааш ба камол таъмин мекунад, шоир аз ёди унсури оҳангсоз низ фориғ нест ва мисраъи хушоҳангу ҷаззоби "рӯзгори ғарибест, нозанин" чун радифи навоварона дар ин шеър барои иҷрои нақши робити оҳангӣ ба кор гирифта мешавад. Дар бисёр дигар ашъори сапеди Шомлу низ чунин ҷузъиёти оҳангсозро мушоҳида мекунем.

Зимнан, сухани адабиётшинос ва шоири Афғонистон Моили Ҳиравӣ дар "Симпозиуми ҷаҳонии шеъри форсӣ" ба ёд меояд, ки гуфта буд:

«Дар шеъри муосир вазнҳои гуногуне, ки боз ҳам метавон чеҳраи шустаи онҳоро дар **оинаи қаднамои арӯз дид,** дар қитаъоти ашъори дилҷӯ таҷаллӣ мекунад, ки шеърро мусиқӣ ва оҳанги дилписанд мебахшад ва пардаи ҷонро навозиш медиҳад».

Агарчи ин шеъри Шомлу аз навъи сапед аст, фазои лаҳнӣ ва оҳангии он бо шеъри "Зимистон"-и Меҳдии Ахавони Солис, ки ҳамчунин шеъри иҷтимоист, вале арӯзӣ ва нимоӣ ва муҳтавояш наздик ба ин шеър аст, бисёр мушобиҳат дорад:

Саломатро намехоҳанд посух гуфт,
Сарҳо дар гиребон аст.
Касе сар барнаёрад кард посух гуфтану дидори ёронро.

[84] https://www.goodreads.com/book/show/193785._

Нигаҳ ҷуз пеши поро дид натвонад,
Ки раҳ торику лағжон аст
В-агар дасти муҳаббат сӯйи кас ёзӣ,
Ба икроҳ оварад даст аз баҳал берун,
Ки сармо сахт сӯзон аст...[85]

Гузашта аз ин, дар баъзе намунаҳои шеъри сапед мебинем, ки гӯё шоир қасдан он шеърро аз ҷилди арӯз, ки ба сурати табиӣ чун ҳолае оҳангин пайкари онро иҳота карда, берун овардааст. Масалан, ин шеъри сапедсарои муосири эронӣ Бежан Ҷалолӣ:

Тани ту чун хӯшаҳо
бар рӯйи дастонам шукуфт.
Тани ту чун гиёҳ
дар дастони ман рӯйид
ва хуша кард ва рушан шуд
баъд афсурд
ва торик шуд
онак, ба ёди ту гулҳои ғуруб
хомӯш ва атрогин ҳастанд.[86]

Акнун таваҷҷуҳ кунед, ки тарҳи арӯзии ин шеър (ҳазаҷи мақбуз, ки барои мисол сохта шуд) чи фосилаи ночизе бо "тарҳи сапед"-и он дорад:

Тани ту мисли хӯшаҳо
Ба дастҳои ман шукуфт.
Тани ту ҳамчунон гиёҳ
Ба дастҳои ман дамид.
Ва хӯша кард,
дурахш дод,
Сипас фусурду
тира шуд.
Кунун ба ёди ту гули ғуруб

[85] http://sarapoem.persiangig.com/link7/zemestan.htm
[86] Ниг: http://sheer-moaser.blogfa.com/cat-13.aspx

Хамӯшу атрогин аст.

Шеъри сафед дар назми муосири тоҷик низ мақоми муносиби худро пайдо кардааст ва вижагиҳои худро доро мебошад.

ШЕЪРИ МАТБӮЪ

Бо таваҷҷуҳ ба таҳаввулоте, ки дар шеър ва назм дар ҷаҳони муосир ба вуҷуд омада (қисман дар гуфторҳои пешин ёд шуд), ҳамчунин назарияи шеършиносиро дучори таҳаввулот намудааст, агар имрӯз бихоҳем барои шеър таърифе бидиҳем, ки ҳеч яке аз ин таҳаввулот натавонад онро ба ҷиҳате маҳдуд ва ноқис созад, балки ин таъриф битавонад дар чаҳорчӯби худ ҳамаи ин таҳаввулотро ҷой бидиҳад, ночор ҳастем таърифи васеъе, масалан, назири ин бисозем:

Шеър суханест бадеъ, муназзам, муҷаз ва ангезанда.

Бадеъ – сухане тозаву мумтоз, ки аз гуфтори муқаррарӣ ва хабарию иттилоотӣ ва ҳамчунин сухани тафсилии мансур фарқ мекунад ва саноеъи бадеӣ дар он ҷамъияти (тамаркузи) бештар дорад.[87]

Муназзам – ин таъбир ҳам аз решаи назм аст, аммо мо одат кардаем, ки аз назм ҳатман вазн ва қофияро мурод бикунем, аммо муназзам дар баробари вазну қофияву радиф метавонад, ритму зарби каламотро, ки дар шеъри сафед ҳаст ва тартиби мумтози вожагон ва иборотро, ки дар шеъри мансур ҷой дорад, дар худ бигунҷонад.

Муҷаз – ба ин хотир, ки муфассалтарин ва дарозтарин шеър ҳам, дар сурате метавонад воқеан шеър бишавад, ки муҷазтарин ва фишурдатарин сурати баёни мазмуну муҳтавои баёншуда бошад. Ҳатто асарҳои манзуми муфассалтарини

[87] Дар хусуси назарияҳо ва таърифҳои гуногуни шеър муроҷиат шавад: Раҳими Мусулмониён. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990, с.20-29.

ҳамосӣ чун “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно агар аз қолаби назм ва хусусан он ҷо, ки назм ва шеър айни якдигар ҳастанд, берун оварда шаванд, навиштае чанд баробари ҳаҷми асли ин асарҳо ба миён меояд. Ё агар як рубоии Хайём ё як байти Ҳофиз ё Бедил ба сурати ғайришеърӣ бозгӯ шавад, ҳадди ақал 4-5 баробари ҳаҷми асли он рубоӣ ва байт мешавад. Агарчи ин баҳси баъдист, зимнан лозим аст ёдоварӣ шавад, ки назм он гоҳ бо шеър қарин мешавад, ки на танҳо баёни мураттаби як мазмун, балки муҷазтарин ва фишурдатарин сурати баёни он бошад.

Ангезанда – ангезандаи эҳсосот (аз ҷумла хаёл) ва андеша. Ин истилоҳро ба ҷойи “тахайюл”, ки дар таърифҳои пешин буд, мегирем. Саҳме аз “тахайюл” ба истилоҳи аввали ин таъриф “бадеъ” низ нисбат меёбад. Ин гузиниш ба хотири он аст, ки манзур аз “тахайюл” ҳамон ҷанбаи бадеият ва ангезандагии каломи шеърист. Дар ғайри ин сурат тахайюл ба сари худ арзиши вижае надорад. Аммо дар айни ҳол мисолҳои беҳадду ададе гувоҳ бар он ҳастанд, ки бадеият ва ангезандагии сухани шоирона бо тахайюл маҳдуд нест, балки унсурҳои зиёди дигаре низ дар он саҳм доранд ва намунаҳои зиёди шеъри олӣ вуҷуд доранд, ки нақши тахайюли маҳз дар онҳо хеле камтар аз унсурҳои дигар аст. Дар айни ҳол то кунун тасаввури мо дар бораи тахайюли шоирона асосан маҳдуд ба тасвир ва қисман муболиға будааст, дар ҳоле, ки унсурҳое ба пиндори маъмулии мо комилан шаклӣ ва фаръӣ чун вазн, қофия, радиф ва... дар айни ҳол эҷодкунандаи ҳамон ҷанбаи латифи ангезандагӣ ҳастанд, ки мо одат кардаем, онро маҳз аз тахайюл ҷустуҷӯ намоем.

Дар натиҷа ҳосили ин навъи сухан, ки онро битавон шеър номид, бо тавсиф ё истилоҳи “матбуъ” (писанди табъ) хулоса мешавад. Ин тавсиф моро водор мекунад, ки арзиш ва асолати ҳар навъ каломи шеъриро дар ҳосили ниҳоии он бубинем, ки қабул ёфтан аз тарафи мухотаб, хонанда аст, тибқи ҳамон таърифи манзуми машҳури Баҳор:

Шеър он бошад, ки хезад аз дилу ҷӯшад зи лаб,
Боз дар дилҳо нишинад, ҳар куҷо гӯше шунуфт.[88]

Албатта, манзур ва маҳаку иёр табъҳои салим ва дорои завқи шеърист, ки он ҳам танҳо ба аҳли адаб ё мутахассисон маҳдуд намешавад ва шояд аксари ҷомеаи инсониро фаро мегирад, ки сиришт ан ва табъан шеъри асилро дармеёбанд, мепазиранд ва мутаассир мешаванд. Агар чунин намебуд, шоирони воқеан бузург ва нобиға маҳбубияти ҳамагонӣ пайдо намекарданд.

Ончи аз қадимтарин айём дар таъйини шеъри мумтоз гуфта шудааст, сифати "равон" мебошад ва волотарин нишонаи истеъдод ва қудрати суханварӣ бо мафҳуми "табъи равон" баён шудааст. Аз ҷумла муҳимтарин сифате, ки ба такрор муҳаққиқони адабиёт дар тавсифи устод Рӯдакӣ гуфтаанд, "табъи равон" мебошад. Эраҷ Мирзо барои тасдиқи ин ҳақиқат аз таъкиди муболиғаомез парҳез намекунад ва бо қатъият мефармояд:

Шоирӣ табъи равон мехоҳад,
На маъонӣ, на баён мехоҳад,[89]

ки албатта, дар ин сухан бахши нафй "на маонӣ на баён" шартӣ аст, на чизе, ки шоир воқеан инкор намояд, балки баёни шоир ба ҳамон таъбири "чунки сад омад, навад ҳам пеши мост" рост меояд. Яъне табъи равон, чизест, ки маъониву баёнро ба беҳтарин ва комилтарин шева бо худ дорад. Мирзо Турсунзода мефармояд:

Кошки табъи равон медоштам,
Рӯдакиқудрат забон медоштам.

Зимнан, он чизе, ки дигарон онро барои Мирзо Турсунзода қоил шудаанд, аммо ӯ худ боз ҳам орзуяш мекунад, ҳамин аст. Дар ин фармудаи устод Турсунзода ду вожаи бисёр муҳим дар тафсири "табъи равон" ҳаст – "қудрати забон". Бедил ҳам

[88] http://ganjoor.net/bahar/divanb/tasneef/
[89] Ниг.: http://vidah.rozblog.com/post/336

тафохур ба қудрати баён дорад:

Баҳри қудратам, Бедил, мавҷхези маъниҳост,
Мисраъе агар хоҳам сар кунам, ғазал дорам.[90]

Заъф ва маҳдудияти баён дар шеър на танҳо боиси норавонӣ ва нуқс дар назм мегардад, балки бадтар он аст, ки хонанда ба маҳзи эҳсоси он ки шоир ба душворӣ сухани худро сару сомон медиҳад, табъан нисбат ба шеър беэътино мешавад, ба сухани гӯянда дигар эътимод намекунад, аз шеър завқ ҳосил намекунад, ҳатто агар он шеър бо унсурҳои донишу тахайюл ва анвои санъатҳои шеърӣ ороста бошад. Масалан ин рубоии шоири муосири мо:

Гулдони асотирӣ ба хок оганда,
Як лола дар он кашида сар бо ханда.
Нақши дигаре зи лола бар гулдон аст,
Ту ҳафтҳазорсола дидӣ зинда?!

Воқеан мазмуни ҷолибест ва ҳатто метавон онро бозёфти шоирона номид. Сухани Хайём ба ёд меояд:

Фардо, ки аз ин дайри куҳан даргузарем,
Бо ҳафтҳазорсолагон сарбасарем.[91]

Яъне ин фурсати ҳастӣ чизе нест ва ба маҳзи даргузаштан миёни мо ва онон, ки ҳафт ҳазор сол пеш рафтаанд, фарқе боқӣ намемонад. Аммо дар рубоии боло акси ин мазмун аст. Шоир зоҳиран дар маҳалле бостонӣ гулдони бисёр қадимиеро мушоҳида мекунад, ки пур аз хок аст ва аз ин хок лолае руста ва дар айни ҳол дар танаи ин гулдон нақше, рангин ё ҳакшудаи ҳамин навъ лола аст. Ин нақши ҳафтҳазорсолаи лола як асари сокиту беҳаёти бостонист, аммо айни табиии ҳамон лола ҳанӯз дар сурати зинда аз хок ва ба иттифоқ дар дохили ҳамон гулдон мерӯяд. Рамзи барҷастаест, барои таъкид бар ҷовидонагии ҷаҳони зинда. Шеър (рубоӣ) дорои ҳама лавозими суварии шеър ҳаст, вазн, қофия, сувари хаёл (образ) саноеъи шеърӣ, хусусан тазоду муқобила ва суол, аммо бо ин

[90] http://ganjoor.net/bidel/ghazalbi/sh2155/
[91] http://ganjoor.net/khayyam/robaee/sh121/

ҳама эҳсоси шеърӣ даст намедиҳад. Чаро? Мо қудрати баёни шоир, зебоӣ ва равонии суханро намебинем, балки баракси онро мушоҳида менамоем. Шоир ёфтаи худро тофтаву бофта бо зӯру фишор дар қолаби рубоӣ ҷой мекунад ё ба иборати дигар гӯё пироҳани номуносиберо бар он пайкари маънавӣ ба зӯр мекашад, ки онро нафасгир кардааст ва маҷоли ҳаракат намедиҳад ва мо баръакси хитоби шоир он "ҳафтҳазорсоларо зинда" намебинем. Онгуна, ки дар рубоии дигари Хайём наздик ба ҳамин мазмунро дар ҳоли ҳаракати озод ва чун насими вазанда зинда дармеёбем:

Эй кош, пайи ҳазор сол аз дили хок
Чун сабза умеди бардамидан будӣ.[92]

Ё ин байти Низом Қосим, ки ҳамчунин ба равонӣ ва зебоии тамом адо шуда:

Он лолаам, ки фасли баҳорон чу шӯълае
Сар оварад бурун зи гиребони гӯрҳо.

Ҳаракат ва озодӣ аз шартҳои аслии асолат (табиият) ва зебоӣ дар ҳама анвои осори санъат мебошад. Беҳуда нест, ки олитарин васф дар мавриди осори барҷастаи пайкарасозӣ ё меъморӣ таъбири "мусиқии ҷомид" (застывшая музыка) мебошад, зеро садо намоди ҳаракат аст ва бидуни ҳаракат вуҷуд дошта наметавонад. Дар барҷастатарин осори меъморӣ, наққошӣ ва пайкарасозӣ, агарчи шох ва истода аст, дар таносуби аҷзои он, дар мавзунии он мо ҳаракатро айнан ва ё зеҳнан мушоҳида мекунем. Мирзо Турсунзода дар васфи қасри машҳур ташбеҳи нодиреро ба кор бурдааст:

Халқ афрӯхт аз ҳунар машъал,
Номи онро ниҳод Тоҷмаҳал.[93]

Ҳаракати бошукӯҳ ва дилангези зебоиро дар ин қаср шоир ба сурати машъале зинда мебинад, ки ба абадият забона мекашад.

---

[92] https://ganjoor.net/khayyam/robaee/sh163/

[93] Мирзо Турсунзода. Куллиёт. Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 1971, с.200.

Аммо ин ҳаракат ва пӯёӣ (динамика), ки дар каломи бадеъ дар лаҳну зарби (ритми) калом ва тавозуну таносуби садо сурати амалӣ меёбад, беш аз он ки дар ҳар навъи дигари осори санъат бошад, ҷойгоҳ ва аҳамият дорад. Ба таври мукаррар мебинем, ки шоирони бузург бо вожаи “садо”, “наво” осори худро халоса кардаанд:

Нидои ишқи ту дишаб дар андарун доданд,
Фазои синаи Ҳофиз ҳанӯз пур зи садост.

Аз садои сухани ишқ надидам хуштар
Ёдгоре, ки дар ин гунбади даввор бимонд.

Шоир ва нависандаи маъруфи амрикоӣ Арчибалд Маклиш мегӯяд:

“Шеър нақше рӯйи саҳифа нест, балки шаклест дар садо. Агар шеър дар садо вуҷуде надорад, пас он аслан вуҷуд надорад”.

Аз ин дидгоҳ вақте, ки мо барои “барҷой овардани ҳаққи назария” маҳз ва маҳз як унсури шеър – тахайюлро, ва онро ҳам дар маҳдудаи тасвирҳои зоҳирӣ ва бевосита аз қабили ташбеҳи сода аслу асос қарор медиҳем ва боқии осори барҷастаи манзумро ба эътибори ин меъёр аз маҳдудаи “шеър” хориҷ карданӣ мешавем, садҳо намунаи шеъри олӣ ва ҳакимонаву зебо чун оина фарорӯи мо қарор мегирад, ки мо дар он ба сурати мутаассир ва ҳаяҷонзадаи худ назар карда бардурӯғ мегӯем: ин шеър нест!

Ҳар он ки ҷониби аҳли вафо нигаҳ дорад,
Худош дар ҳама ҳол аз бало нигаҳ дорад.
Гарат ҳавост, ки дилдор нагсалад паймон,
Нигоҳ дор сари ришта, то нигаҳ дорад.

Ба номи худованди ҷону хирад,
К-аз ин бартар андеша барнагзарад...
Зи ному нишону гумон бартар аст,
Фарозандаи баршуда гавҳар аст.

Ба бинандагон офаринандаро
Набинӣ, маранҷон ду бинандаро... [94]

Дар ин шеърҳо, ки боз садҳо намунаи дигар аз ин қабил метавон овард, қудрат ва ангезандагии калом болотар аз ҳадди ҳар навъ тахайюли зоҳирист, балки худ фазои мухайял эҷод мекунанд ва анбӯҳе аз эҳсосоти волои инсониро ба вуҷуд меоранд.

Дар назми муосири мо низ намунаҳои бисёр хуби шеъри равон, ки нишонаи табъи равон ва қудрати калом мебошанд, кам нест. Масалан, ин пора аз достони Мирсаид Миршакар, ки дар ҳар чор мисроъи аввал як устура ҷой дорад ва чандон равону табиӣ воқеъ гардидааст, ки нуфузи шеър аз ин роҳ камтар аз асотиру ривоёт нест, балки аслу асос он аст:

Не хурусе ҷеғ зад шаб бемаҳал,
Не ситора бар замин афтида буд,
Не ба боми хонае чуғзе нишаст,
Не касе дар хоб море дида буд,
Сол аммо соли ноором буд,
Кори мардум бе сару анҷом буд.

Дар пораи зер аз шеъри Гулрухсор равонӣ, озодӣ ва табиӣ будани баён абстраксия (таҷрид) ба сабки Бедилро комилан табиӣ ва осонпазир мегардонад:

Сабо бӯйи садбарги пажмурда овард,
Хаёлат ғами шоди мурда овард.
Ба дӯши шаби нотавон такя кардам,
Суруди видои туро гиря кардам...
Воқеан, ҳам суруд аст ва ҳам гиря.

Дар ин пора шеъри Ҳабибулло Файзулло "Марги дарахт" мо натанҳо равонтарину табиитарин замзамаи як воқеияти шоиронаро мебинем, балки ҷаззобияти каломи шоир моро вомедорад, ки таркиби "нодида мондан"-ро, ки бо меъёри забони адабӣ хеле созгораш намедонем, бо эътимоду итминон бипазирем, беш аз он аз шеърияти ин баён лаззат бибарем:

[94] http://ganjoor.net/ferdousi/shahname/aghaz/sh1/

Дарахтон рост мемиранд,
Чаман барҷост, мемиранд,
Чунон нохост мемиранд,
Ки мо нодида мемонем.

Шоир метавонад аз унсурҳое чун вазну қофияву радиф на танҳо равонӣ ва таҳарруки баёнро ҳосил намояд, балки онҳоро дар баробари вазифаи аввалияшон барои тасвиргарӣ ва тачассуми суварии воқеияти мавиди тасвир низ ба кор бигирад. Масалан дар ин пораи шеър:

Шукр мекунам, ки теғи соати қадими шаҳр
То ҳанӯз
Бар гулуи умри ман наомадаст,
Зери пойи хотироти шоиронаам,
Ҳар қадар, ки меравам, меравам, меравам...
Роҳ ҳаст.

Дар мисраи "Ҳар қадар, ки меравам, меравам, меравам..." такрори калимаи "меравам" (фоилун) тасвир ва тачассуми бедеии идомаи роҳи муродшуда аст. Дар ҳақиқат, ҳар қадар ки дар ин мисраъ калимаи "меравам"-ро такрор намоем вазн "ба бунбаст" намерасад ва "роҳ ҳаст".

Бад-ин тариқ, имконоти истифодаи шоирона аз ҷузъҳои шеър бе ҳадду марз аст ва меъёри аслӣ табиӣ ва матбӯъ воқеъ гардидани ин ибтикорот мебошад.

ҚОФИЯ ВА МАҚОМИ ОН

Бо вуҷуди он ки то кунун қофия беш аз ҳама чун унсури фаръӣ ва зоҳирии шеър гоҳ ба танзу гоҳ ба ҷид мавриди "ситези моҳиятҷӯён" қарор гирифтааст, бештари бори шеър (ҳатто дар шеъри сафед) бар дӯши он будааст. Бино бар нақши барҷастае, ки қофия дар муассир ва дилпазир кардани сухан дорад, майдони корбурди он ба назм маҳдуд намонда, дар наср ҳам фаровон ба кор рафтааст ва насри мусаҷҷаъро ба

вуҷуд овардааст, ки дар собиқ ривоҷи тамом дошт ва имрӯз ҳам гоҳо истифода мешавад. Ҳамчунин, бояд дар ёд дошт, ки қофия низ мисли вазн танҳо хосси шеъри тоҷик нест ва дар шеъри ҳамаи халқҳои ҷаҳон мавқеи муҳим дорад.

Қофия чун вазн (балки ба нисбате беш аз он) аз озмоиши арӯзи нав (шеъри нав) устувор берун омад. Дар шеъри нави урупоӣ ва русӣ низ чунин буд. В.В.Маяковский дар рисолаи "Как делать стихи?" менависад: "Қофия шуморо ба мисраъи пешин бармегардонад, вомедорад, ки онро ба ёд биёред, вомедорад, ки ҳамаи мисраъҳои ҳовии як андеша баҳам бошанд".[95] Ҳамзамон Маяковский тозагӣ ва ғайриинтизор будани қофияро шарти муҳимми муваффақияти шоир медонад ва ҷойи қофияро танҳо охири мисраъ намешуморад. Ончи дар ашъори мусаҳҳаъи мо аз қадим ҷой дошт.

Қофия дар сохтори назми суннатии мо нақши таъинкунанда дорад. Як унсури муайянкунандаи навъҳо ва қолабҳои назм он мебошад. Аз ҷумла дар таърифи жанрҳои манзум мавқеъу мақоми қофия аз муҳимтарин нишонаҳост. Аммо нақши қофия ба ин маҳдуд намешавад. Ба ғайр аз сохторсозӣ (композитсия) барои қофия нақшҳои зиёди дигаре қоил шудаанд, ки аз ҷумла муҳимтарини онҳо эҷоди ҳамоҳангӣ дар ҷузъҳои шеър, ташхиси воҳидҳои шеър (байт ва банд) ваҳдати афкор, ҷазби маънӣ ва маъниофаринӣ, таносуб, ёрӣ дар ҳифзи шеър ва вазифаҳои дигаре, ки дар асл ҷузъе аз он чи гуфта шуд, мебошанд, вале ба таври алоҳида таъкид шудаанд.

Ба назар мерасад, ки муҳимтарин нақши қофия таъсири равоншинохтии (психологии) он аз тариқи илқои лаззати завқӣ, эстетикӣ (зебошинохтӣ) мебошад. Ин чиз ба ҳамаи унсурҳои эҷодкунандаи бадеият, аз ҷумла вазн ва сувари хаёл низ хос аст, аммо дар қофия барҷастатар ошкор мешавад ва чун эҳсоси вазн решадор аст. Яъне, ҳамоҳангӣ ва ҳамнавоии

[95] В.В.Маяковский. Сочинения в трех томах. Том второй. – М.: Художественная литература, 1978, с.488.

калимаҳои қофия аз як воситаи таъсири ҳиссӣ фаротар рафта ба воситаи мақбулияти завқӣ гӯё табдил ба як далели ақлӣ мешавад ва табъи моро барои пазируфтани як воқеият омода месозад. Аз ин ҷост, ки қофия дар мақолу зарбулмасалҳои халқӣ ҳам мақоми барҷаста касб кардааст. Аз ҷумла: “Аз бекор Худо безор”, “Олими беамал – занбӯри беасал”... Дар ин гуфтаҳо қофия вазифаи далелро адо мекунад ва моро ба ҳақиқати ин суханон итминон мебахшад, ки агар ин қофияҳоро (ё худ саҷъро) барҳам бизанем, бо вуҷуди ҳифзи комили мазмуни ин гуфтаҳо эътимод ба онҳо шадидан коҳиш меёбад ва агарчи медонем, ки як ҳақиқати маҳз аст, монанди сухани бе далелу ҳуҷҷат мешавад.

Нуфузи амиқи қофия дар табъи мардум нишони решадорӣ ва асолати сиришти он мебошад. Мардум ҳатто дар ном додан ба фарзандону пайвандони худ аз калимаҳои ҳамқофия истифода мекунанд, ки дар ин маврид таваҷҷуҳ ба нақши пайванд ва робитасози қофия равшан аст. Бозии машҳуре байни кӯдакон аз қадим маъруф аст, ки ба асоси калимаҳои ҳамқофия аст ва як навъ ғаризаи табиии варзиши табъи қофиясанҷро таҷассум менамояд. Зеботарин ҷилваҳои ҳунарии қофияро дар фолклор мушоҳида мекунем.

Барои шоире, ки мухотабаш мардум аст, ин таваҷҷуҳ ва майли ғаризӣ ва сиришти мардум ба қофия як заминаи бисёр мусоиди барқарории иртиботи маънавӣ мебошад.

Дар хусуси қофия, анвоъ, ақсом ва аҷзои он рисолаҳои зиёде таълиф шуда, он мисли арӯз ба риштаи хоссе аз илмҳои адабшиносӣ табдил шудааст, ки охирин рисолаҳои ҷомеъ дар ин хусус дар адабиётшиносии мо “Қофия дар назми тоҷик”-и Баҳром Сирус ва фасли сеюми китоби Тӯрақул Зеҳнӣ “Санъати сухан” (ду нашри охирӣ) мебошанд. Тафсилоти ин илм ба ҳаддест, ки ҳар ҳарфу ҳаракаи калимаи қофия ба истилоҳи хоссе ворид гардидааст, ки муҳимтарини онҳо “ҳарфи равӣ”- охирин ҳарфи решаи калимаи қофия мебошад. Ин қоида сохтани қофияро аз ҷузъҳои ғайри решаи калима,

яъне пасвандҳо (суффикс) ва замиру дигар ҷузъҳо аз ин қабил ғайримумкин мегардонад. Масалан, дар ин байти Ҳофиз:

Ё Раб, он навгули хандон, ки супурдӣ ба манаш,
Месупорам ба ту аз чашми ҳасуди чаманаш.

Равӣ дар калимаҳои қофия (манаш ва чаманаш) ҳарфи "н" мебошад, чун ҷузъи такроршавандаи "аш" хориҷ аз решаи калимаҳои қофия ва замири ғоиб (бандакҷонишини шахси сеюм) мебошад. Ба ҳамин дастур минбаъд дар ин ғазал шоир метавонад аз калимаҳои сухан, ватан, шикан, даҳан ва ... ки бо ҳарфи "н" поён меёбанд ва ба изофаи замири "-аш" қофия бисозад, ки ин "-аш" вазифаи хосси зарбу оҳангсозӣ дорад. Истисноҳое, ки дар ин қоида метавонад ҷой дошта бошад, аз шоир ҳунари вижае мехоҳад, ки баҳси дигар аст.

Лоиқ Шералӣ дар шеъре бо матлаъи "Ман аз ин қофияпардозиҳо бисёр дилгирам" (ки зимнан аз қофия ба хубӣ бархурдор аст) дар хусуси мавқеи "равӣ" таъкиди пурмаъно ва шоиронае дорад:

Дар ӯ дил муҳтавӣ бошад, (дар шеъри матлуб)
Равон ҳарфи равӣ бошад.

Калимаи қофия бо ҳарфи равӣ, ки нуқтаи паргори маънавӣ ва завқии шеър аст, набояд ба тасодуф ва тахмин омада бошад. Ҳар қадар ин калима решагӣ, асил ва қавӣ бошад, ба ҳамон ҳад сохтмон ва истеҳкоми шеър қавитар меояд. Ба қавли Маяковский ҳатто калимаҳои баёнкунандаи феъл (чун ноустувор ва тағйирёбандаанд) бадтарин қофияҳоро медиҳанд. Ӯ дар қофия исмро тарҷеҳ медиҳад. Ин иқтизои табиист, мисли он ки чизҳоеро чун бибофанд ё бипайванданд, наху банд бояд аз мағзи қисматҳои маҳкамтар ва устувори он чизҳо кашида шавад.

Дар ашъори шоирони тавонои қадим ва навин аксаран калимаҳои қофия муҳимтарин калимаҳои дорои мазмуну муҳтавои асосии шеър мебошанд. Он чи имрӯз расм шудааст ба истилоҳи "калидвожа" баён шавад. Масалан, дар ин шеъри машҳури Саъдӣ:

Чунон қаҳтсоле шуд андар Димишқ,
Ки ёрон фаромӯш карданд ишқ.[96]

Ду калидвожа, ки шеърро дурахш медиҳанд, ва бо аҷобати ҳамоҳангии худ дар хотир сабт мешаванд (Димишқ ва ишқ) калимаҳои қофияро ташкил додаанд, дар ҳоле ки бо вуҷуди ин аҷобат комилан табиӣ воқеъ шудаанд. Гузашта аз ин, Саъдӣ гоҳо ҳама бори шеърро рӯйи қофия қарор медиҳад ва аз он ки ин ҳаракат бисёр ошкор ва "қасдан" сурат мегирад, ибо намекунад, зеро комилан бовар дорад, ки зебоӣ ва шигифтии пурмаъное, ки аз ин санъатнамоии зариф ҳосил мегардад, асари сунъро ночиз ва қофияро комилан табиӣ мегардонад:

Фарқ аст миёни он ки ёраш дар бар,
Бо он ки ду чашми интизораш бар дар.[97]

Лутфи хоссе, ки дар ин байт аст, он аст, ки ишораи шоир дар бораи фарқи миёни ду тоифаи мавсуф ба фарқи ибораҳои "дар бар" ва "бар дар" низ мерасад ва чунин маъно медиҳад, ки агарчи фарқ зоҳиран бисёр ночиз аст, аз он ғофил набояд буд, ки дар асл хеле фарқи бузург ва муҳим мебошад. Ин эҷоз ба фазилати интихоби ҳунармандонаи қофия ва санъати тафриқ дар он даст медиҳад.

Дар ин ғазали устод Рӯдакӣ зарби байту мисраъҳо ҳама бар рӯйи калимаҳои қофия меояд, ки ҳамчунин аз калимаҳои устувор, зарббардор ва оҳангин мунтахаб шудааст:

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт.
Ин теғ на аз баҳри ситамгорон карданд,
Ангур на аз баҳри набиз аст ба чархушт...
Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт.

Ва дар охир воқеан ин "мушт" эҳсос мешавад, ки зарби ҳамаи калимаҳои қофияи пешинро дар худ ҷамъ кардааст.

Вақте қасидаи Носири Хусравро бо матлаъи "Рӯзе зи сари

[96] http://ganjoor.net/saadi/boostan/bab1/sh13/
[97] http://ganjoor.net/saadi/golestan/gbab1/sh7/

санг уқобе ба ҳаво хост” мехонем ва ба поёни он мерасем:

Чун нек назар кард, пари хеш бар ӯ дид,

Гуфто: “Зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост”.[98]

Дармеёбем, ки интихоби қофия беш аз ҳама ба хотири таъмини зарбу оҳанги муносиби ҳамин калимаи охири таъкидӣ дар мақоли “аз мост, ки бар мост” мебошад ва оҳанги ҳамаи калимаҳои пешини қофия ин ҷо ҷамъ ва хулоса мешавад.

Ҳофиз, ки ашъораш ҳама мусиқии мумтоз ва баргузида мебошад ва дар он ҳар ҳиҷову калима чун аломатҳои адвор бо ҳама иҳом ва пурмаъноӣ як воҳиди оҳангу мусиқӣ низ ҳастанд, дар интихоби калимаи қофия иродаи хос зоҳир мекунад ва на танҳо тамаркузи оҳанг, балки маъно ҳам аксаран рӯйи қофия қарор дода мешавад. Ин иродаи Ҳафиз ва анҷоми ҳунармандонаи он хусусан дар “қофияҳои танг” ба таври барҷаста ошкор мегардад. Масалан, дар ғазале бо матлаъи “Эй дили реши маро бо лаби ту ҳаққи намак”, пеш аз мақтаъ байте меояд, ки байти асосӣ (байтулғазал) аст ва зоҳиран ҳама таркиби ғазал ба хотири он сохта шудааст:

Чарх барҳам занам, ар ғайри муродам гардад,

Ман на онам, ки забунӣ кашам аз чархи фалак.

Дар ин байт ҳиҷои охири калимаи қофия “фалак” бино бар муҳтавои кулли байт ва ғазал тавре садо медиҳад, ки ҳам ҷузъе аз решаи калима – “фалак” аст ва ҳам аз он маънои “-ак”-и тасғир яъне хурдӣ эҳсос мешавад. Гӯё манзури шоир “фалакак” бошад ва ин тобиши маъноӣ бо мушоҳидаи калимаи қофияи байти баъдӣ, ки мақтаъ аст, сареҳтар мегардад:

Чун бари Ҳофизи хешаш нагузорӣ, боре,

Эй рақиб, аз бари ӯ як-ду қадам дуртарак!

Ҳамчунин, дар ғазали зерин, ки бо ҳаракаи “а” ва ҳарфи “қ” тамом мешаванд ва аксар калимаҳое барои ғазал нисбатан дурушт ба ҳисоб меоянд, тавре мавриди истифода қарор

[98] http://ganjoor.net/naserkhosro/divann/ghaside-naser/sh44/

мегиранд, ки аз ин ҳарф садои қотеъият ва матонат ба гӯш мерасад ва ҳамзамон танзе амиқ:

Мо нагӯем баду майл ба ноҳақ накунем,
Ҷомаи кас сияҳу далқи худ азрақ накунем.
Айби дарвешу тавонгар ба каму беш бад аст,
Кори бад, маслиҳат он аст, ки мутлақ накунем.
Рақами мағлата бар дафтари дониш назанем,
Сирри ҳақ бар варақи шуъбада мулҳақ накунем...
Осмон киштии арбоби ҳунар мешиканад,
Такя он беҳ, ки бар ин баҳри муаллақ накунем.
Гар баде гуфт ҳасудеву рафиқе ранҷид,
Гӯ, ту хуш бош, ки мо гӯш ба аҳмақ накунем.
Ҳофиз, ар хасм хато гуфт, нагирем бар ӯ,
В-ар ба ҳақ гуфт, ҷадал бо сухани ҳақ накунем.

Истисноҳо дар қофия ба нудрат дар мавридҳое раво дошта шудааст, ки дар ин истисно муроди хоссе нуҳуфта бошад ва шоир битавонад онро ба пирояи ҳунар бипӯшонад. Дар ин боб боз ҳам машҳуртарин намуна ба Ҳофиз нисбат дорад, дар байте, ки мефармояд:

Салоҳи кор куҷову мани хароб куҷо,
Бубин тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо!

Ки дар мисраъи дувум ҳаракаи "а" дар калимаи қофия (ин ҷо ибораи қофия) "то ба" зиёдист ва барои дуруст шудани қофия онро бояст "тоб" бихонем. Бо вуҷуди ин, узри малеҳи шоир дар мисраъи аввал гуфта шудааст, ки ин нуқси қофияро дар мисраъи дувум на танҳо мепӯшонад, балки чун ҳуҷҷате шоирона барои тасдиқи он хидмат мекунад.

Ё худ дар "Шоҳнома", ки Фирдавсӣ дар саросари он саломат ва матонати қофияро бо камоли диққат ҳифз намудааст, байтеро дар достони мулоқоти Рустами Дастон бо Таҳминаи шаҳдухти Самангон хориҷ аз ин ҳанҷор мебинем. Он гоҳ ки Рустам аз вай ном мепурсад:

Чунин дод посух, ки «Таҳминаам,

Ту гӯӣ, ки аз ғам ба ду нимаам.[99]

Дар ин ҷо ҳарфҳои наздикмахраҷ вале гуногуни “м” ва “н” ба ҷойи равӣ омадаанд, вале агар ҳазор ҷаҳд бикунем, барои баёни ҳолати он шаҳдухтари боотифа, ки дасти сарнавишт ӯро ба он хилвати пуризтироб кашондааст, калимае зеботар ва гӯётар аз интихоби ҳакимонаи Фирдавсӣ пайдо карда наметавонем. Ин ҷост, ки (ба қавли Лоиқ Шералӣ) “равон ҳарфи равист”. Дар ин қиёс тафовуте, ки миёни ҳамсадоҳои “м” ва “н” ҳаст, аслан ба зеҳни хонанда роҳ намеёбад.

Ин навъ қофияҳо хусусан дар осори фолклорӣ зиёд аст, яъне дарёфти ҳисси мардум онро муҷоз сохтааст. Аз ҷумла:

Ман шишта будам, ки иди қурбон омад,

Булбул ба сари навдаи бодом омад.

Ки дар калимаҳои қофия “қурбон” ва“бодом” ҳарфҳои “н” ва “м” бо ҳам равӣ шудаанд. Ин равиш гоҳо дар адабиёти навишторӣ бо ҳарфҳои “д” ва “т”, “з” ва “с”, “ҷ” ва “ч”, “г” ва “к” низ вуҷуд дорад.

Истисноҳои дигаре ҳам дар қофия таҷриба шудааст, вале ба фармуди дурусти муҳаққиқи борикбин Тӯрақул Зеҳнӣ, шоирони ҷавон набояд ба истисноҳо зиёд саргарм шаванд, балки бинои кори худро бар қофияҳои солим бигузоранд. Истисно чизест, ки худ пеш меояд ва агар табиист, ҳаққи худро меситонад.

Аммо нисбат ба баъзе сахтгириҳои на чандон зарури низоми қофияи классикӣ метавон таҷдиди назар кард. Аз ҷумла ин қоида, ки ҳарфи равӣ дар калимаҳои қофия ҳатман ба асоси ҳуруфи арабӣ ва садои арабӣ бошад. Яъне агар ҳарфи равӣ дар мисраъи аввал “зод” аст ҳатман дар мисраъҳои баъдӣ “зод” бошад, на “зе”-ву “зол”-у “зо”, яъне тибқи ин қоида мо калимаҳои “эътироз”-ро бо “анбоз” ё “ниёз”, “ихлос”-ро бо “эҳсос”, “марбут”-ро бо “сукут” ва ба ҳамин тариқ ҳар калимаеро, ки фонемаи хосси арабӣ дорад, ба ғайри ҳамон навъ калимаҳо қофия баста наметавонем. Вале чун эътибори

[99] http://ganjoor.net/ferdousi/shahname/sohrab/sh4/

қофия ба асоси эҳсоси шунавоист, на сурати навишторӣ, метавон аз ин қоида ба ҷуз дар мавридҳои хос сарфи назар кард, ки дар назми муосири мо чунин ҳам шудааст. Дар назми ҳамзабононамон низ ахиран ин қоида истисно мешавад ва камтар дар ин маврид ба касе эрод мегиранд.

Аммо дар айни ҳол лозим ва зарур аст, ки дар қофия (равӣ) ҳарфи ъ (ъайн) ба эътибор гирифта шавад. Сарфи назар кардан аз он то кунун боиси иштибоҳоти зиёд дар вазн ва қофияи шеъри муосири мо шудааст.[100] Масалан, ба ҳеч вақҳ қофияи ин байтро дуруст шумурдан имкон надорад:

Ҳар саҳар чун шед бинмояд тулӯъ,
Зинда мегардад ҷаҳони орзу.

Ҳарфи равӣ дар калимаи қофия аввал “ъ” аст вале дар мисраи дуюм он такрор намешавад. Мо агарчи “ъайн”-ро на чунон ки дар забони арабӣ ҳаст, амиқ ва ҳалқӣ, балки дар ҳадди “ҳамза” ё худ “сакта” талаффуз мекунем, он ҳатман маъносоз аст.[101]

Дар маҷмӯъ қофия бояд ҳадафмандона интихоб, бо диққат ҳифз ва бо санъат ороиш шавад ва дар айни ҳол табиву бидуни такаллуф ба назар расад.

[100] Дар ин хусус муроҷиат шавад: Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. Душанбе: Бунёди адабии Айнӣ, 2010, с.205.
[101] Ниг: Рустами Ваҳҳоб. Дуруст бинависем. – Душанбе: Сухан, 2016, с. 113.

МАҚОМИ РАДИФ ДАР ШЕЪР

Радиф калимаҳои яксонеро меноманд, ки дар мисраъҳои шеър баъд аз калимаи қофия ба такрор меоянд. Маънои аввалии луғавии ин калимаи арабӣ ба касе нисбат дорад, ки дар асп ё шутур дар паси дигаре нишастааст, яъне он аввалӣ ба ин нисбат "қофия" аст. Шеъри дорои радифро "мураддаф" мегӯянд. Радиф гоҳо иборат аз як калима, гоҳо ду ва бештар аз он мебошад, ки баъзан як ҷумлаи содаро ташкил медиҳанд. Назари муҳаққиқон ин аст, ки сабаби аслии пайдоиши радиф дар шеъри тоҷикӣ нуфузи бештари феълҳои ёвар (рабтӣ) аз қабили "аст", "буд", "шуд", "мебошад" ва ғайра дар ин забон аст. Бино бар ин, радиф хосси шеъри тоҷикӣ буда, ба воситаи он ба ашъори халқҳои дигар роҳ ёфтааст. Аз оғози адабиёти тоҷикӣ-форсӣ радиф вуҷуд дорад, ки намунаҳои дурахшонашро дар ашъори устод Рӯдакӣ мебинем:

Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд,
Бо бӯйи гулу мушку насими суман ояд.

Ё:

Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.

Ки дар байти аввал калимаи "ояд" ва дар байти дувум калимаи "ҳаме" радиф мебошанд. Инҳо радифҳои нисбатан сода маҳсуб мешаванд, ки дар давраи оғози адабиёти тоҷикӣ-форсӣ ривоҷ дошт ва дар асрҳои баъдӣ радифҳои муфассалтар ва мураккабтар рӯйи кор меоянд. Аммо дар ҳамин радифҳои сода ҳам нақши он чандон камрангу одӣ нест. Агар дар байти аввал радиф ҷузъи баробармаънои ҷумла ва ягона воситаи баёни феъл "омадан" аст, пас дар байти дувум радиф ҷузъе аз ҷумла аст, ки асли маъно бидуни он ҳам маълум мегардад:

Бӯйи Ҷӯйи Мулиён ояд, (меояд ё ҳамеояд)
Ёди ёри меҳрубон ояд.

Аммо афзудани ҷузъи "ҳаме" ва онро ҳам баъди решаи феъл бурдан (ба ҷойи "ҳамеояд" "ояд ҳаме") иродаи хосси

шоир аст, ки ба ин восита ҳам маънои давомдории феъл (истимрорӣ) ва ҳам ҷанбаи таъкидӣ ва мусиқии он ба маротиб қавӣ мегардад ва маълум аст, ки ин шеър аз ибтидо барои сурудан эҷод шуда буд.

Минбаъд нақши мусиқии радиф дар баробари вазифаи маъноии он афзоиш меёбад, хусусан ин вижагии радиф дар ашъори шӯрангези Мавлоно ба авҷ мерасад.

Радиф ҳам мисли вазну қофия реша дар табиати забони тоҷикӣ ва эҳсоси сириштию ғаризии бадеии мардум дорад. Далели ин гуфта аз ҷумла он аст, ки мо дар қадимтарин намунаҳои сабтшудаи фолклор, ки таърихи хеле қадимтар аз ашъори катбӣ доранд, радифро мушоҳида мекунем. Аз ҷумла, дар ҳамин пора шеъри халқии машҳур:

Аз Хуталон омадия,
Ба рӯ табоҳ омадия,
Хушку низор омадия,
Овор бор омадия.

Ки дар ин пора шеър калимаи "омадия" радиф аст.

Радиф на танҳо ба шеъри арабию туркию урду, балки дар натиҷаи нуфузи шеъри тоҷикӣ-форсии классикӣ ва муосир ба шеъри русӣ низ роҳ ёфтааст. Аз ҷумла, дар ин шеъри шоири навовари охири асри 19 ва аввали асри 20 рус Михаил Кузмин радиф дида мешавад:

Цветут в саду фисташки, пой, соловей!
Зеленые овражки, пой, соловей!
По склонам гор весенних маков ковер
Бредут толпой барашки. Пой, соловей![102]

Дар ашъори русии Расул Ҳамзатов низ радиф ба кор рафтааст. Аз ҷумла, дар ин суруди ӯ, ки худ бар он оҳанг баста худ сурудааст:

Лица девушек люблю я, уроженок гор моих,
Что краснеют от смущенья – это очень им идёт!
Если за руку возьмёте, вы почувствуете вмиг

[102] Ниг.: http://silveragepoetry.blogspot.co.ke/2015/05/blog-post_45.html

Нежность и сопротивленье – это очень им идёт.[103]
Ки беихтиёр шеъри Муъмин Қаноатро бо радифи “мезебад” ба ёд меорад.

Шарти аслии эътибори радиф равон, бамавқеъ, табиӣ ва маънодор воқеъ гардидани он мебошад. Чунин ҳам мешавад, ки дар баъзе аз ашъор баъди як-ду байт эҳсос мекунем, ки шоир радифро ба маҳзи риояи қолаб нигоҳ медорад ва он робитаи қавии маънавиро бо боқии байт ва шеър гум кардааст. Дар чунин ҳол бо қофия иктифо карда, аз радиф сарфи назар кардан (албатта, дар ҳамаи шеър) беҳтар аст. Аммо радифи бамавқеъ ва устодона, он ҷо, ки на аз калимаҳои ёвар ва ғайримустақил, балки аз воҳидҳои маънодор иборат бошад, табдил ба нуқтаи марказии ҷазби маъниҳо ва таркибҳои тоза ба тозаи шоирона мешавад. Мисли ибораи “ё ҳарду” дар ғазали машҳури Абулқосим Лоҳутӣ. Дар ин шеър радиф (ё ҳарду) дар баробари он, ки бисёр равону хушоҳанг омадааст, дар айни ҳол ҳовии санъатҳои шеърии нидо, тааҷҷуб, суол, таҷоҳули ориф ва дар айни ҳол танзу зарофати амиқ буда, сохтор ва таркиби боқии тамоми шеърро таъин ва таъмин менамояд. Баъзан ба далели аҳаммияти вижа радиф номи шеър қарор дода мешавад. Хусусан, дар ашъори Мирзо Турсунзода, аз ҷумла “Ҳаргиз”, “Ҳамин кофист”, “Илоҷам чист?”, “Ситораи ман”, “Силсилаи кӯҳи Ҳисор” ва дар боқии ашъори ӯ низ радиф мавқеи хосу пурмаъно дорад. Дар шеъри “Ҳаргиз” интихоби радиф барои баёни қатъият ва бовари қавии мардум ба пирӯзӣ дар даврaҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ сурат гирифтааст.

Ту зинда бош, Ватан, хонаи умеди халқ,
Ки бе ту нест дилу ҷони шодмон ҳаргиз...
Чӣ медиҳӣ ба Ватан? –
Ҳар касе, ки пурсидам,
Ҷавоб дод:

[103]Ниг.:http://www.shansonprofi.ru/archiv/lyrics/gamzatov/p8/gamzatov_litsa_devushek_lyublyu_ya_urozhenok_gor_moih_.html

“Надорам дареғ ҷон ҳаргиз!”[104]

Ин калимаи воқеан зебову хушоҳанг дар ин шеър байт ба байт ба сурати афзоянда тамоми моҳияти маънавӣ ва суварии худро ошкор менамояд ва асли маънояш, ки қатъият ва иродаи қавиаст, дар радаи аввал қарор дорад. Дар ҳоле ки дар ашъори дигар латофат ва хушоҳангии он дар аввал аст:

Ҳаргизам меҳри ту аз лавҳи дилу ҷон наравад,
Ҳаргиз аз ёди ман он сарви хиромон наравад.

Аҳаммияти радиф дар баёни ҳадафи ғойӣ, мақсуди ниҳоии шоир дар ғазалиёти Ҳофиз равшан аст. Он чи дар ин ғазал ба таври бисёр барҷаста ба зеҳну назар мерасад:

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махур,
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, ғам махур...

Радифи ин ғазал, ки як ҷумлаи содаи амр (ғам махур, яъне навмед машав) мебошад, муроди аслии шоир аст, ки ба сароҳат баён шудааст ва тамоми боқии ғазал барои тақвияту тасдиқи он хидмат менамояд.

Ҳар як шеъри мураддаф мисли як тафсири амалии калимаҳои радиф ва боз кардани қабатҳои маъноии онҳо ба назар мерасад ва маъноҳое, ки дар матнҳои дигар ва ҳолатҳои дигар ба тасаввур роҳ намеёбад, дар радиф ба фазли мавқеияти хосси он ва фазои шоирона, ки ҳамеша аз ихтиёрот бархурдор аст, муяссар мегардад. Масалан, радифи “буд” дар қасидаи машҳури ҳолияи устод Рӯдакӣ (Маро бисӯду фуру рехт, ҳарчи дандон буд). Радиф дар мисраъи охири ин қасида “Асо биёр, ки вақти асову анбон буд” аз дергоҳест мавзӯи баҳс қарор гирифтааст ва баъзан бо таваҷҷуҳ ба ҷиҳати замонии феъл дар ин мисраъ гуфтаанд, ки ин ҷо бояд “буд” ба “шуд” иваз шавад, чун манзури шоир замони ҳол (ҳозир) аст. Аммо он фазои маънавие, ки дар ин қасидаи муфассал барои калимаи “буд” эҷод шудааст, ба мо илқо менамояд, ки дар ин ҷо “буд” шакли сабуки (мухаффафи) калимаи “бувад” (замони

[104] Мирзо Турсунзода. Куллиёт. Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 1971, с.60.

ҳозир, ҳаммаънои “аст”) мебошад, ки дар навишти устод Рӯдакӣ сурати яксон доранд ва агар аз ҷумлаи ихтиёрот аст ва пазируфтанаш саҳлу осон.

Латофат ва чандмаъноӣ (таҷнис) дар радиф нишони қудрати хосси шоирист ва ҳусни радифро даҳчанд меафзояд. Ончи, масалан, дар ғазали машҳури Камоли Хуҷандӣ мушоҳида мешавад:

Ёр гуфт: “Аз ғайри мо пӯшон назар”. Гуфтам:
“Ба чашм”
“В онгаҳе дуздида бар мо менигар. Гуфтам:
“Ба чашм”.[105]

Ибораи фразеологии “ба чашм” маънои ризоят ва омодагии комил барои иҷрои амре мебошад ва он коре метавонад бошад, ки ба чашм ҳеч рабте надорад. Масалан, дар посухи амри “ин курсиро аз ин ҷо бибар” мухотаб метавонад бигӯяд: “Ба чашм”. Яъне, омодаам ин корро анҷом диҳам. Аммо шоир дар он ғазал аз ибораи “ба чашм” (радиф) тавре истифода мекунад, ки амр воқеан ба чашм муносибат дошта бошад ва дар баробари маънои фразеологии (маҷозии) ин ибора маънои аслии он низ рӯйи кор ояд. Ин маъно хусусан дар байте, ки бино бар ривояте Ҳофиз аз шуниданаш бисёр мутаассир шуда буд, хеле барҷаста зоҳир мегардад:

Гуфт: “Сар гар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод,
Ташнагонро муждае аз мо бубар”. Гуфтам: “Ба чашм”.

Ки манзур аз ин “ба чашм” дар баробари изҳори омодагӣ боз ашк (оби чашм) аст, ки матлуби ташнагони водии муҳаббат мебошад. Дар сартосари ғазал ин таҷниси маънавӣ риоят шудааст.

Қудратнамоии Бедил дар радиф шигифтангез аст. Хусусан, замоне ки ӯ феълҳои чандмаъноро баъд аз қофияҳои шойгон қарор дода, ба навъе радифро низ ба қофия табдил медиҳад ва ба ин восита камбуди қофияи шойгонро ҷуброн менамояд. Масалан, ба ин ғазал таваҷҷуҳ намоед:

[105] Камоли Хуҷандӣ. Девон. – Хуҷанд: Хуросон, 2015, с.922.

Дарси ҳастӣ фикри такрорӣ надорад, хонда гир,
Эй фузули мактаби ранг, ин варақ гардонда гир.
Онқадарҳо нест бори улфати ин корвон,
Доманат гарди нафас дорад, чу субҳ афшонда гир.
Ҷуз кафи бемағз аз ин дарё намеояд бурун,
Эй гуҳармуштоқ, деге аз ҳавас ҷӯшонда гир.
Ранги парвозат чу шамъ оғӯш пайдо кардааст,
Бо видоъи хеш ин карруфар аз худ ронда гир.
Эй ҷунун, чандин ғубори ваҳму зан(н) барбод деҳ,
Хоки бунёди маро ҳам як-ду дам шӯронда гир.
Халқе аз расвоии ҳастӣ назар пӯшиду рафт,
Бар сари ин айб мижгоне ту ҳам пӯшонда гир.
Домани хок аст охир мақсади саъйи ғубор,
Гар ҳама фикрат фалактоз аст, барҷомонда гир.
Дар нигинҳо эътибори ном ҷуз парвоз нест,
Нақши худ ҳар ҷо нишондӣ, ҳамчунон наншонда гир.
Бетааммул ҳарчи гӯӣ, нест шоёни асар,
Теғи ҳукме гар биёзӣ, андаке хобонда гир.
Эй ғурурандеша, бар ваҳми ҷаҳонгирӣ маноз,
Қудрате гар ҳаст, дасти Бедили вомонда гир.[106]

Қисмати қофиясоз дар ин байтҳо "-онда" аст, ки гоҳ аз решаи калима аст ва гоҳо пасванд (суффикс) аммо калимаи радиф "гир" пурмаъност ва бо ин пурмаъноӣ таҷнисро ба миён оварда худ ба навъе қофия ҳам мешавад. Дар байти аввал:

Дарси ҳастӣ фикри такрорӣ надорад, хонда гир,
Эй фузули мактаби ранг, ин варақ гардонда гир.

"хонда гир" маънои "хондашуда ҳисоб бикун"ро дорад ва ҳамчунин тобиши маъноии хосси гӯйиши тоҷикии феъли тафсилии "хонда гирифтан"-ро ба зеҳн мерасонад, ки ин маънои дувум дар байти баъдӣ "афшонда гирифтан" боз барҷастатару равшантар ба назар мерасад. Дар мисраъи дувум "гардонда гир" ба изофаи "гардондашуда бишумораш" (чунин ҳисоб бикун, ки ин варақ тай шудааст) боз маънои "гардонда

[106] http://ganjoor.net/bidel/ghazalbi/

бигир” (пас бигир) ҳам ба зеҳн мерасад ва он маънои хосси гӯйшӣ дар радаи сеюми зеҳнӣ қарор мегирад. Ин се маъно тақрибан дар ҳамаи байтҳо аз радифи “гир” ба зеҳн мерасад.

Дар байти:

Бетааммул ҳарчи гӯӣ, нест шоёни асар,

Теғи ҳукме гар биёзӣ, андаке хобонда гир.

Маънои чаҳоруми “гир”, ки ҳамчунин сирф тоҷикист, падидор мешавад. “Хобонда гирифтан” маънои каме ба пушт моил гирифтани (доштани) чизеро дорад ва асбоби бурандаро дар ҳоли кор фармудан дар ҳамин ҳол медоранд, то беҳтар бибуррад. Ин таъбир дар рӯзгори мардум истифодаи фаровон дорад. Бо тааммул ва таанӣ баёни андеша карданро шоир ба ҳамин амал ташбеҳ мекунад. Зимнан, ин назокатҳои забони тоҷикӣ дар шеъри Бедил борҳову борҳо моро вомедорад, ки бо қатъияти комил бигӯем Бедил тоҷики маҳз аст ва на танҳо Бедил балки ҳамаи касоне, ки муҳити забонии ӯро сохтаанд. Инҳо чизе нест, ки касе ба омӯзиш дар мадраса ё аз китоб ёд бигирад. Ҳамин ҷост, ки истифодаи фаровони пасванди феълсози “-онда” ва калимаи “барҷомонда”-ро мебинем.

Дар байти охир Бедил ба иродаи махсус аз ин чандмаъноии радиф сарфи назар мекунад ва як маънои сареҳу равшани онро, ки муроди ниҳоияш аст ва “Бедил” ин ҷо тимсоли инсоният аст, манзур медорад:

Эй ғурурандеша, бар ваҳми ҷаҳонгирӣ маноз,

Қудрате гар ҳаст, дасти Бедили вомонда гир.

Яъне ҳама таҷаммул, танаввуъ ва ғановату гуногунрангӣ дар ҳамин як маънои аслӣ хулоса мешавад.

Бояд гуфт, ки ин навъ санъатнамоӣ ба воситаи радиф наметавонад аз хосиятҳои усулии он ба шумор оварда шавад, балки ихтиёр ва имтиёзи шоирист ва ба ҳар шоире ҳам муяссар намегардад. Аммо аз шароити усулии радиф ҳамон чизест, ки ёд шуд, яъне зарурати маънавӣ ва суварии радиф воқеан эҳсос шавад ва он табиӣ ба назар ояд, на чун порае илҳоқӣ ва такаллуфии шеър.

Радиф дар шеъри нав ва шеъри сапед ҳам мутобиқ бо фазо ва сохтори онҳо ҷой дорад. Чун моҳиятан он чизест, ки яксону чанд мартаба такрор мешавад ва ба шеър дар баробари қофия ва гоҳо ба ҷойи қофия ваҳдати шаклию маъноӣ мебахшад, ба ҳамин қиёс онро метавон дар анвоъи гуногуни шеър ба суратҳои гуногун шинохт.

Дар ҳама ҳол меъёри эътибори радиф ҳамон вуҷуди моҳияти маънавӣ ва арзиши воқеии он дар такмили шакли шеър мебошад.

ШЕЪР ВА ШИОР

Солҳост ин мавзӯи рӯзи баҳсҳо перомуни шеър аст. Аммо то кунун барои ҳаллу фасли он бевосита иқдом нашудааст, агарчи зимнан ишораҳое рафта ва назарҳое баён гардида. Барои шинохти воқеии ҳар мафҳум ногузир бояд аввал ба маънои луғавии он таваҷҷуҳ шавад. Сухан дар ҳар бобе, ки бошад. Маълум аст, ки шеър ва шиор аз як реша ҳастанд, шуур низ аз ҳамин реша аст, аммо тобишҳои маъноии мухталифе доранд.

Тафсири шиор дар «Донишномаи озод” аз маҷмӯи таъбирҳо чунин омадааст:

Шиор ба маънои нишон ва аломат, ки нишонаи гурӯҳе аз мардум, ки ба василаи он якдигарро бишносанд.

Нишону аломати султон ё амир ё хирқае чун алами сиёҳ ё сафед ва ё калимаҳое, ки тариқаву ойини ӯро намудор созад.

Шиор (ба англисӣ: motto) – ҷумлае, ки дар поини порчаи ё нишони як минтақаи сиёсӣ ё ҷуғрофиёӣ навишта мешавад ва ин ҷумла баёнкунандаи дидгоҳ ва назари мардуми он ҷомиъа нисбат ба сарзамин ва муҳити атрофи худ аст.

Бино бар ин таърифҳое, ки аз «шиор» шудааст, он танҳо барҷастатарин, муассиртарин, нерӯмандтарин ва

пурмаънотарин сухан метавонад бошад. То ба он ҳад, ки битавонад ба рамзу намоди (символи) ҳастии иҷтимоӣ, таърихӣ, маънавӣ ва ё сиёсии як гурӯҳ ё миллат табдил шавад. Масалан, шиори миллии Эрони қабл аз инқилоб, ки дар зери нишони рӯйи парчам нигориш шуда буд, як мисраъ аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ буд: «Маро дод фармуду худ довар аст», ки дар порае аз «Шоҳнома» аз забони Нӯшинравон (Анӯшервони Одил) нақл мешавад:

Хирадманду бинодил онро шинос,
Ки дорад зи додори гетӣ сипос.
Бидонад, ки ҳаст ӯ зи мо бениёз,
Ба наздики ӯ ошкор аст роз.
Касеро куҷо сарфарозӣ диҳад,
Нахустин-дараш бениёзӣ диҳад.
Маро дод фармуду худ довар аст
Зи ҳар бартаре ҷовидон баршар аст.
Ба Яздон расӣ, шоҳу кеҳтар якест,
Касеро ҷуз аз бандагӣ кор нест.[107]

Ва он мисраъе, ки аз ин миён баргузида мешавад, барои ҳар нафаре аз меросбарони Фирдавсӣ боқии мазмуни инсонпарваронаи «Шоҳнома»-ро ба ёд меорад.

Гузашта аз ин, хабаре машҳур аст, ки ин қитъаи ҳакимонаи Саъдии Шерозӣ дар пештоқи Созмони фарҳангии ЮНЕСКО сабт шудааст, яъне дар мақоме нигошта шуда, ки бояд баъди ин шиори инсоният ва башарият шинохта шавад:

Бани Одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд,
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.
Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ,[108]

Ки аз ин қитъа мисраъи аввал “Бани Одам аъзои якдигаранд”

[107] http://ganjoor.net/ferdousi/shahname/anooshirvan/sh1/
[108]http://ganjoor.net/saadi/golestan/gbab1/sh10/

асли шиор аст ва боқии шеър дар шарҳу тасдиқи он омадааст.

Ҳамин тавр, мисолҳои зиёде метавон овард, ки беҳтарин ва олитарии намунаҳои шеър ба сурати табиӣ дар мақоми шиор қарор гирифтаанд. Аммо маънии дигаре аз шиор дар миёни мардум машҳур шудааст, ки имрӯз ба маҳзи шунидани ин калима ҳамин маъно аз он фаҳм мешавад, он ки дар аввали ҳамин моддаи «Донишномаи озод» омадааст:

«Дар истилоҳи мардум шиор ба маънои ҷумалоти оҳангинест, ки барои баёни назарҳои ҷамъӣ (сиёсӣ, иҷтимоӣ) ба василаи ҷамъ ё гурӯҳе баён мегардад. Дар гузашта арабҳо ҳам дар майдонҳои ҷанг истифода мекарданд».

Агарчи ин таъриф ҳам моҳиятан бо маънидодҳои пешин тафовуте надорад, як нуктаи муҳим дар он ҳаст, ки «ҷумлаҳои оҳангин» мебошад, ки таърифи шиорро ба ҳадди суханони одӣ, танҳо бо ин шарт, ки оҳанге дошта ва хуш садо бидиҳад, поин мебарад. Дақиқан, ҳамон чизе, ки имрӯз одат шудааст аз «шиор» дар назар дошта бошем.

Албатта, шиор бояд маънии печида ва мубҳам надошта бошад ва ба маҳзи садо додани он матлаб ба таври барҷаста равшан гардад. Аммо ин маънои онро надорад, ки ҳар гуна сухани урёну сода ва сабукфаҳм метавонад шиор шавад.

Сухани пӯч, ҳар қадар баланд ва ботантана садо бидиҳад, ҳамон қадар пӯчии он барҷастатар эҳсос мегардад. Шиори воқеӣ, ҳамон гуна, ки бояд мисли барқ бидурахшад, ҳамчунон бояд мисли нерӯи барқ дар вуҷуди инсонҳо кора кунад. Масалан, ҳамон қитъа шеъре, ки аз Саъдӣ мисол оварда шуд, ҳам барои шеъри барҷаста шудан ҳама шароитро дар худ ҷамъ кардааст ва ҳам барои шиор будан.

Дигар ин ки шиор ҳам мисли шеър ва ҳар чизи дигар мавқеъ, дараҷа, хубу бад ва қавию заиф дорад ва ҷинси он аз ин тафовутҳо эмин намондааст.

Ба сатҳи завқ, маърифат ва навъи иродаву ихтиёри инсонҳо вобаста ҳам ҳаст, ки ин чиз хусусан дар шиорҳои фардӣ, ки таҷассуми барнома ва ҳадафи зиндагии ашхос ҳастанд,

равшан маълум мешавад.

Масалан, шиори рӯзгори падари устод Айнӣ Саидмуродхоҷа, ки худ пайрави шиори умумии аҳли нақшбандия «Даст ба кору дил ба ёр» буд, ин байти Соиб будааст:

Ба дӯши тавакқул манеҳ бори худро,
Валинеъмати хеш кун кори худро.

Ки ҳам мароми зиндагии огоҳонаи ӯ ва ҳам сатҳи маърифати ӯро таҷассум менамояд.

Ногузир аст, ки баъзе шиорҳои умумӣ ба маҳзи назми равону матин будан ва нуктаи омӯзанда ё ҳидояткунандае доштан ба миён меоянд. Ин дар сурате ба амал меояд, ки он сухан ба бисёр дақиқӣ ва дилпазирӣ мазмуни хостаниро дар бар бигирад. Масалан, аз дергоҳест, ин байти дар Душанбе ҷо-ҷо ба сурати як шиор ба чашм мерасад, ки интихоби бисёр хубу огоҳона аст:

Зи ҷӯйе, ки хурдӣ аз ӯ оби пок,
Нашояд фикандан дар ӯ сангу хок.[109]

Ин шиор барои талқини масъалаи воқеан бисёр муҳим барои мо – покиза нигоҳ доштани маҷрои обҳои шаҳру кишварамон мебошад ва ба забони содаву фаҳмо барои ҳар нафаре дар қолаби назми матину салис баён шудааст. Дар зеҳн менишинад ва ба изофа захираи дигари даруние дорад, ки он маънои маҷозии ин байт аст, яъне носипосӣ ва қадрнашносӣ накардан нисбат ба ҳар масдари неку хайр ва агар дарҳол ҳам набошад, ин маъно замоне барои он кӣ ин шиорро дар зеҳн дорад, кашф мешавад.

Дар ин мақтаъ ба мавзӯи шеър ва назм наздик мешавем ва бояд гуфт, ки на ҳар назме шеър аст он гуна, ки гоҳо шеър ҳам

---

[109] Ин байти Асадии Тусӣ аз “Гаршоспнома” аст, ки аслаш андак дигаргун мебошад:

Зи чоҳе, ки хурдӣ аз ӯ оби пок,
Нашояд фикандан дар ӯ сангу хок.

аз қолаби назми маъмулӣ берун меравад.

Аммо назм мусоидтарин замина барои шеър аст. Мисли ҷӯй барои об. Дар хусуси шеърофаринии унсурҳои назм – вазн, қофия ва радиф пештар суҳбат шуд ва ба он барнамегардем. Аммо ба ҷуз он ки камҳунарӣ боиси аз шеърият орӣ мондани назм мегардад, боз омили аслитари ривоҷи назми бидуни шеър он аст, ки ҷомеаи инсонӣ бидуни шеър ҳам ба назм ниёз дорад. Назм барои мураттаб ва қобили осонтар азёд кардани матнҳо. Баъзе мавзӯъҳо, масъалаҳо, барномаҳо ва ғайра, ҳатто китобу рисолаҳои илмӣ, иттилоотӣ, мазҳабӣ ба сурати назм навишта шудаанд ва нависандагони онҳо ҳам ҳаргиз иддаъои шеъру шоирӣ надоштаанд, агарчи чун назм бо шеър хешӣ дорад, гоҳо байту пораҳое аз ин навиштаҳо аз хосияти шеърӣ бархурдор шудаанд, ки барои назм як амри табиист.

Ин шева дар миёни мардум ҳам роиҷ аст, ки баъзе чизҳои лозим ба ҳифзро одамони хуштабъ ба назм даровардаанд.

Барои намунаи назми маҳз, ки ба хотири танзими иттилоот ва қобили ҳифз кардани он сохта шудааст, метавон ин қитъаро аз шоири пурҳунар ва донишманд Адибулмамолик мисол овард, ки барои танзиму мураттаб ва қобили ҳифз кардани маълумот дар бораи амшоспандон (муқаддасони ҷовидон дар ойини зардуштӣ) қолаби назмро ба кор бурдааст.

Дар Авасто номи ҳафт амшоспандони Худой
Шуд Аҳура Мазда, он гаҳ Ваҳману Урдибиҳишт.
Аз паси Шаҳривар Исфандормуз, Хурдод дон,
Пас Умрдод аст, к-аш бемарг омад сарнавишт.
Аввалин, яъне ки Яздон, зиндаи доно бувад,
Дуввумин андешааш некӯст, бе пиндори зишт,
Саввумин назми муқаддас дон, чаҳорум қудрат аст,
Панҷумин аз меҳри худ моро барад андар биҳишт,
Аз шашум дон тандурустӣ, ҳафтумин бемаргӣ аст,

Хосси он деҳқон, ки моро андар ин гулзор кишт.[110]

Чунон ки мебинем, ин назм иттилоъи маҳз аст, ҳатто ба сурати фишурдатарин, ки ҳаҷми ҳарчи камтаре дошта дар ёд нигоҳ доштанаш осон бошад ва ин номҳои амшоспандон дар айни ҳол номҳои моҳҳои эронӣ ҳам ҳастанд. Танҳо дар мисраъи охир аст, ки муаллиф зикри маҳзи маводи иттилоотиро адо кардааст ва метавонад ҳаракате ба сӯи шеър кунад ва маҷоз ба миён меояд «деҳқон, гулзор ва кошта шудани мо». Ва дар ин ҷо ҳам барои ба миён омадани чунин маҷози шоирона зарурати калимаи қофия «кишт» хеле саҳми равшан дорад.

Аммо ин иттилоотест, ки ҳар моддае аз он барои шеърпардозиҳои муфассал кифоят мекунад. Ончи дар ин ҷо мурод нест ва мурод танҳо айни худи маълумот ба воситаи назм мебошаду бас.

Ҳамин тавр, назм дар мураттабу қобили ҳифз кардани суханони зарурӣ дар чанд мартаба вуҷуд дорад, ки болотарини он ба шеър яке мешавад. Ҳам назм аст, ҳам шеър ва ҳам шиор.

Баъзан барҷаста ва муҳим шудани як мавзӯъ дар ҷомеа суханони манзум ва мураттаб дар ҳамон мавзӯъро ба шиор наздик мекунад. Аз қабили ин байти Тошхоҷа Асирӣ:

Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,
Донистани сад забонаш осон гардад.

Чун масъалаи донистани забонҳои дигар баъзан дар тазод бо омӯхтани забони худ (тоҷикӣ) матраҳ мегардад, ин байт ҳовии мазмуни хосс ва муҳиме гардидааст, ки боис шуда ин ҷумлаи одӣ ба шеър ва шиор наздик шавад.

Умуман, назм кардани мафҳумҳо, ҳадафҳо барномаҳо, ҳикматҳо ва дигар суханони муфид барои нишондани онҳо дар зеҳнҳо ва ҷорӣ карданашон бар забонҳо, хусусан дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, як таҷрибаи қадимии озмуда-

[110]Ниг.: Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ (Таҳия, тавзеҳот ва таълиқоти Рустами Ваҳҳоб). – Душанбе: Бухоро, 2014, с.50.

шуда мебошад ва идома хоҳад дошт.

Аммо мусаллам аст, ки на ҳамаи ин навиштаҳо ба ҳадди шеър ва шиор мерасанд ва ағлаб аз оғоз чунон вазифае ҳам бар онҳо ниҳода нашудааст. Баъзан онҳо хосияти мавридӣ ва мавсимӣ доранд барои муддати кӯтоҳе ва ба муносибати иттифоқе навишта мешаванд.

Масъала ин аст, ки ин таҷрибаи мавҷуд шинохта ва пазируфта шавад, мавриди ситезу инкори мутлақ набошад. Аз тарафи дигар мафҳумҳои «шеър» ва ҳамчунин «шиор»-ро аз ин маҳдуда берун биёрем. Барои ҳар яке аз чунин навиштаҳо унвони «шеър» ва «шиор» (чи ба таҳсин ё чи ба мазаммат) надиҳем. Арзиши онҳо дар мақом ва ҳадди худашон бояд шинохта шавад.

Агар ба таърифе, ки ба шеър дар ин силсила дар мақолаи «Шеъри матбӯъ» дода шуд, ручӯъ намоем, "шиор"-и аслӣ дақиқан ҳамон чизест, ки муҳимтарин хосиятҳои дар он таъриф барои шеър номбаршударо дошта бошад: муҷаз, муназзам, ангезанда.

Ин ҷо шартан аз истилоҳи «бадеъ» сарфи назар мешавад. Вале ангезандагӣ, ки ҳосилаи ниҳоии ҳар навъ асари шоирона мебошад, дар айни ҳол асилтарин ва муҳимтарин шарти шиор аст ва ангезандатарин шеърҳо ба шиор табдил ёфтаанд. Аз қабили ин байти Фаррухии Яздӣ, ки дар муқобили таҷовузи хориҷӣ суруда шудааст:

Дар кафи мардонагӣ шамшер мебояд гирифт,
Ҳаққи худро аз даҳони шер мебояд гирифт.[111]

Ё байтҳои машҳури устод Рӯдакӣ ва ҳаким Фирдавсӣ:

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ, рӯй бар ин ганҷ неҳ.

Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

[111] Ниг.: http://egianoos.blogfa.com/post-21.aspx

Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

Дар ганҷури ғании назми мо барои ҳар мавзӯъ ва мавриде даҳҳо қитъа ва байтҳои олӣ мавҷуд аст, ки метавонад шиор қарор дода шавад. Аммо бадеҳист мавридҳое низ пеш меояд, ки барои он шиори муносибе аз ашъори мавҷуд пайдо кардан душвор аст. Дар ин ҳол аст, ки зарурати назм кардани мафҳуме ба миён меояд ва он назм вобаста ба арзиши ҳунарии он метавонад ба ҳамон маврид маҳдуд монад ё чун шиор минбаъд низ дар ҷойҳои мухталиф истифода шавад.

Аммо бо баҳонаи шиори рӯз ё шеъри шиоргуна дар мавзӯъҳои муҳим назм кардани чанд сатре ва шеър муаррифӣ кардани он ба ҳеҷ ваҷҳ раво нест, балки асари баракс дорад, яъне ин мавзӯъҳои муҳимро ба таври куллӣ дар назари мардум ба мавзӯи такаллуфӣ ва шеъру шиорро ба ҳарфи сохтаву хушк табдил медиҳад.

Аз ҷумла намунаҳое аз қабили:

Тоҷикистон, кишвари зебои мо,
Тоҷикистон, маскану маъвои мо.
Кӯҳҳояш устувору сарбаланд,
Шаҳрҳояш босафову дилписанд…

Чунин навиштаҳо қатъан на шеъранд, на шиор. Оре, назм ҳаст ва ҳама қоидааш риоя шуда, аммо ба ғайри он ки ҳеҷ унсуре аз шеъриятро надорад, ҳеч иттилоъи хоссе низ, ки ҳифзи он барои мардум зарур бошад, дар он мавҷуд нест ва танҳо ҳақиқатҳои маълуме муназзам шуда, ки бар он асос даҳҳо шеъри олӣ дар адабиёти мо вуҷуд дорад.

Мутаассифона, имрӯзҳо ҷилд-ҷилд китобҳо ба ҳамин сабку равиш чоп мешавад. Чун ин ҷараён аз дербоз ба завқи адабии ҷомеа осеби шадид расондааст, нақду баррасии воқеъбинона ва одилонаи чунин навиштаҳо ҳам табдил ба як кори ҷанҷолӣ шудааст.

Бо ручӯъ ба асли матлаб метавон чунин хулоса кард, ки: **шиори воқеӣ ва аслӣ аз баландтарин ва ангезандатарин шеър ҳосил мегардад. Ҳар назме шеър ва беш аз он шиор намешавад.**

Назм ба ғайр аз шеър мавридҳои корбурди дигар ҳам дорад ва дар ин мавридҳо барои он унвони шеърро талаб кардан раво нест.

ШЕЪРИ МУШАХХАС (КОНКРЕТ)

Гуфтам, ин силсилаи зулфи бутон аз пайи чист?
Гуфт: Ҳофиз гилае аз дили шайдо мекард.
Ҳофизи Шерозӣ

Шеър танҳо дар ашъор (-и шоирон) нест: он ҳама ҷо рехтааст, дар атрофи мост.

Нигоҳ кунед ба ин дарахтон, ба ин осмон – аз ҳама сӯ (насими) зебоӣ ва зиндагӣ мевазад ва ҳар ҷо, ки зебоию зиндагӣ ҳаст, он ҷо шеър ҳам ҳаст.

Иван Тургенев

Баёни муҷаррад ва мавҳум дар шеър аз дербозе мавриди интиқод қарор гирифтааст. Нигаронӣ аз ин раванд дар адабиёти ҳамаи халқҳо мушоҳида мешавад. Дар адабиёти мо ҳанӯз дар поёни асри 19 ва оғози асри 20 чунин ҷараён дар мисоли пайравии ноогоҳона ва инҳирофӣ аз сабки ҳиндӣ ё худ сабки Бедил мавриди интиқодоти шадид қарор гирифт. Ин дар ҳолест, ки асли сабки ҳиндӣ ва сабки Бедил комилан баръакс шеърро аз воситаҳои баёни мушаххас ва мусаввар (образнок) ба таври бесобиқа фаровон бархурдор намуд, вале пайравони ноогоҳ ё худ камқобилият ҷанбаи таҷридии (мавҳуми) онро муқаллидона ривоҷ доданд ва ба рӯҳи табиӣ ва ҷанбаи суварии он, ҳадафмандии мушаххаси он камтар таваҷҷуҳ намуданд, ё худ лаёқати онро надоштанд.

Ҷараёнҳои инқилобии баъдӣ шеъри мушаххас ва ҳадафмандро ба майдон оварда ва агар имрӯз дар дигар ҳавзаҳои адабиёти форсизабон аз шеъри тоҷик сухан равад, муҳимтарин вижагӣ ва имтиёзи онро дар ҳамин мушаххас ва ҳадафманд будани он арзёбӣ мекунанд. Ҳатто Нимо Юшиҷ маҳз ба ҳамин ҷиҳат шеъри тоҷикро нисбат ба шеъри Афғонистон пешқадам дониста буд.

Албатта, назарҳое низ вуҷуд дошту дорад, ки дар даврони

шӯравӣ адабиёт аз ҳад зиёд побанди вазоифи иҷтимоӣ гардид, фазои бози тахайюли эҷодӣ маҳдуд карда шуд, методи реализми сотсиалистӣ адабиётро аз ҳад зиёд воқеъгаро ва тобеъи ҳадафҳои сиёсию иҷтимоӣ сохт. Бо вуҷуди чунин назариёт бешакку шубҳа мо аз ин даврон, чи дар назм ва чи дар наср (ҳам тоҷик ва ҳам халқҳои дигари шӯравӣ), асарҳои бисёр арзишмандеро ба мерос гирифтем, ки ҳам аз лиҳози ҳунарӣ ва ҳам аз лиҳози маънову муҳтаво чи барои мо ва чи барои дигарон омӯзанда мебошанд. Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки дар онҳо симоҳо, манзараҳо ва ҳадафҳои мушаххасу диданӣ ва баёдмонданӣ вуҷуд дорад. Аммо ҳанӯз дар охири ҳамон солҳост, ки пирони адабиёти мо аз зуҳури як ҷараёни мавҳумбаёнӣ ва парокандагӯӣ дар шеър ибрози ташвиш кардаанд. Устод Турсунзода қаблтар, дар яке аз Анҷуманҳои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва баъдтар (соли 1986) Раҳим Ҳошим ҳамчунин дар Анҷумани Иттифоқ ба шиддат аз ин ҷараён интиқод менамоянд:

“...Дар солҳои охир ба шеъри мо ҷараёни наве роҳ ёфтааст, ки онро парвоз дар олами тасаввурот ва хаёлоти худи гӯянда, ба қавли адабиётшиносон “хаёлангезии афкор”, номидан мумкин аст. Дар ин қабил шеърҳо гӯяндагони онҳо бо ибора ва калимаҳои баланду боло ба баёни хаёлоти худ саргарм мешаванд, ки ба воқеият рабте надоранд. Дар як қисми ин шеърҳо такрори суханони гуфташуда вомехӯрад, ки мазмун мубҳам, маъно ба қавли масали машҳури арабӣ дар батни (шиками) шоир мондааст”.[112]

Бознашри ин матлаб аз Раҳим Ҳошим дар ҳафтаномаи “Адабиёт ва санъат” чунин маъно дорад, ки ҳанӯз ин мавзӯи доғи адабиётшиносии мост, балки бамаротиб доғтар аз он рӯзҳо шудааст.

Имрӯз ин ҷараён на аз як таманнои хаёлпардозии озод, балки аз чандин марҷаъ маншаъ мегирад ва ҳар яке сабабҳои

[112] Раҳим Ҳошим. Ба қадри шеър расем//Адабиёт ва санъат, 15 декабри 2016.

айнӣ ва зеҳнии худро дорад. Яке аз омилҳои аслӣ, хусусан дар ашъори ирфонигуна, ки дар адабиёти даврони шӯравии мо маҷоли зуҳур надошт, тасаввури нодуруст дар мавриди таносуби маънавиёт ва моддиёт, ашё ва афкор, асбоб ва ҳадаф, шакл ва мазмун мебошад, ки ин номутаносибӣ дар тафаккури иҷтимоии мо имрӯз танҳо ба адабиёт низ маҳдуд намешавад, балки дар ҳама анвои фаъолиятҳои фикрӣ ба назар мерасад ва на танҳо бархе аз осори имрӯзӣ бино бар ин номутаносибӣ ноқис мемонад, балки аз осори гузаштагон низ таъбирҳои нодуруст ва яктарафа ба миён меояд. Ба таври мушаххастар мо дониста ё надониста ҷаҳони моддиро аз ҷаҳони маънавӣ қатъан ва якбора ҷудо кардан мехоҳем. Ин навъ нигариш дар суолҳое аз қабили “фалон чиз (ҷом, май, ишқ, дӯст, бут, гул ва ғ.) дар ин шеър осмонӣ аст ё заминӣ, маънавӣ аст ё моддӣ?” ба таври барҷаста ошкор мегардад. Хусусан, зеҳни ҷавонон ҳамеша пури ин навъ суолҳост, суолҳое ки тарҳи онҳо усулан (принсипӣ) иштибоҳист. Тибқи ин навъ тасаввур мо бояд инсонҳоро (хусусан адибонро) ба ду гурӯҳ ҷудо бикунем, ки яке танҳо ба айни моддиёт, бидуни тасаввури ҳеч гуна маънавият аз он, сару кор дорад ва шарти воқеияти ҳунарӣ ва дунявӣ будан дар ҳамин аст. Дар ҳоле ки ин шеваи бархурд на танҳо ба адабиёт, балки ба ҳеч навъи ҳунар муносибате надорад. Адабиёт, хусусан шеър нусхабардории чизҳо ва ҳодисаҳо нест. Ҳатто суратгирии ҳунарӣ аз суратгирии муқаррарӣ, ки мо, масалан, барои ҳуҷҷат сурат мегирем, фарқ мекунад ва ҳадафи он офаридани чизе беш аз айни зоҳирии модии чизҳо ё инсонҳост. Наққошӣ боз бештар аз ин ва образи шеърӣ бамаротиб бештар аз ҳамаи инҳо. Дарахте, ки дар шеър ё асари наққошии реалиститарин ҳам тасвир мешавад, агар хеле маънавитар, пурмазмунтар, зеботар ва волотар аз сурати зоҳирии (фотографии) як дарахт набошад, арзише ҳам надорад. Ҳамчунин ҳар чизи дигар. Аммо ин маънавияти ҳунарӣ, ки бар асли чизҳо афзуда мешавад, бояд бо моҳияти воқеӣ ва модии онҳо дар танозуз (зиддият) набошад ва онҳоро

таҳриф накунад, аз таносуб хориҷ насозад.

Дар бораи гурӯҳе дигар аз адибону шоирони хусусан қадим чунин меандешанд, ки онҳо гӯё бо ин ҷаҳон ва моддиёти он аслан ҳеч коре надоранд ва ҳама чизе, ки дар рӯйи замин ва зери осмон вуҷуде дорад, барои онҳо танҳо як василае маҷозӣ ва шартист, ки дар он чизи дигаре, ғайривоқеъиву ғайриинҷаҳониро мебинаду тасаввуру баён мекунад. Тасаввуре наздик ба идеализми навафлотунӣ, балки басо бештар аз он, ки мегӯяд асли чизҳо ба сурати муназзаҳи идеяҳо дар олами малакут (осмонҳо) ҳастанд ва ин суратҳои моддии онҳо ҳастанд, ки мо дар олами хок мебинем. Эътиқоде, ки ҳаргиз дар афкори ҷамъии суннатии мо (чи дунявӣ ва чи динӣ) ҳоким набуд, агарчи гоҳо муташобиҳоте ва ё таъсироти манфие дошт ва ҳаргиз дар ҷомеаҳои суннатии мо ҳам гурӯҳҳое аз мардум, аз ҷумла адибону шоироне набуданд, ки ба таври мутлақ тарки моддиёт ва олами омилҳо ва сабабҳо карда, худро мавҷудоти сирф осмонӣ ва онҷаҳонӣ ё сокинони сайёраи дигар (инопланетянин) эълон карда бошанд, балки дар афкори мазҳабии суннатии мо чунин равиш ва чунин гароиш мамнӯъ ва нораво дониста шудааст. Дар ин фарҳанг бархурдории муътадил, оқилонаву ҳамроҳ бо маънавияти олии инсонӣ на танҳо мамнӯъ нест, балки ташвиқ мешавад. Ҳофиз мегӯяд:

Ман, ки имрӯзам биҳишти нақд ҳосил мешавад,
Ваъдаи фардои зоҳидро чаро бовар кунам?

Яъне инсоне, ки дар ин ҷаҳон ба камоли маънавӣ мерасад, метавонад тимсоли биҳиштро дар ин ҷаҳон бубинад ва он танҳо мавқуф ба фардо нест. Ё худ:

Бидеҳ соқӣ, майи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт,
Канори Оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро.

Майи боқӣ, майи бақо, майи ҷовидонагӣ (зояндаи ишқу маърифат) аст ва ин ҳарф ҳам газоф нест, ки Рукноботу Мусалло дар биҳишт нестанд, агар он ҷо чизҳои дигаре, ҳатто беҳтар аз инҳо ҳам бошад, инҳо, ки ҳоло нақданд, ба сурати

айни худ он ҷо нестанд, агарчи тибқи мазмуни ин байт Ҳофиз ба итминони комил худро мавҷуде дар ниҳоят биҳиштӣ медонад.

Он ҷо, ки сухан аз "заминӣ" ё "осмонӣ" будани ишқ аст, бояд гуфт, ки ишқ мафҳумест, ки бо маънавияти олитарин ва волотарин мушаххас ва таъйин мегардад, дар акси ҳол он аз мафҳумҳои категорияи дигар мисли "тамаъ", ё “ҳавас" аст, чи заминӣ бошад ва чи осмонӣ ва:

Фаротар омад аз ҳасту адам ишқ,
Ду олам тай занад дар як қадам ишқ.
Ту мепурсӣ: "Заминӣ ё самовист?"
Замину осмон дӯзад баҳам ишқ.

Иқбол дар тавсифи зебоиҳои манзараи кӯҳсори зодгоҳаш – Нишотбоғи Кашмир месарояд:

Ту гӯӣ, ки Яздон биҳишти баринро
Ниҳодаст дар домани кӯҳсоре,
Ки то раҳматаш одамизодагонро
Раҳо созад аз меҳнати интизорӣ.[113]

Гузашта аз инҳо, Бедил, соҳиби маснавии бузурги “Ирфон”, хитоб мекунад:

Эй мурдаи интизори маҳшар бурдан,
То чанд ба ҳар фасонаат хун хурдан?
Дар сурати офоқ назар кун, к-ин ҷо
Ҳар субҳ қиёмат асту ҳар шаб мурдан.[114]

Ва ин навъ андешаҳо ҳаргиз хилофи суннату мазҳаб ҳам ба шумор наомадаанд, балки айни фармудаҳои суннат ва мазҳаб дар ҷиҳати саъйу талоши инсон дар дунё барои касби камоли моддию маънавӣ дониста шудаанд. Паймонаи аслии ин нигариш худи инсон аст, ки вуҷудест маънавӣ дар қолаби моддӣ ва ҳастии инҷаҳонии ӯ бидуни вуҷуди моддӣ муяссар

[113] https://ganjoor.net/iqbal/payam-mashregh/sh188/
[114] http://www.farda.org/articles/07_updates/071100/poem_m_s_shabahang.htm

намегардад.

Ҳамин вобастагӣ ба колбад (қолаб) ва ҳудуди муайяну мушаххас дар фазои номаҳдуди ҳастӣ аз тарафи андешамандони бузург аз нигоҳи зебошинохтӣ (ҷамолшиносӣ ё эстетика), ки барои ҳамаи анвои ҳунар, аз ҷумла шеъру адаб меъёр таъйин мекунад, шарти падид омадан ва воқеият ёфтани зебоӣ, осори ҳунарӣ, аз ҷумла шеър дониста шудааст. Ин нукта ба таври барҷаста дар баҳси Н.Г.Чернишевский бо пайравони ин ақида, ки мутаолӣ (возвышенно – олиҷаноб, муҳташам ва дар ниҳоят ҳосили он эҳсоси зебоӣ) зодаи идеяи беинтиҳоист, ки аз фармудаҳои Гегел нашъат гирифтааст, ошкор мегардад. Ин баҳсро Н.Г.Чернишевский то ҳадди тафовутҳои табақотӣ ва синфӣ дар шинохту маърифати зебоӣ мебарад, ки дар ин хусус дар китобҳои дарсии мо маълумоти муфассал вуҷуд дорад.[115] Аммо дар ин маврид барои мо муҳимтар фармудаи дигари ӯст, ки вуҷуди ҳудуди воқеӣ (физикӣ) дар фазои тасвирро шарти падидор шудан ва ба эҳсос расидани эҳтишом, таолӣ ва дар ниҳоят зебоӣ (маънавияти мушаххас) медонад:

“Баҳр беканор менамояд, вақте ки соҳилҳои он ба чашм намерасанд. Аммо ҳамаи ҷамолшиносон (эстетикҳо) (комилан одилона) таъйид мекунанд, ки баҳр он гоҳ ба маротиб бештар муҳташам ба назар мерасад, ки агар соҳилҳои он пайдо бошанд, нисбат ба он ки пайдо набошанд. Аз ин далел маълум мегардад, ки чизи мутаъолӣ (воло, олиҷаноб) на танҳо зодаи идеяи беҳадду марзӣ нест, балки аксаран бо он дар танокуз (зиддият) қарор мегирад ва шароити беканорӣ ва беҳадду марзӣ барои эҳсоси зояндаи (дарки) мутаолӣ номуносиб аст”.[116]

Бино бар назари аксари касоне, ки имрӯз ба адабиёт, ба

---

[115] Ниг.: Раҳими Мусулмониён. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990, с.35.

[116] Н. Г. Чернышевский. Статьи по философии и эстетике. – Собрание сочинений в пяти томах. Том 4. – М.: Правда, 1974, С.13

шеър муносибати нисбатан ҷиддитар доранд, дар шеъри мо як ҷараёни мавҳумгӯӣ ва фирор аз фазову дар ниҳоят ҳадафи мушаххас ба мушоҳида мерасад, ки бархе ба зоҳир дар тақлид ба ашъори ба истилоҳ "ирфонӣ" ва бархе дигар зери таъсири ашъори мушобеҳи ҳамзабонон сурат мегирад. Зимни мутолиаи ин навъ ашъор чунин тасаввуре даст медиҳад, ки муаллиф бидуни он ки ҳадаферо дар пеш дошта бошад, мавзӯеро мулоҳиза намуда бошад, ба тахмин ва таваккалӣ шеър мегӯяд, умуман чизе мегӯяд, ба умеди он ки шеър шавад ва бисёр вақт шоирони ҷавон ба ин ҷараён ҷазб мешаванд.

Оре, ҳастанд шоирони бузурге, ки ба камоли таҷриба расидаанд ва беш аз ин ҳадаф ё ҳадафҳои азиме дар вуҷуди онҳо чандон парвариш ёфта ва бо сирришташон омехтааст, ки ҳарчи бигӯянд, ба ҳарчи бингаранд ва ҳар чизеро тасвир намоянд, ҳамзамон таҷаллои он ҳадафҳо, мавзӯъҳо мешавад, ҳама ҷаҳони ҳастӣ ба забони ҳоли хостаҳояшон табдил меёбад. Калими Кошонӣ ба ин маъно мегӯяд:

Мӯ ба мӯи хомаи мӯ ҷодаи як сурат аст,
Солик аз сад раҳ ба манзил мерасонад хешро.

Мавлоно Ҷомӣ мефармояд:

Баски дар ҷони фигору чашми бедорам тӯӣ,
Ҳар ки пайдо мешавад аз дур, пиндорам, тӯӣ.

Ба истилоҳи орифон ин мушоҳидаи ваҳдат дар касрат (бисёрӣ, парокандагӣ) аст ва ба забони ҳунар ваҳдати ғоӣ.

Дар осори шоирони бузурги адабиёти муосири мо, аз ҷумла устод Турсунзода низ, ҳамин ваҳдати ғоии осор мушоҳида мешавад.

Аммо барои шоири ҷавон мавзӯъ, маҳдудаи фазои мушаххас ва тасвир дар шеър ба масал чархи савуми дучарха барои навсавор аст.

Ҷолиб ва то ҷое шигифтангез ҳам ҳаст, ки номушаххасии ҳадаф ва фазову мавзӯи шеърро гоҳо аз он навъ ҳанҷоршиканиҳое муаррифӣ мекунанд, ки гӯё бо корҳои навоварони бузургу маъруфе чун В.В.Маяковский ҳамонанд

ва шабеҳ бошад. Масалан, намунае аз ғазали ба истилоҳ “постмудерн”-ро аз адабиёти ҳамзабонони мо дар фазои интернет кӯшиш кардаанд, ба назариёти навоворонаи Маяковский татбиқ намоянд.[117] Дар ин ғазал манзараҳое аз воқеият ҳаст, аммо пароканда ва муроди гӯянда мавҳум:

Маҳбуба, гурба, бастаи кибрит, ман, исӣ,
Бозӣ шурӯъ... аз ҳаяҷони муқаддисӣ!!
Оташ гирифт, аз думаш, ангор, медавам,
Ҳарчанд ҳеч гоҳ ба ҷое намерасӣ.
Ман, гиря, баччаҳо, ҳаяҷон, сут, дасти ман,
Тамрини баччагонаи асли демукрасӣ.
Тарёки куҳна, манқали хомӯш, мӯш, мӯш,
Ин моҳ ҳам наёмада бобо мураххасӣ.
Зуҳра миёни чанд магас бо даҳони боз,
Дар хобҳош тӯи либоси принсесӣ.
Тасвири як гулӯлаи оташ, ки медавам,
“Монанди байти қабл ба ҷое намерасӣ!!”
Борон, садои хандаву селлули сӯхта,
Таслими як маҷориши қаблан танаффусӣ.
Бояд тамом кард худамро, ки нестам,
Вақте ки мутмаинам, ин шеърро касе...

Дар поёни шеър муаллиф ҳам ба сурати нотамом иброз медорад, ки “ин шеърро касе” намефаҳмад ё намехонад ё мазмуни дигари боз ҳам маҷҳул.

Аммо “худи” Маяковский барои вуҷуди шеър чанд шарти аслиро бармешуморад, ки ин аст:

Аввал. Вуҷуди ҳадафи иҷтимоӣ, ки танҳо ба воситаи шеър иҷрои он муяссар бошад. Супориши (тақозои) иҷтимоӣ (Инро бояд аз супориши бевосита фарқ кард)

Дуюм. Шинохти дақиқ, ё саҳеҳтар бигӯем, эҳсоси хоҳишҳои синфи шумо (гурӯҳе, ки шумо намояндааш ҳастед). (Мо бояд ҳоло ба ҷои ин мафҳум “мухотаб”-ро бигузорем. –

[117]Ниг.: http://goftman.super-forum.net/t207-topic. Манбаъи шеър низ ҳамин аст.

Р.В.)

Сеюм. Мавод. Калимаҳо. Ҳамеша пур кардани мағз аз калимаҳои зарурӣ, пурмаъно, нодир, тоза кашфшуда ва ғайра.

Чаҳорум. Абзори навишт. Қалам, мошини хат... дучарха, барои расондани шеър ба рӯзнома, хона бо масоҳати лозим барои қадам зада, фикр кардан... (Ин суханонро Маяковский бо ин ҷузъиёт баркасди онҳое мегӯяд, ки кори шеърро ба омилҳои комилан таваҳҳумӣ ва гоҳо наздик ба сеҳру ҷоду вобаста мекарданд ва ҳарфҳои парешоне, ҳар бор ба навъе дигар, мегуфтанд).

Панҷум. Лаёқатҳо ва усулҳои коркарди калима, то бениҳоят фардӣ (хусусӣ), ки бар асари солҳо ҳамарӯза кор кардан насиб мегардад: қофияҳо, вазн, мусиқии ҳуруф (аллитератсия), образҳо, табиӣ кардани сабк, рӯҳия, хотима, сарлавҳа, ташхис ва...[118]

Дар ин таъйиноти худ Маяковский ҳарчи муболиға ва киноя мекунад, ба хотири он аст, ки мушаххас будан ва ҳадаф (паём) доштани шеърро аслу асоси арзиши воқеии он қаламдод намояд. Айни ҳамон чизе ки худи ӯро аз машҳуртарин шоирони навовари ҷаҳон аз ҷумла дар Эрон муаррифӣ кардааст.

Шоираи маъруфи навовари Эрон Тоҳира Саффорзода низ як силсила ашъори худро бо унвони “шеъри конкрет” ба хонандагонаш арза намудааст.

[118] В.В.Маяковский. Сочинения в трех томах. Том второй. – М.: Художественная литература, 1978, с.471.

КАШФИ ШЕЪР

Ноқадрдони маънии асрор нестам,
Бар ҳар чи чашм мефиканам, “сод” мекунам.
Бедил

“Шеърро шоирон намеофаринанд, он аз дербоз дар ин атроф будааст. Шоир танҳо кошифи он аст.”
Милан Кондера[119]

Муҳимтарин ва маҳкамтарин эроде, ки метавонад ба назарияи “шеъри мушаххас” (дар гуфтори пешин) ворид гардад, ҳамин аст, ки дар осори ҳунарӣ набоястӣ ҳама чиз муҷассам ва бозгӯ шавад ва бояд дар такмил ва шинохти ҳақоиқи маънавӣ ва ҳунарии асари бадеъ (шеър, наср, наққошӣ ва ғ.) хонанда, мухотаб низ саҳм бигирад. Яъне он чизҳое, ки дар замири худи ӯ ҳаст ва бо муоянаи асари бадеъ онҳо аз замири худи мухотаб (хонанда, бинанда, шунаванда) рӯ мезанад, ба ӯ вогузор шавад ва ин саҳм гирифтани хонанда дар кашфи асари ҳунарӣ лаззати маънавӣ ва эстетикӣ ва ҳамзамон эътимоди ӯро ба асари бадеъ дучандон мекунад. Тибқи мақоли машҳур дар зери наққошии себ набояд навишт, ки “Ин себ аст”. Албатта, “Саҳми хонанда дар шеър” ё “Саҳми мухотаб дар осори ҳунарӣ” худ як мавзӯи бисёр муфассал ва ҷолиби дигарест, ки ин ҷо маҷол надорад ва ба нигориши муфассали ин силсила вогузор мешавад, аммо лозим буд барои шарҳи зарурӣ дар ин фасл ёдоварӣ шавад. Ба ин нукта шоирони бузурги адабиёти мо ва адабиёти ҷаҳон борҳо ишора кардаанд. Масалан, Ҳофиз мефармояд:

Талқини дарси аҳли назар як ишорат аст,
Гуфтам киноятеву мукаррар намекунам.

Ин аҳли назар ба истилоҳ аҳли ирфон ва ба таври умум аҳли ибрат мебошанд.

Ё Мавлоно мефармояд:

Он чи мегӯям ба қадри фаҳми туст,

[119] https://ru.wikipedia.org/wiki/Милан Кондера/

Мурдам андар ҳасрати фаҳми дуруст.[120]

Ва ҷои дигар:

Маснавии мо чу Қуръони мудил,
Ҳодии баъзеву баъзеро музил.[121]

Яъне ин китоби “Маснавӣ” ҳам мисли Қуръон, агар дуруст фаҳмида нашавад, метавонад мардумро гумроҳ кунад. Ҷолиб аст, ки дар худи Қуръони маҷид ин сухан дар боби фаҳми тамсилҳое, ки дар ин китоби осмонӣ ҳаст, дар ояти 26-и сураи Бақара оварда мешавад ва Мавлоно ба он талмеҳ мезанад.[122] Ин сухан дар боби ашъори ғиноии Мавлоно нест, ки бо ишорот ва истиороту киноёт маҳдуд мешавад, балки дар боби асари бисёр муфассал, машрӯҳ ва возеҳу равшан аст, ки гоҳо худи Мавлоно аз дароз шудани сухан эҳсоси норизоӣ мекунад, вале, бо вуҷуди ин ҳама, дар ташвиш аст, ки суханаш нодуруст фаҳмида нашавад ё умуман маҷҳулу номафҳум намонад. Ҳаққонӣ будани ин эҳсоси ташвиш имрӯз дар хеле аз тафсирҳои нодуруст аз ашъори бузургони адабиётамон, аз ҷумла осори худи Мавлоно собит мегардад.

Ҳамзамон назарияи дигаре ҳам гоҳо матраҳ шуда, ки натиҷагирӣ аз як асари бадеӣ кори худи муаллиф нест, балки баъд аз иншои асар муаллиф қазоватро бар дигарон вогузор менамояд ва ҳар кас бар муроди хеш, завқу эҳсоси хеш, эътиқод ва ҷаҳонбинии хеш аз он баҳра мегирад ва онро таъбиру тафсир менамояд. Ин назария ду паҳлу дорад, ки аз як сӯ то ҷое қобили тааммул ва таҳаммул аст, аз сӯйи дигар комилан мардуд ва нодуруст. Он чи қобили тааммул аст, ин аст, ки асари ҳунарӣ падидаи иҷтимоист ва арзиши воқеию моҳияти аслии он аз навъ ва натиҷаи таъсири он дар тафаккур, зеҳн, завқ ва дарёфти хонанда ва мухотаб маълум мегардад. Аммо басо мешавад, ки ин натиҷа ва таъсир аз як асари бадеӣ

[120] http://ganjoor.net/moulavi/masnavi/daftar3/sh96/
[121] http://ganjoor.net/moulavi/masnavi/daftar1/sh1/
[122] Ниг.: Қуръони карим (Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ). – Душанбе: Ирфон, 2007, с.5.

бо мурод, ҳадаф ва хостаи муаллиф рост намеояд ва ҳамин ҷост, ки нақди ҳунарӣ ва адабӣ рисолати худро анҷом медиҳад, ҳам барои адиб ва ҳам хонанда ин натиҷа ва таъсири объективию бевоситаи асарро ошкор менамояд ва дар созгору мутаносиб кардани муҳтавои асар бо ҳадафи воқеии адиб, яъне такмили асар, ёрӣ мерасонад.

Аммо паҳлӯи дигари ин назария, ки метавонад нисбат ба натиҷаи иҷтимоии як асари бадеӣ адибро комилан бетараф, беҳадаф, бемурод ҷилва диҳад, аслан иштибоҳӣ ва ғайри қобили қабул аст. Дар ин сурат, ҳамон тавре ки дар боби "илҳом" гуфта шуд, нақши адиб дар эҷоди як асари бадеӣ ба ҳадди як мавҷгир (антенна) ва камтар аз он тасаввур мешавад, ки танҳо маҳалли гузори андешаҳо ва эҳсосот аст ва замири огоҳи худи ӯ ҳеч саҳме дар ин кор надорад. Ин назарияи комилан ғалат ва бо ҳазорон далел аз сӯи худи адибони бузург радшуда аст.

Афлотун ҳунари шоирии Ҳомерро ситоиш мекунад, ҳамчунин бахше аз осори ӯро омӯзанда медонад ва аз он дар тасдиқи афкори худаш масал мезанад, аммо баъзе аз офаридаҳои ӯро ба ҳақ нораво ва мардуд мешуморад, зеро барои эътиқоди солими ҷомеаи ормонии ӯ (ва ҳар ҷомеаи дигаре ҳам) харобиоваранд.[123] Аз эҳтимол дур аст, ки шахсияте чун Ҳомер ин навъ натиҷаро муроду ҳадафи худ қарор дода бошад. Агар чунин мебуд, бахши бештаре аз осораш ҷанбаи солими омӯзандагӣ намедошт. Ё худ нақди манзум ва ҷавобияи шоиронаи Маяковскийро ба шеъри С.Есенин, ки дар китоби ӯ "Как делать стихи?" батафсил таҳлил шудааст, ба ёд биёрем. Ин шеъри зиндагибезоронаи С. Есенини дар асл ошиқи ҳаёт ва зебоиҳои он, ки дар ҳоли навмедии комил ва шояд чанд дақиқае пеш аз марг навишта шудааст, бо чунин "ҳусни мақтаъ"-и қавӣ метавонист мавҷи худкушиҳоро, хусусан дар миёни шефтагони шеъри Есенин ба

[123] Ниг.: Афлотун. Ҷумҳур. – Душанбе: Маркази тарғиби адабиёт, 2011, с.60-67.

вуҷуд биёрад:

Ба дунё марг кори тозае нест,
Валекин зистан ҳам нест нодир.

Маяковский, бино ба иқрори худаш, бо шеъре қавитар осори манфии ин шеърро аз байн мебарад:

Ба дунё нест мурдан кори душвор,
Бувад душвортар умри сазовор.[124]

Ё вақте Ҳофиз мегӯяд:

Обу ҳавои Форс аҷаб сифлапарвар аст,
Ку ҳамраҳе, ки хайма аз ин хок барканам?

Барои хонандаи огоҳ маълум аст, ки ин эҳсоси лаҳзаинаест, ки Ҳофизро водошта бо накӯҳиши азизтарин пораи хок аз ҷаҳон барояш, яъне вилояти Форс, ки маркази он Шероз буд, андӯҳи худро аз фишори айём баён намояд, ки дар асл мавриди мазаммати ӯ на ин хок, балки афродест, ки неши ин таън ба онҳо мерасад ва дар даҳҳо абёти дигар мо шефтагӣ ва муҳаббати ӯро ба Форсу Шероз мебинем. Ҳамчунин, шоири башардӯст ва ватандӯсти дигари Шероз шайх Саъдӣ дар чунин тангное нидо кунад:

Саъдиё, ҳубби ватан гарчи ҳадисест шариф,
Натавон мурд ба сахтӣ, ки "ман ин ҷо зодам."[125]

Ҳамин Саъдӣ аст, ки пас аз ҷаҳонгардиҳо ба ватан бозмегардад ва дар васфи ватанаш мегӯяд:

Таваллои мардони ин покбум,
Барангехтам хотир аз Шому Рум.[126]

Қутбҳои равшани маънавие, ки дар осори ин бузургон ҳаст, мисли оёти равшан ҳамеша моро бар асли мақсуди онҳо ҳидоят менамояд ва аз муташобиҳот эмин месозад, аммо барои шоире, ки дар масири такомул аст, бояд ин масир мушаххастар ва маълумтар бошад, вагарна як-ду қитъа шеър бидуни фазои комили маънавие,

---

[124] В.В.Маяковский. Как делать стихи? – Сочинения в трех томах. Том второй. – М.: Художественная литература, 1978, с.498.
[125] http://ganjoor.net/saadi/divan/ghazals/sh371/
[126] http://ganjoor.net/saadi/boostan/niyayesh/sh3/

ки сохта шуда ва симои ӯро равшан кардааст, метавонад ҳар навъ, ҳатто комилан ба ғайри хостаи ӯ ва муроди ӯ таъбиру тафсир шавад. Табиист, ки мо ҳангоми иншои як шеър чизҳо ва лаҳзаҳоеро фурӯгузор мекунем, ба умеди он ки саҳми хонанда, мухотаб онро пур мекунад. Бисёр воқеъ мешавад, ки дар ин саҳм додан ба хонанда муболиға мешавад, ки барои ихтисори калом метавон ба ҳамон намунаи ғазали "постмудерн", ки дар гуфтори қаблӣ оварда шуд, муроҷиат шавад. Ин рафтор ба масал шабеҳи он аст, ки мо ба ҷое меравем ва барои дубора ҳамон маконро пайдо кардан дар дафтарчаи ёддошт аломатҳоеро сабт мекунем, ки дар ҳар масири дигар онҳо метавонанд такрор шаванд, аммо чун масири мушаххас барои мо маълум аст ва боқии аломатҳо дар ёди мо ҳаст, барои мо ҳамин аломатҳо барои дубора ба мақсад ва ҳадаф расидан кофист. Ин мисли тарҳи шеър аст, ки барои мо ҳама чизро мегӯяд, аммо барои хонанда кофӣ нест. Ҳадаф аз ин тарҳ мушаххас намешавад. Аз ин ҷост, ки баъзан вақте шеъри моро намефаҳманд, мо тааҷҷуб мекунем, ки охир ин ҷо маълум аст, ки ман чи мехоҳам бигӯям! Оре, барои мо маълум аст, чун боқии он дар замири мост, аммо барои дигаре чунин нест.

Бино ба иқрори бисёре аз адибони бузург дар мушаххас ва пазиро шудани шеър муштарак будани эҳсос чизи аз ҳама муҳимтар аст. Ҳар қадар ин эҳсоси муштарак нодиру ногуфта бошад, шеър ва ҳамэҳсосӣ бо шоир ҳамон андоза нодиру дилпазир мешавад. Масалан, вақте ки Ҳофиз мегӯяд:

Намози шоми ғарибон чу гиря оғозам,
Ба мӯяҳои ғарибона қисса пардозам.

Мо ҳолати равонии ҳамагиреро эҳсос мекунем, ки дар ҳангоми ғуруб ба инсон даст медиҳад. Ин ҳангомест, ки ҳамаро як эҳсоси танҳоӣ ва дилтангӣ фаро мегирад, хусусан агар инсон дар ғурбат бошад ва тамоми рӯз миёни ҳангомаи рӯзгор ёди манзил накунад ва шомгоҳ ба ёди манзил афтаду манзиле дилхоҳ надошта бошад. Аммо ин эҳсоси танҳоии Ҳофиз боз ҳам бузургтар аст, чун ин ғурбатро дар тамомии кайҳон эҳсос мекунад. Дар ҳар ду маҳдуда эҳсосе барои ҳамаи

инсонҳо ошност ва заминаи равоншинохтии ва эстетикии қавӣ ҳам дорад.

Дар ин шеъри Қайсари Аминпур эҳсоси муштараке комилан ба тозагӣ бозгӯ мешавад, ки дар замири ҳама ҳаст, аммо ба ин вузуҳу равшанӣ ҳанӯз бар баён наомада буд. Мисли як шеъри кашфношуда дар замирҳо ва эҳсосот буд, ки бо баёне дақиқ кашфу бозгӯ шуд ва ҳамаро шефта кард:

...Ҳарфҳои мо ҳанӯз нотамом,
То нигоҳ мекунӣ
Вақти рафтан аст.
Боз ҳам ҳамон ҳикояти ҳамешагӣ,
Пеш аз он, ки бохабар шавӣ,
Лаҳзаи азимати ту ногузир мешавад.
...Ой,
Эй дареғу ҳасрати ҳамешагӣ,
Ногаҳон
Чи қадр зуд
дер мешавад.

Дуруст аст, ки аз Хайём ёд дорем, ки “Дер омадаему зуд мебояд рафт” ва Қайсар ҳам ба ин хотир аст, ки ин эҳсосро “дареғу ҳасрати ҳамешагӣ” мегӯяд, аммо таркиби тоза дар баёни ин эҳсоси муштарак онро ба ҳадди кашфи шоиронаи тоза мерасонад.

Қуввати аслии шеъри мазкури Есенин низ дар он буд, ки шеър дар худ эҳсосоти манфии як гурӯҳи бузурги инсонҳоро таҷассум кардааст.

Навъи дигари кашфи шоирона дар заминаи дарки муштарак сурат мегирад. Масалан, замоне ки Саъдӣ қитъаи машҳури худро менависад:

Ёд дорам, ки вақти зодани ту
Ҳама хандон буданду ту гирён.
Ончунон зӣ, ки вақти рафтани ту
Ҳама гирён шаванду ту хандон,

комилан итминон дорад, ки гиряи тифл ҳангоми зода

шуданаш, ки зода шудан худ тулуи саодати инсон аст, бисёр пурмаъност ва зеҳни ҳамаро барои пазируфтани сад навъ таъбир омода месозад ва таъбири мутазоде, ки аз ин заминаи муштараки дарк месозад, ба ҳадди ниҳоят муассир воқеъ мегардад.

Бештари кашфи шеър дар айни мушоҳидаи воқеият ба вуҷуд меояд. Ин мушоҳида ҳар қадр муҷассам равшан ва дақиқ бошад, ба ҳамон андоза муассир воқеъ мегардад ва мутаносиб бо лаёқатҳои фикрӣ ва тахайюлии шоир заминаи густардаи маъниофариниҳои шоирона қарор мегирад. Бо ин ҳол як мушоҳидаи мустақиму бевосита низ метавонад кашфи шеър бошад. Ин навъ кашфи шеърро дар осори Бозор Собир хеле зиёд мушоҳида мекунем:

Баргҳоро бурда боде,
Мекунад бо бод тақсим.

Чи ҳад мушоҳидаи дақиқ ва баёни нодиру дар айни ҳол табиист аз як манзарае, ки мо ҳама дидаем ва дар замирамон ҳанӯз гунг будааст. Ин тасвир табиатро дар назари мо зинда ва инсонитар мекунад ва ҳамин паёми ҷамолшиносӣ (эстетикӣ) кофист, ки шеър рисолат анҷом дода бошад, зеро ҳамзамон эҳсосоти моро инсонитар месозад.

Табъан мо ба забону баён ва офаридаҳои табиат эътиқод ва ҳусни тавақҷуҳ дорем, аз он ки ба сохтаи табъу зеҳни худамон. Биноан, ҳар осори “ҳунаре”, ки дар табиат ҳаст, бештар аз ҳар офаридаи дасти инсон ба мо завқ мебахшад ва итминон медиҳад. Аз ин ҷост, ки мардум перомуни як санг, як дарахт ё чизи дигаре, ки шабоҳат ба инсон, ҷонвар ё чизи дигар дорад, худ тахайюлпардозӣ мекунанд ва ривоятҳо месозанд. Барои шоир, ки дорои диди шоирона ва тахайюли нерӯмандтар аст, дар “Аржанг”-и табиат он қадар муҷассамаҳо, нақшу нигорҳо, нуктаҳои борики ногуфта ҳаст, ки поён надорад ва шоир бар муроди худ метавонад аз ин китоби зинда ҳазорон шеъри зиндаву муҷассам кашф намояд. Таъбири машҳури “Ба ман мавзӯъ надиҳед, ба чашм бидиҳед”

дар ин маврид ҳам бисёр дархури ҳол аст. Масалан, аз мушоҳидаи ҳамин манзара, ки санавбари бузурге зери барф хам зада ва чанд шохааш ҳам шикаста, вале дар домани худ ниҳоли ҷавони санавбарро аз ин офат эмин доштааст, заминаи кашфу таъбири чандин шеър метавонад бошад, чунон ки ба равиши офтоб гаштани офтобпараст, зарби қатраҳои борон ба шиша, вопас нагаштани дарё, боло рафтану сарозер омадани фаввора ва ҳамин тавр то бениҳоят.

Дар ин фасл ба бобҳои “Гузиниш” ва “Фарз” метавонем ёд бикунем, ки дар кашфи шеър ва ба баён овардани он ёрӣ мерасонанд. Зимнан бояд гуфт, ки барои шоир рафтори инсонҳо низ ҷузъе аз табиати перомун аст, то он ҷо ки ин рафтор ба маҳзи ҳунарнамоӣ сурат нагирифта бошад. Масалан, дар достони “Сурӯши Сталинград”-и Муъмин Қаноат тамоми саҳнаҳо бар мабнои ин се асл сохта шудаанд ва ба ин восита шеърият ва маънавияти олии достон ба сурати бисёр муҷассаму боварбахш таъмин гардидааст. Аз ҷумла гузиниши саҳнаи пайвастани сими мухобироти майдони набард аз сӯи сарбоз Матвей Путилов бо даҳону бо қимати ҷон, ки кашфи шеър аз айни як воқеият аст ва нидои ҷони ӯ дар хати мухобирот, ки фарзи бисёр табиии шоирона аст:

...Гирифта нӯгҳои симро дар зери дандонаш,
Садояш дар гулу раҳбанд бо савганд,
Намуд ӯ торҳои кандаро бо тори ҷон пайванд.
Ва сарлашкар сухан мегуфт бо лабҳои сарди ӯ,
Сухан мегуфт бо гармӣ рафиқи ҳамнабарди ӯ.
Ватан бо гиряву ханда,
Аз ин лабҳои пайваста,
Аз ин армони нашкаста
Сухан мегуфт...[127]

Ин ҷо шеър аз мағзи воқеияте кашф шуда, ки он воқеият ва шеър айни якдигаранд.

[127] Муъмин Қаноат. Тоҷикистон исми ман. – Душанбе: ЭР-граф, 2013, с.116.

Баъзе аз муҳаққиқон корбурди муваффақи саноеъи лафзиро ҳам дар шумори “кашфи шеър” овардаанд, ки беасос нест.[128] Зеро забон ҳам ҷузъе аз табиату воқеият аст ва вақте ҳастаи шеър аз даруни худи забон бурун оварда мешавад, низ кашф аст. Масалан, вақте Ҷомӣ бо истифода аз санъати лафзии “қалб” (чаппа кардан) мегӯяд:

Сагмагасро агар кунӣ мақлуб,
Қалби он ғайри сагмагас нашавад

ва чун дар навишти форсӣ мо ин калимаро озмоиш мекунем ва мебинем, ки чи чаппа ва чи роста як хел хонда мешавад, бо эҳсоси шигифтӣ ин муроди Ҷомиро мепазирем ва дар дил мегӯем “дар ҳақиқат чунин аст!”. Ё вақте ин байти Лоиқ Шералиро мехонем:

Шоирӣ ғояти қудрат будаст,
Адабийёт абадийят будаст,

ин ҳамгунии пурмаънои калимаҳои “адабиёт” ва “абадийят” моро барои қабули ин нукта комилан мутмаин месозад.

Имкон ва роҳҳои кашфи шеър поён надорад. Асл ин аст, ки шеъре, ки кашф мешавад, дар навъе аз воқеияти ҷаҳони мо реша дошта бошад.

ҲУВИЯТИ АДАБӢ

Вақте дар хусуси адабиёт дар таъмин ва ҳифзи ҳувияти миллӣ сухан меравад, масъала танҳо вобаста ба ҷанбаи мавзӯӣ ё ҳудуди мавзӯъҳои мушаххаси ба ин масъала маҳдуд намебошад. Балки дар кулл ва ба сурати маҷмӯъ худи адабиёт, осори адабии асил дар нафси худ, бо ҳама бофту матоъи суварӣ ва маънавии худ воҳиди ҳувият аст.

Ҳамчунин ҳувият дар адабиёт арзиши танҳо иҷтимоӣ, маънавӣ ё сиёсӣ нест, балки арзиш ва унсури ҳунарӣ ва эстетикӣ низ

[128] Ниг.:http://tarannnom.blogfa.com/post/220/

мебошад. Ба таъбири дигар, ҳувият дар адабиёт шохиси ҳунарӣ ҳам ҳаст. Шохиси ҳунарии ҳувияти адабӣ фаротар ва ҷомеътар аз сабк, саноеъи адабӣ, навъҳо ва жанрҳои адабӣ ва ҳатто забони адабиёт мебошад. Аз ин ҷост, ки миллияти як адабиёт дар тарҷума ба забонҳои дигар низ ҳифз мешавад. Ҳар қадар ин ҳувият нерумандтар, ғанитар ва рангинтар бошад, дар сурати ҳифзи он дар тарҷума, бозгӯии он ба забонҳои дигар ва ҳатто гунаҳои дигари як забони муштарак асари бадеӣ дилпазиртар воқеъ мегардад, ба ҳамон мизон, ки таҷассуми бадеии воқеиятҳои мушаххас ва симоҳои мушаххас (на мавҳуму бесурат). Акси ин рафтор корест, ки дар зарбулмасалҳои “Зира ба Кирмон бурдан” ва “Тӯтӣ ба Ҳиндустон бурдан” хулоса мешавад.

Шуҳрати камназири осори Расул Ғамзатов, Чингиз Айтматов ва ё романҳои Америкаи Лотинӣ дар қарни бист дар ҳамин буд. Назми ҷаҳоншумули устод Мирзо Турсунзода низ аз ин вижагии ҳунарӣ ба хубӣ бархурдор мебошад. Ин вижагии назми устод Мирзо Турсунзода дар ин банди шеъри “Ватан” сурати барҷаста зоҳир гардидааст:

Ватан, дар ҳар куҷо омад ба сар форам ҳавои ту,
Ман аз он сӯи уқёнус бишнидам садои ту.
Агарчи дар миён туфону мавҷи баҳрҳо буданд,
Вале омад ба гӯши ман садои рӯдҳои ту.[129]

Хонанда бегумон дармёбад, ки дар ин қитъаи шеър агар уқёнус, намоди паҳнои ҷаҳон бошад, “рӯд” рамзи сарзамини мушаххас, маҳди ҳувияти шоир мебошад. Забон, лаҳн, сабк низ барои ин намод маҳди муносиб ҳастанд.

Вақте мо адабиёти тоҷик, шеъри тоҷик (ё тоҷикӣ) мегӯем, табъан ва ба таври табиӣ хонанда, чи тоҷик ва чи ғайритоҷик аз он ҷӯёи вижагиҳои тоҷикӣ ва унсурҳои тоҷикият мешавад. Ин ҳувияти тоҷикӣ аз ҷумла метавонад дар унсурҳои зерин таҷассум шавад:

Забони тоҷикӣ;
Лаҳни тоҷикӣ;
Фарҳанг, одоб ва русуми тоҷикӣ;
Шабакаи сувари хаёл (образҳо);

[129] Мирзо Турсунзода. Гулчини ашъор. Душанбе: Адиб. 2001, с.113.

Эътиқодот ва асотир;
Ормонҳои миллӣ;
Мушаххасаҳои ҷамъии ҷаҳонбинӣ;
Эстетика (ҷамолшиносии) миллӣ.

Ин ҷо масъалаи тасвиру таҷассуми мавзӯъҳои миллӣ дар шеър ҳам нест, балки фаротар аз ин аст. Дар шеърҳое, ки мустақиман ба васфи арзишҳои миллӣ ихтисос ёфтаанд, мавзӯъ бевосита равшан аст, аммо дар ин ҳол ҳам симои бо ҷузъиёти ҳунарӣ мушаххасшудаи ҳувияти адабӣ маълум бошад. Дар акси ҳол таъбири "исми бемусаммо" ба ин навъ ашъор рост меояд. Масалан, рози мувафаққияти шеъри Бозор Собир "Забони модарӣ" на дар танҳо дар он хулоса мешавад, ки шоир бо самимият ва рӯҳиёти ҳамосӣ васфи забони модариро ба ҷо овардааст, балки тору пуди ин шеър, тамоми ҷузъиёти он аз унсурҳои фарҳанг, ҳунар ва ҷаҳонбинии эстетикии миллӣ фароҳам шудааст:

Худ ба худ дар гӯшаи хоки диёр
Ӯ гиристу гиряҳо бар обшорон ёд дод,
Лафзи кӯҳистоние бар боду борон ёд дод.
Рӯдҳоро рӯдакидон кард ӯ,
Бодҳоро анварихон кард ӯ.

Шеъри комилан нав ва навоварона аст, аммо саршор аз вижагиҳо ва рӯҳиёти миллии тоҷикӣ. Ҳатто ҳолати баёншуда ва манзараҳои тасвиршуда моро ба ёди намунаҳои шеъри мардумӣ, фолклори тоҷикӣ меандозад.

Дар ашъори Лоиқ Шералӣ низ барҷастатарин вижагиро дар вуҷуди ҳамин унсурҳо мебинем. Навъи тафаккур, таъбирҳо, сабки баён, талмеҳот ва асотир... ҳамагӣ аз дурахши равшани миллии тоҷикӣ бархурдор ҳастанд. Ҳатто дар мавридҳое, ки мавсуф, ё "қаҳрамон"-и шеър шахсан мансуб ба қавмияти дигар аст:

Гарчи мониқалам Рафоэлло,
Хона нокарда, аз ҷаҳон бигзашт,
Аз арӯсаш надида оғӯше,
Бас ҷавон ӯ аз ин макон бигзашт...[130]

[130] Лоиқ Шералӣ. Куллиёт. – Душанбе: Адиб, 2008, с.98.

Ҳоло агар дар хусуси шинохти нокомӣ ва фоҷеа бо таъбирҳое чун “хона нокарда”, аз ҷаҳон гузаштан ва аз ин қабил, ки вижагии сабки баён ва ҷаҳонбинии тоҷикӣ доранд, чизе нагӯем, аз таъбири “мониқалам Рафаелло” наметавон сарфи назар кард, ки бо як гашти бисёр ҳунармандона дар тахтаи шатранҷи шеър – масал задан ба устураи Монии раббунавъи наққошон дар баробари наққоши номии итолиёӣ – Рафаелло на танҳо фазои шеърро, балки симои мавсуфро комилан тоҷикӣ мекунад ва ин ном дар охири мисраъ, дар он мақтаъи зарбу оҳанге қарор дорад, ки ҳам бисёр сареҳу равшан ҳам саҳҳеҳ, онгуна ки дар асл бояд, садо медиҳад.

Ғаффор Мирзо – шоире, ки барои нав кардани шеъри тоҷик қиём карда буд ва бино бар баъзе баёноташ чунин пиндоре ба вуҷуд омада, ки ӯ мухолиф бо вижагиҳои миллии шеър мебошад, дар асл баракси чунин пиндор дар матои шеъри худ зарофаткориҳое дорад, ки дар ҳама ҳол вижагии тоҷикии ин ашъор ба таври барҷаста ошкор мешавад. Масалан, ӯ шеъри тамсилие дорад бо номи “Аз саргузашти Анод” (1974), ки дар тавсифи ин унсури кимиёӣ, ки барои гудохтани филизот ба кор меравад, ба талмеҳи машҳури Мансури Ҳаллоҷ масал мезанад. Ин талмеҳ дар баробари як падидаи илмии муосир ҳар қадаре, ки ғариб бошад, ба ҳамон ҳад қимати бадеӣ касб мекунад:

– Ман Анодам! – Гуфт як рӯзе Анод,
Гӯӣ,
Чун Мансур “аналҳақ!” гуфт он.
Дам ба танбеҳи ғурури ӯ назад
Ҳеч кас аз гирди ӯ биншастагон.[131]

Дар ашъор ва достонҳои Муъмин Қаноат бо таваҷҷуҳ ба ҳамаи ин шохисҳо ҳувияти милии адабӣ ба таври барҷаста зуҳур намудааст. Ҳам аз лиҳози мавзӯӣ, ҳам лаҳну сабк, ҳам шабакаи сувари хаёлу асотир, ҳам вижагиҳои забону баён ва ҳам диди шоиронаву эстетикӣ.

Дар яке аз нахустин ашъоре, ки аз нигоҳи мавзӯӣ ҳам ба ин масъала мустақиман назар шудааст, яъне шеъри “Ба

[131] Ғаффор Мирзо. Ҳангомаи дидор. – Душанбе: Ирфон, 1984, с. 50.

ҳаводори забони тоҷикӣ” (1963), шоир ба баҳсу мушоҷара, вале бо лаҳни самимона ва бо зарофату зиракии хос қариб 55 сол пеш аз ин мавзӯъеро тарҳ ва комилан ҳал мекунад, ки баҳсҳои дар асл сиёсӣ рӯйи он то кунун ба ҳассосият ва пархош идома дорад:

Қанд ҷӯй, панд ҷӯй, эй ҷаноб,
Ҳар чи меҷӯй, биҷӯ.
Форсӣ гӯй, дарӣ гӯй варо,
Ҳар чи мегӯй, бигӯ.
Лафзи шеъру дилбарӣ гӯй варо,
Ҳар чи мегӯй, бигӯ.
Баҳри ман танҳо забони модарист,
Ҳамчу шири модар аст,
Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,
Чунки меҳри модар аст.
3-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам
Дӯст медорам варо,
Чун навозишҳои гарми модарам
Дӯст медорам варо.[132]

Ин шеъри ба зоҳир сода идомаи шоистаи мақолаҳои олимона ва доҳиёнаи устод Айнӣ дар бораи истилоҳоти “тоҷик” ва “забони тоҷикӣ” мебошад. Фалсафааш ин аст, ки “забони тоҷикӣ” ҳувияти бумӣ (сарзаминӣ) дорад. Мазҳари сарзамин (ватан модар) чун ҳамеша дар шеъри устод Муъмин Қаноат дар симои модар ва нисбати “модарӣ” падидор мегардад. Форсӣ ва то ҷое дарӣ ҳам истилоҳоти куллие ҳастанд, ки айни ҳамин забони дар кулл ягонаро ифода менамоянд, аммо фаротар аз ҳувияти нажодӣ мебошанд. Бисёре аз ононе, ки баҳсҳои ихтилофангези забонро барои мо матраҳ мекарданд (эй ҷаноб) ховаршиносон ва форсидононе буданд, ки агар ин забон барояшон забони кору тахассус ҳам буд, забони модариашон набуд, онро дар мактабу донишгоҳ ёд мегирифтанд ва ҳанӯз чунин аст ва аксаран маншаи ин ихтилофҳо эшон ҳастанд. Аз тарафи дигар, дар як марҳалаи ҳассоси таърихӣ зарурати ҳаётие пеш омад, ки номи забони модарии тоҷикҳо бо номи

[132] Муъмин Қаноат. Тоҷикистон исми ман. – Душанбе: ЭР-граф, 2013,

таъйинкунандаи ҳувияти нажодии бумӣ (тоҷик) яке бошад, (агарчи ин падида пеш аз шуруи ихтилофоти сиёсӣ сурат гирифта буд) то асари даъвои комилан ноҳақ ва беадолатонаи касоне, ки асолат ва бумӣ будани миллати тоҷик дар Мовароуннаҳрро инкор мекарданд, аз байн бурда шавад. Ин зарурат ҳанӯз боқист ва ҳанӯз ин шеър шиори рӯз аст.

Ҳувияти миллии адабии тоҷикӣ дар он қисм аз осори устод Муъмин Қаноат, ки махсус ба мавзӯъҳои дигар ва мавзеъҳои дигар (ғайр аз сарзамини худаш) ҳастанд, низ ба дурахши тамом зоҳир мегардад. Достони "Мавҷҳои Днепр" (1966) чунин оғоз мегардад:

Эй Днепро, модари поки Тарас,
Назди ту даҳрӯза меҳмон омадам.
Аз лаби дарёи Панҷи беқарор,
Аз Бадахшон, аз Бадахшон, омадам.[133]

Ва бо марсияи пурсӯз вале хушбинона (Мавҷҳои бародарӣ) дар сӯги бародараш Абдулло, ки дар он сарзамин (Украйина) шаҳид шудааст, хатм меёбад. Ин фасл бо вуҷуди навовариҳои шоиста, аз беҳтарин суннатҳои шеъри рисоии тоҷикӣ бархурдор аст.

Шоҳкори устод Муъмин Қаноат достони "Сурӯши Сталинград" саршор аз рӯҳиёт, андеша, эҳсосот, русуму одобу одот ва сувари хаёлу асотири миллӣ аст. Ин вижагӣ бевосита аз номи достон шурӯъ мегардад. Сурӯш, ба ҷуз маънои фариштаи паёмрасон маънои садои ғайбӣ ва осмониро низ дорад. Ҷанбаи олӣ ва фавқулода маънавии ин достон ба вуҷуди ин калима, ки беш аз ҳама дар ашъори малакутии Ҳофиз истифода шудааст, ҳақ медиҳад. Дар тарҷумаи русӣ қаринаи дақиқаш пайдо нашуда ва онро "Голоса Сталинграда" тарҷума кардаанд. Ҳамчунин, ҷо ҷо мушоҳида мешавад, ки жарфо ва зарофати бисёр миллии ин достон аз иҳотаи тасаллути тарҷумон хориҷ мемонад, бо вуҷуди он ки яке аз намунаҳои беҳтарини тарҷума аст.

Аз ҷумла дар "Сурӯши модарон дар хоки фарзандон" вақте модари рус дар оромгоҳи рамзии сарбозони гумном

[133] Ҳамон китоб, с.91.

нишони фарзанди худро ҷустуҷӯ мекунад, шоири тоҷик ба вай хитоб намуда мегӯяд:

Чаро ҳарфе намегӯӣ,
ба чашми хира меҷӯӣ,
Ва чун пироҳани Юсуф
дар ин ҷо сабза мебӯӣ?[134]

“Ба чашми хира пироҳани Юсуф бӯйидан” корбурди комилан тозаи шоирона аз як устураи машҳури адабиёти миллист, ки чизе беҳтар аз он дар ин лаҳза мақоми олии маънавии модарро ифода карда наметавонад. Шоир комилан тоҷикона ӯро тасаллӣ медиҳад:

Бигир аз дасти ман бо дасти ларзонат,
асоят ман,
Талабгори дуоят ман.

Достони “Ситораи Исмат” (1989), ки ҳамчунин аз мазмунҳои он ҷанги ҷаҳонӣ фароҳам омадааст, як ҳамосаи комилан миллӣ аст. Симои қаҳрамони он Исмат Шарифов бо равшантарин рангҳои фарҳанг ва русуму суннатҳои миллии тоҷикӣ ороста аст. Андешаи миллии мардумӣ зимни бозгӯии муколамаҳои ботинии ӯ падидор мегардад. Аз ҷумла вақте ки Исмат дар боғи София муҷассамаҳои асотири машҳури Юнониро мебинад ва аз ҳамяроқи худ Егоров маънидоди онҳоро мешунавад, аз дили худ андешаҳоеро мегузаронад, ки ифодаи фалсафаи мардумии тоҷикӣ аст:

Ҳамон Геракл бошад, раҳкушои ростон бошад,
Ки аз гаҳворагӣ ӯ паҳлавони достон бошад.
Ки ӯ бо аждаҳо ҷангид, то имрӯз меҷангад,
Муроди размӣ ӯ некӣ бувад, пирӯз меҷангад...
Даме одам ғуломи нафс гардад, аждаҳо гардад,
Бигардад аз ҳақу ҷӯёи ганҷи бебақо гадад...[135]

Саҳнаи бисёр шоиронаи дигар ин аст, ки Исмати тирхурда, сар рӯйи зонуи (муҷассамаи) Зуҳра ин устураи муштараки ориёиву юнонии исмат ба хоб меравад (беҳуш мегардад), ва ин хоби ӯ ба иштибоҳ марг таъбир мешавад. Ин ҷо

[134] Ҳамон китоб, с.127.
[135] Ҳамон китоб, с.147.

мо омезаи пурмаъное аз ҳамосаҳои адабӣ ва афсонаҳои тоҷикиро мушоҳида менамоем.

Дар оғози “Достони оташ” (1966) мехонем:

Вахш,
Рукнободи кӯҳистони ман,
Қиссаи ман, аввалу анҷоми ман.[136]

Яъне шоир барои сувари хаёли меҳварии достон худ аз ибтидо мақоми олии маънавӣ медиҳад, онро дар радифи образи барҷастаи муҳити дилбастагӣ ва тафохури Ҳофиз мегузорад, сипас ба шарҳи ин маъно мепардозад.

Умуман, дар ҳамаи ашъоре низ, ки шоир дар васф ва тасвири асотир, фазоҳо ва ифтихороти муштараки таърихӣ суруда, ҳамеша лавҳаҳое аз Тоҷикистон ва нишонаҳое аз фарҳанги хос тоҷикӣ ҷой дорад. Аз ҷумла дар силсилаи “Созҳои Шероз”. Дар шеъри зебои “Зоиндарӯд” аз ин силсила аз Зарафшон ва Бухоро ёд мекунад:

Хушкидаем ҳамчу Зарафшон ба роҳи хеш,
То даштҳои паст
Гаштанд гулпараст.
Шаҳрӯди поки мо, ки Бухорост мадфанаш,
Чун беасар шавад,
Дунёи зар шавад...[137]

Оғозу анҷоми шеъри достонмисоли “Тахти Ҷамшед” низ чунон аст, ки маълум мегардад шоир ҳамеша дар зеҳни худ ҳувияти мушахассе аз воқеияти муосирро ҳифз дорад, ки ӯро аз дунёи ормони ва маҷозӣ ба олами воқеъ бармегардонад.

Дар достони “Масъуднома” (2006) агарчи қаҳрамони достон як сардори тоҷик аст ва барои ҳамаи тоҷикҳо маҳбубияти хоссе дорад, хусусан пас аз саҳми барҷастаи ӯ дар таъмини сулҳу ваҳдати тоҷикон, то даме ки шоир дар хатти сужаи достон ӯро ба хоки Тоҷикистон иртиботи бевосита намедиҳад, достонро ба фарҷом намерасонад:

Ҷайҳун ба зери шаҳпару тайёра дар ҳаво,
Ҳангоми ин убур ҳаме ҷои ҷон шикаст.[138]

[136] Ҳамон китоб, с.63.
[137] Ҳамон ҷо, с.332.

Ин ишора ба он хабарест, ки Аҳмадшоҳи Масъудро баъди сӯиқасди маълум барои даво хостанд ба Тоҷикистон интиқол бидиҳанд, аммо дар роҳ ҷон дод. Ин хабар то куҷо воқеият дорад, мавзӯи дигарест, аммо барои шоир муҳим таъкид ба пайванди таърихии тоҷикон аст, ки яке аз мазҳарҳои барҷастаи он Ҷайҳун – дарёи Омӯ мебошад.

Хулоса, осори Мӯъмин Қаноат гӯё лавҳест, ки дар он шоир чун хотамкоре чирадаст, ҳар нақшеро бо чаккуш рӯйи матни фарҳанги миллӣ мазруб мекунад, то аз он ҷудо нагардад.

Хушбахтона, ин суннати хубу созанда дар осори номитарин шоирони муосири мо, хусусан аз даҳаи 60 ба баъд идомаи босубот ва афзояндаи худро пайдо намуд ва мо бо итминон ва ҳаққи комил онро адабиёти тоҷик ва шеъри тоҷикӣ меномем. Шеъре, ки бо ҳамин вижагии худ барои ҳамзабонони мо ва дигарон низ симои ошно дорад.

Ҳувияти миллии адабӣ барои ҳамаи халқҳо аҳаммияти дараҷаи аввал дорад. Аммо барои тоҷикҳо боз бештар. Зеро дар таъйини ҷаҳонбинӣ ва истиқлоли андешаи тоҷикон адабиёт беш аз ҳар бахши дигари фарҳанг саҳм дорад. Ҳувияти миллии адабии тоҷикон муҳимтарин унсури истиқлоли миллист.

[138] Ҳамон ҷо, с.250.

ХУЛОСА

Хеле аз андешаҳое, ки дар ин рисолаи мухтасар баён шудаанд, он гуна, ки дар матни ҳар бахше таъкид гардидааст, бо назарҳои маъмул ва роиҷ ҷое камтару ҷое бештар тафовут дорад ва як кӯшишест барои пайдо кардани назари нисбатан воқеӣ ва орӣ аз суитафоҳумҳо дар бораи моҳияти шеър. Бино бар ин, лозим дониста шуд, дар поён бори дигар ба таври муҷаз ва мухтасар ба натиҷаҳое, ки аз ин мулоҳизот ба даст омада, таъкид гардад ва ҳамчунин моҳияти ин натиҷагириҳо бори дигар мухтасар тавзеҳ шавад, то ин гуфтаҳо боз ҳам боиси суитафоҳумҳои дигаре нагардад.

Нақши илҳом дар эҷоди шеър ва умуман ҳар навъ асари ҳунарӣ барҷаста ва ғайри қобили инкор аст. Аммо барои он ки илҳом (маҷмӯаи эҳсосоти қалбӣ ва равонӣ) самари муносибе бидиҳад, бояд соҳиби илҳом дорои захираҳои лозими маънавӣ ва донишу огоҳӣ бошад. Ин донишу огоҳиҳо хеле гуногун аст, ки аз як тараф умуман ҳама навъи иттилоъро фаро мегирад, аз тарафи дигар он чиро ки ба захоири вожагонӣ (забон) ва ҳунари корбурди онҳо (саноеъи адабӣ) марбут мешавад. Дар акси ҳол самари илҳом ангора, гунг ва ноқис боқӣ мемонад. Илҳом ҳолати хоссу вижаи маънавӣ ва равониест, ки барои сурати матлуби ҳунарӣ ва арзиши бештари маънавӣ пайдо кардани доштаҳои маънавии эҷодкор мусоидат менамояд.

Ба ғайр аз ин, дониш, илм, маърифат мафҳумҳои тиҳӣ аз хосияти ҳиссӣ ва маънавӣ нестанд. Ба иборати дигар дарку дарёфти илмӣ ва огоҳиҳои донишафзой ҳар қадар тозаву ғанӣ бошанд, ҳамон қадар маънавӣ ва эҳсосбарангез ҳастанд ва гоҳо дарки нуктаҳои илмӣ эҳсосотеро ба вуҷуд меорад, ки камтар аз натиҷаи таъсири шеъри олӣ нест. Дар қолаби ҳунарӣ баён кардани ин навъ донишҳо шеъри олиро ба бор меорад.

Дар шеър низ аз шеваҳои истидлол (далеловарӣ) ва мантиқи илмӣ кор мегиранд, аммо ин шева дар шеър танҳо аз

ҷиҳати фаннӣ ва зоҳирӣ бо андешаронии илмӣ шабоҳат дорад ва дар асл бар пояи таъсири ҳиссӣ аст. Чунин шабоҳати баёни шеърӣ бо баёни илмӣ хусусан дар сабки ҳиндӣ зиёд ба назар мерасад:

Шуд нафас аз кору аммо уқдаи дил во нашуд,
Ин калид аз печу тоби қуфли мо дандона рехт.[139]

Дар ин байт Бедил ҳукмеро меорад, ки во нашудани уқдаи (гиреҳи) дил аст ва ба шеваи зоҳиран илмӣ барои собит сохтани ин ҳукми худ далел меорад, ки далелаш "рехтани дандонаи калид аз печу тоби қуфл" аст. Тарҳ ва сохтори баёни андеша илмист, аммо худи ин далел дар сиришт ва моҳияти худ шеърӣ ва ҳиссӣ иборат аз маҷозу истиораву ташбеҳ мебошад. Ҳамин саноеъ дар таркиби сохтори илмии андеша бо таъсири завқӣ моро итминон мебахшад, то андешаи шоирро бипазирем. Вақте доманаи чунин далеловариҳо ва андешароиҳо ба фарз ҳам мерасад, имконоти баёни зоҳиран олимона ва аслан шоирона ба маротиб бештар мегардад. Онгуна ки дар бахшҳои аслии ин мухтасар гуфта шуд, гоҳо далели илмӣ ва шеърию завқӣ яке мешавад. Яъне айни як ҳукм ё далели воқеан илмву ақлӣ дар айни ҳол далели шеърию завқӣ мешавад, чун нодиру ҳаяҷонангез аст:

Фурутанист нишони расидагӣ ба камол,
Ки чун савор ба манзил расад, пиёда шавад.[140]

Соиб

Бо ин ҳама дарҳамтанидагӣ ва қаробати андешаи илмӣ ва адабӣ бояд итминон дошт, ки баён ва хосияти сухани илмӣ, далели илмӣ бо сухан ва далели адабию ҳунарию завқӣ фарқ мекунад ва якеро ба ҷои дигаре нишондан раво нест.

Ин ёдоварӣ ба хотири он аст, ки баъзан дар баҳсҳои сирф илмию иттилоъӣ ба мисолҳои шеърӣ истинод мекунанд ва маъмулан чунин баҳсҳо фарҷоми дурусте намеёбад. Албатта, агар моҳияти аслӣ ва мантиқи бадеии шеър дар ин

[139] https://ganjoor.net/bidel/ghazalbi/sh413/
[140] http://ganjoor.net/saeb/divan-saeb/ghazalkasa/sh3978/

маврид дуруст шинохта шавад, метавон аз он истифодаи ахборӣ ва илмӣ кард, вале маъмулан ҳақиқати муроди шоирро аз зоҳири шеър мечӯянд ва дар чунин мавридҳост, ки ҳатто на асли хостаи шоир, балки акси онро чун мурод ва назари ӯ мепазиранд. Масалан, ҳамин байти машҳур, ки ба Бедил нисбаташ медиҳанд:

Таматтуъ орзу дорӣ зи чарх, аз ростӣ бигзар,
Ки бе ангушти кач аз кӯза рӯган барнамеояд.[141]

Бо шинохте, ки аз Бедили вораста ва бениёз дорем, бароямон равшан аст, ки чун садҳо мавриди дигар дар ин байт низ Бедил аз танаъъум, тамаъу ниёзмандӣ, дунёпарастӣ ва ин қабил хислатҳои накӯҳида ибрози норизоӣ ва безорӣ кардааст, зеро дар баҳои он аз ростӣ, ки асли ормону орзу ва хостаи Бедил ва бедилгунаҳо ҳаст, бояд даст кашид. Аммо Бедил бо он ки мегӯяд ин равиши кач дар табиати чарх (олам) аст, бо ин киноя талх бо чарх ба набард бармехезад ва ҳаргиз ҳозир нест, ки таслими хостаи качи он шавад. Вақте ки ин байтро баръакс барои ҳақ баровардани рафтори нодуруст ва тамаъҷӯёнаи худ мисол меоранд, маълум мегардад, ки барғалат миёни сухани содаи ахборӣ ва сухани шоирона ҳеч тафовуте нашинохтаанд ва аз ин сухан баҳрагирии ғалате шудааст.

Ҳамчунин вақте ҳаким Умари Хайём бо киноя бисёр нешдор хитоб мекунад:

Чун нест дар ин замона суде зи хирад,
Ҷуз бехирад аз замона барменахурад,
Пеш ор аз он к-ӯ хирадамро бубарад,
Бошад, ки замона сӯйи ман беҳ нигарад.[142]

манзураш, албатта ин нест, ки ин ҳакими хирадварз аз пурбаҳотарин гавҳари ҳастӣ, ки ҳамеша посдори он будааст,

[141] http://www.nosokhan.com/Library/Topic/06F0

[142] http://www.parsi.wiki/fa/wiki/topicdetail/9283a9c88e014597992cb60ab8bfc2f9

яъне аз хирад изҳори безориву танаффур карда бошад ва дар пайи чизе бошад, ки ин хирадро аз ӯ зоил кунад (масалан, май), ба хотири он ки замона (оне, ки худ мазамматаш мекунад ва бехирадпарвараш мехонад) бо ӯ дӯсту ошно шавад, балки комилан баръакс, ба ин восита тири киноя сӯзонро ба сӯи он меандозад.

Чунин мисолҳоро фаровон метавон овард, ки ба мо меомӯзанд, то баёни хоссу вижаи ҳунарӣ ва шеъриро бо баёни ахборӣ ва иттилоотию илмӣ фарқ бикунем. Албатта, матни куллии адабиёт ин дастурро барои мо медиҳад, аммо шахсияти шинохта ва ҷаҳонбинии мушаххасу собити соҳибони чунин осор ҳам мифтоҳи аслие барои кушодани қуфли рози ин гуна суханон аст. Пас ҳувият ва шахсияти дорои ҷаҳонбинӣ ва мавқеъи равшани инсонию иҷтимоии шоир дар ташаккули чеҳраи адабӣ, ҷаҳони маънавӣ ва таъбири офаридаҳои табъи ӯ унсури аслӣ мебошад. Бо шинохте, ки мо аз бузургоне чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Мавлоно, Хайём, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷомӣ, Бедил ва дигар шахсиятҳои барҷастаи адабӣ дорем, ҳаргиз ҳозир намешавем аз гуфтори онҳо чизеро мухолиф бо арзишҳои аслии маънавию инсонӣ ҷустуҷӯ бикунем ва бипазирем.

Гузашта аз ин, арзишҳои ҷовидонаи инсонӣ ва маънавӣ чизе нестанд, ки азамат ва бузургии фарде аз башар битавонад онҳоро тағйир бидиҳад, инкор ё дигаргун созад. Ба иборати дигар, ҳикмати “Бани Одам аъзои якдигаранд” танҳо ба ин хотир арзишманд нест, ки онро шахсияте чун Саъдӣ гуфтааст, балки бузургвории Саъдӣ дар он аст, ки ба фаҳми воқеии ин ҳикмат расидааст, онро сурудааст ва бо он зистааст.

Дар ташаккули шахсияти маънавӣ ва адабӣ омилҳои зиёде таъсиргузоранд, ки аз ин миён шояд боз ҳам муҳимтарини онҳо дониш ва огоҳиҳои саҳеҳ бошад.

Адабиёт, бо таваҷҷӯҳ ба бузургтарин дастовардҳои он – осори ҷаҳоншумули адибони ҳар халқу миллате, ҷанбаи умумибашарӣ дорад. Аз ин ҷост, ки мо ба бузургони шеъру

адаби халқҳои дигар ва осори барҷастаи онҳо арҷу эҳтиром мегузорем. Ҳар миллате беш аз ҳама ба воситаи адабиёти худ дар ғанӣ кардани фарҳанги башарӣ саҳм мегузорад. Аз ин назар муваффақияти шеъру адаби мо дар олам камназир аст. Номҳои дурахшони Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Низомӣ, Мавлоно, Ҳофиз, Саъдӣ, Бедил, Айнӣ, Турсунзода ва даҳҳо доҳиёни дигари адабиёти ҷаҳоншумули тоҷик барои мардуми дунё чун номҳои фарзандони баландноми халқҳои худашон ошнову маҳбуб аст. Аммо, баръакси он ки гоҳо кӯшишҳое барои чунин суитаъбирҳо мешавад, рози муваффаққияти ин бузургон на дар он аст, ки аз арзишҳо, ойинҳо, боварҳо ва дигар андӯхтаҳои маънавии халқи худ канор рафта, бо баҳраҷӯйӣ аз муҳиту фазоҳои дигари фарҳангӣ осори худро ба вуҷуд овардаанд, балки воқеият комилан баракси чунин пиндор аст. Ин адибони бузург бо истеъдоди дурахшон ва дониши фаровон тавонистаанд, ҷанбаҳои умумибашарии андӯхтаҳои фарҳанг ва эътиқодоти миллии худро дар он сатҳи маънавӣ ва ҳунарие арза намоянд, ки барои ҳама авлоди башар пазирову хостанӣ гардад. Барои анҷоми ин амри хайр захираҳои хазонаи фарҳанги миллии ин бузургон ҳаргиз камӣ накардааст.

Гузашта аз ин, яке аз розҳои истиқболи фарогир аз осори ин бузургони адаб, вуҷуди чеҳраи ороста ва мушаххаси миллии ин осор будааст, ки он дар эстетикаи адабӣ, саноеъ, жанру қолабҳои адабӣ, анъана, сабки баёну забони мумтоз ормонҳо ва... таҷассум ёфтааст. Ба таври мухтасар ҳама чизе, ки метавон онро дар таъбири “ҳувияти адабӣ” хулоса намуд.

Ҳувияти адабӣ – симои мушаххаси адабӣ барои ҳар адабиёте ҳамон андоза муҳим аст, ки барои ҳар миллате симои мушаххаси миллӣ зарур мебошад.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ Садриддин. Куллиёт, ҷилди 8.—Душанбе: Ирфон, 1981. – 522 с.
2. Айнӣ Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе, 2010. – 420 с.
3. Акбаров Ю. Шеъри нав. – Қисмати шеър ва қисмати инсон.- Душанбе: Дониш, 1980. – С. 140-187.
4. Алиасҷари Бувандии Шаҳриёрӣ. Сайри таҳаввули шеъри нав дар адабиёти тоҷикӣ: Рисолаи номзадии илмҳои филологӣ.Теҳрон – Душанбе, 2002. – 164 с.
5. Аминпур Қайсар. Як дарича осмон. –Душанбе: Шуҷоиён, 2010. –214 с.
6. Анварии Абевардӣ. Ғазалиёт. –Душанбе: Маорифвафарҳанг, 2011, 160 с.
7. Арасту. Поэтика . –Душанбе: Бухоро, 2016. –120 с.
8. Асозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672с.
9. Асрорӣ В. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1983.
10. Атахонов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе, Ирфон 2002.
11. Афлотун. Ҷумҳур. – Душанбе: Маркази тарғиби адабиёт, 2011. – 296 с.
12. Бароҳанӣ Ризо. Тило дар мис. – Теҳрон: Нигоҳ, 1376. – 114 с.
13. Баҳор Маликушшуаро. Сабкшиносӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. –570 с.
14. Бедил Абдулқодир. Осор дар 8 ҷилд. – Ҷ.1. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.
15. Брик О.М. Ритм и синтаксис // Новый Леф. – 1927. № 3-6. С. 67-74.
16. Буало Н. Поэтическое искусство. – М.: Наука, 1978. – 101 с.

17. Бураго С.Б. Музыка поэтической речи. – Киев, 1986. – 179 с.
18. Бюхер Карл. Работа и ритм.—М.: Новая Москва, 1923. – 328 с.
19. Вафоӣ Аббосалӣ. Сафар дар оина. – Теҳрон: Сухан, 1387. –472 с.
20. Ваҳҳоб Рустам. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 200 с.
21. Ваҳҳоб Рустам. Адабиёт ва фарҳанги миллӣ. – Душанбе: Адиб, 2011. –224 с.
22. Ваҳҳоб Рустам. Бӯйи Ҷуйи Мулиён. – Теҳрон: Анҷумани шоирони Эрон, 1393. –399 с.
23. Ваҳҳоб Рустам. Салом (Маҷм. шеър). – Душанбе: Адиб, 216. – 250 с.
24. Всеволодова Н. Е.. Мелодика стиха. (На материале русской лирической поэзии): Автореф. дис. канд. фил. наук. Л., 1974. – 22 с.
25. Гаспаров М.Л. Очерк истории русского стиха: метрика, ритмика, рифма, строфика. – М., 1984. – 319 с.
26. Гаспаров М.Л. Современный русский стих. – М.: Наука, 1974. – 487 с.
27. Гаспаров М.Л. Эволюция русской рифмы. – Проблемы теории
28. Гинзбург. Л. О лирике. – М. – Л.: Советский писатель, 1964. – 382.
29. Гёте Волфганг Иоҳанн . Девони Ғарбӣ-Шарқӣ. – Душанбе: Адиб, 2011. –384 с.
30. Гончаров Б.П. Звуковая организация стиха и проблемы рифмы. – М.: Наука, 1973. – 275 с.
31. Гулрухсор. Девони ашъор. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 954 с.
32. Давронов С. Вазни ашъори Абулқосим Лоҳутӣ. – Душанбе: Дониш, 1974. – 163 с.
33. Дориюш П. Намунаҳои шеъри нав. – Теҳрон: Сухан,

1376. – 268 с.

34. Зеҳнӣ Тӯрақул. Санъати сухан. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 302 с.

35. Ибни Рушд. Китоби шеър. – Фанни шеър. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 85 – 123.

36. Ибни Сино. Дар бораи саноати шеърӣ. – Фанни шеър – Душанбе: Ирфон, 1985. – 22 – 84.

37. Иқбол Муҳаммад. Куллиёти ашъори форсии Мавлоно (Иқбол). - Теҳрон: Интишороти Саноӣ, 1373 ҳ. ш. – 508 с.

38. Иқбол Ҷовид. Зиндарӯд. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 532 с.

39. Заринкӯб Абдулҳусайн. Тасаввуфи эронӣ дар манзари таърихии он. –Теҳрон: Интишороти Сухан, 1390. –200 с.

40. Калачева С. В.. Эволюция русского стиха. Рисолаи доктории илмҳои филологӣ. – М.: МГУ, 1986. – 262 с.

41. Коваленков А.А. Степень точности. Заметки о стихе. – М.: Сов. писатель, 1972. – 143 с.

42. Комёр Тақии Ваҳидиён. Фунун ва саноеъи адабӣ. – Душанбе: АИТ, 1993. – 52 с.

43. Кӯчаров А. Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1994. – 140 с.

44. Қаноат Муъмин. Вазъияти назми имрӯзаи тоҷик // Садои Шарқ. – 1971. N7. С 83 – 96.

45. Қаноат Муъмин. Тоҷикистон исми ман. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 440 с.

46. Қосим Низом. Аз ассалом то вассалом. – Душанбе: Истеъдод, 2014. –864 с.

47. Қосим Низом. Меҳру сеҳри шеър. – Душанбе: Маориф, 2016. – 336 с.

48. Лангрӯдӣ Шамс.Таърихи таҳлилии шеъри нав. (Дар 4 ҷилд), ҷилди 1 – Теҳрон: Нашри Марказ, 1332 – 1284 ҳ. ш. – 438 с.

49. Лихачев Д.С. . Поэтика древнерусской литературы. – Москва: Наука, 1979. –358 с.

50. Лоҳутӣ А. Куллиёт. – Ҷ.1.- Душанбе: Дониш, 1987. – 370 с.

51. Лоҳутӣ Абулқосим. Мунтахаби ашъор. –Душанбе: Ирфон, 1978. –320 с.

52. Лоҳутӣ Абулқосим. Шеърҳо ва достонҳо. Иборат аз ду китоб. Китоби 2. – Душанбе: Адиб, 1987. –448 с.

53. Луначарский А.В. Вл. Маяковский – новатор // Статьи о литературе – М.: Художественная литература, 1957. – С. 312 – 398.

54. Мавлоно Ҷалолиддини Муҳаммад. Куллиёти Девони Шамс (дар 2 ҷилд). – Теҳрон: Навбаҳор, с. 2375 шамсӣ. – 1481 с.

55. Маяковский В.В. Как делать стихи. – М.: Советский писатель, 1952. – 40 с.

56. Маҳмадаминов А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ. – Душанбе: Сино, 1997. – 212 с.

57. Мирзо Ғаффор. Маҷмӯаи ашъор. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 295 с.

58. Миршакар Мирсаид. Асарҳои мунтахаб. – Душанбе: Ирфон, 1982. –496 с.

59. Мусулмониён Р. Адабиёти нави тоҷикӣ // Кайҳони фарҳангӣ. №9, 1371 ҳ.ш. – 25 – 27 с.

60. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.

61. Мусулмониён Р. Суханварони имрӯзи тоҷик: Муъмин Қаноат // Ҷаҳони китоб. № 35/36, 1372 ҳ.ш. – 3 – 16 с.

62. Мусулмониён Р. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 367 с.

63. Мусулмониён Р. Шеър дар сарчашмаҳои назарӣ. – Теҳрон: Ҳавзаи ҳунарӣ, 1377 ҳ.ш. – 350 с.

64. Мусулмонқулов Р. Асрори сухан. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 151 с.

65. Наршахӣ Абӯбакр. Таърихи Бухоро. – Душанбе: Пайванд, 2012. –736 с.

66. Нимо Юшиҷ. Баргузидаи шеърҳо. – Теҳрон: Нигоҳ, 1376 ҳ.ш. – 304 с.

67. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 192 с.

68. Нодирпур Нодир. Кӯҳна ва нав // Садои Шарқ. – 1968. N 2. – С. 138 – 145.

69. Нодирпур Нодир. Шеъри нав . – Шеъри ангур. – Теҳрон: Сухан, 1958. – С. 3 – 42.

70. Османов Н. И. Синтаксическая структура бейта.(На примере «Дивана» Хафиза). // Проблемы восточного стихосложения. – М.: Наука, 1973. – с. 74 – 96.

71. Панов М.В. Ритм и метр в русской поэзии // Поэтика и стилистика. – М.: Наука, 1991. - С. 3-23.

72. Паустовский Константин. Бунин (портрет). – Садбарги зарин. – Душанбе: Ирфон, 1983. – с. 174 – 198.

73. Петров Д.П. Поэзия и наука: Заметки и размышления. – М.: Знание, 1974. – 64 с.

74. Риёҳӣ Муҳаммадамин. Фирдавсӣ. –Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 338с.

75. Рӯдакӣ. Девони Рӯдакии Самарқандӣ. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Нигоҳ, 1376. –216с.

76. Рӯдакӣ. Девони Рӯдакӣ. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 334 с.

77. Садри Зиё. Тазкори ашъор. – Теҳрон: Сурӯш, 1380 =2001. – 364 с.

78. Сайфуллоев А. Аркони сухан. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 272 с.

79. Самойлов Д.С. Книга о русской рифме. – М.: Худ. лит., 1973. – 278 с.

80. Сатторов А. Нуқтаи пайванд. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с

81. Сатторов А. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Адиб, 2001. – 139 с.

82. Сатторзода Абдунабӣ. Такмилаи бадеъи форсии

тоҷикӣ. – Душанбе: Адиб, 2011. –380с.

83. Сафронова Е.Г Акустическая основа стихотворного ритма // Проблемы теории стиха. – Л.: Наука, 1984. – С.110-117.

84. Саъдии Шерозӣ. Мунтахаби ғазалиёт.—Душанбе: Ирфон, 1977.– 448 с.

85. Сипеҳрӣ Суҳроб. Ҳашт китоб. Теҳрон: Гулшан, 1383 ҳ. ш. – 457.

86. Сирус Б. Арӯзи тоҷикӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 287 с.

87. Сирус Б. Оид ба шеъри нав // Садои Шарқ. – 1965. N8. – С. 108 – 125.

88. Сквозников В.Д.. Реализм и лирическая поэзия. – М.: Наука, 1975. – 368 с.

89. Смоленский Яков. В союзе звуков, чувств и дум. – Москва: Советская Россия, 1976. –324 с.

90. Собир Бозор. Бо чамидан, бо чашидан...- Душанбе, Адиб, 1987.–208 с.

91. Собир Бозор. Гули хор. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 162 с.

92. Собир Бозор. Мижгони шаб. - Душанбе: Ирфон, 1980. – 176 с.

93. Солиев М. Арӯз ва омӯзиши он. – Душанбе: Илм ва адаб, 2005. – 110 с.

94. Сулаймонӣ П. Куллиёт. – Душанбе: Адиб, 2006. – 274 с.

95. Суратгар Лутфалӣ. Суннати адабӣ ва шеъри муосир// Садои Шарқ. – 1968. N2. – С. 113 – 126.

96. Табаров С. Пайрав Сулаймонӣ. – Душанбе, 1962. – 395 с.

97. Табаров С. Ҳаёт адабиёт ва реализм. – Душанбе: Ирфон, 1966. – С. 286 – 294.

98. Тоиров У. Таҳқиқ ва таълими арӯз. – Душанбе, 1995. – 196 с.

99. Тоиров У. Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам. – Душанбе: Маориф, 1991. – 559 с.
100. Тоиров У. Фарҳанги истилоҳоти қофия. – Душанбе: Маориф, 1997. – 196 с.
101. Тоиров У. Қомуси қофия ва арӯзи шеъри Аҷам. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 512 с.
102. Тоиров Урватулло. Меъёр ва андозаҳои шеър. – Душанбе: Адиб, 2013. –240 с.
103. Томашевский В.В. Стих и язык. – М. – Л.: Гослитиздат. – 1959 - 420 с.
104. Турсунзода Мирзо. Куллиёт ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 1971. –325 с.
105. Турсунзода Мирзо. Куллиёт ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон, 1971. –335 с.
106. Тӯсӣ Насириддин. Дар ҳадди шеър ва таҳқиқи он. – Фанни шеър. – Душанбе: Ирфон, 1985. С. 134 – 158.
107. Тӯсӣ Насириддин. Меъёр-ул-ашъор. – Душанбе: Ориёно, 1992. –152 с.
108. Файзулло Ҳабибулло. Куллиёт. – Душанбе: Ирфон, 1995. – 512 с.
109. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. (Дар 9 ҷилд). – Ҷ.1. – Душанбе: Адиб, 1987. – 450 с.
110. Фрейденберг О.М. Поэтика сюжета и жанра. М.: 1997. – 448 с.
111. Фролов Д.В. Классический арабский стих. История и теория аруза. – М: Наука, 1991. – 348 с.
112. Фурӯзонфар Бадеъуззамон. Сухан ва суханварон. – Теҳрон: Интишороти Хоразмӣ, 1369 ҳ.ш. – 808 с.
113. Хонларӣ Парвиз Нотил. Вазни шеъри форсӣ. Теҳрон: Интишороти Донишгоҳ, 1337 ҳ. ш. – 303 с.
114. Хонларӣ Парвиз Нотил. Таҳқиқи интиқодӣ дар арӯзи форсӣ. – Теҳрон: интишороти Донишгоҳ, 1948. – 287 с.
115. Ҳакимов А. Дар қаламрави сухан. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.

116. Ҳакимов А. Шеър ва замон. – Душанбе: Ирфон,1978. – 252 с.
117. Ҳиравӣ Моил. Вазнҳои арӯз дар шеъри муосир // Садои Шарқ. – 1968. №2. – 100 – 112.
118. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. – Душанбе: Ирфон,1983.- 672 с.
119. Ҳумоӣ Ҷалолиддин. Фунуни балоғат ва санооти адабӣ. – Теҳрон: Ҳумо, 1368 ҳ.ш., 422с.
120. Ҳусейнзода Ш. Гуфтор аз ганҷи сухан. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.
121. Ҳусейнзода Ш. Ҳабдаҳ мақола. – Душанбе: Ҳумо, 2007. – 347 с.
122. Ҷомӣ Абдураҳмон. Баҳористон. – Душанбе: Адиб, 2014. –208 с.
123. Шамисо Сирус. Ошноӣ бо арӯз ва қофия. – Теҳрон: Конуни интишорот, 1378 ҳ. ш. – 126 с.
124. Шамисо Сирус. Фарҳанги арӯз. – Теҳрон: сухан, 1375. – 230 с.
125. Шакурӣ М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 455 с.
126. Шарифов Х. Шоир ва шеър (Маҷм. мақ.) – Душанбе: Адиб, 1998, 218с.
127. Шарифов Х. Савти Аҷам. – Душанбе: Хазинаи адабиёти Тоҷикистон, 2002. – 208 с.
128. Шарифов Х. Ҷавҳари завқу мароми шоир. – Услуб ва камолоти сухан. – Душанбе: Ирфон, 1985. – С. 157 - 168.
129. Шарифзода Худоӣ. Сездаҳ мақола. – Душанбе: Офсет Империя, 2013. –272 с.
130. Шарифзода Худоӣ. Шоҳнома ва шеъри замони Фирдавсӣ. – Душанбе: 2014. – 400с.
131. Шафеъии Кадканӣ. Шоири оинаҳо (Баррасии сабки ҳиндӣ ва шеъри Бедил). – Теҳрон: Форус Эрон, 1368 ҳ. ш. – 338 с.
132. Шафеъии Кадканӣ. Мусиқии шеър. – Теҳрон: Огоҳ,

1395 ҳ.ш. – 680 с.

133. Шералӣ Лоиқ. Куллиёт, ҷ.1. – Душанбе: Адиб, 2008. – 560 с.

134. Шеърдӯст Алиасғар. Чашмандози шеъри муосири Тоҷикистон. – Теҳрон: Алҳудо, 1376 ҳ. ш. – 328 с.

135. Юсуфӣ Ҳ. Сатрҳои нотамом. – К.1. – Душанбе: Адиб, 1987. – 334 с.

136. Якобсон Р. Лингвистика и поэтика. – Структурализм: “за” и “против”. М.: Прогресс, 1975. – С. 193 - 230.

137. Якобсон Р. Работы по поэтике: Переводы / сост. и общ. Ред. М.Л.Гаспарова. – М.: Прогресс, 1987. – 464с.

138. Яктоӣ М. Навпардозӣ дар нақди шеър ва сухансанҷӣ. – Теҳрон: Сухан, 1376 ҳ.ш. – 436 с.

139. Якубинский Л.П. О звуках стихотворного языка. – Поэтика. – Пг., 1919. – С. 170 -175.

МУНДАРИҶА

Низом Қосим. Тадќиќе амиќ дар дониши шеър..
Пешгуфтори муаллиф..
Шеър, илҳом ва дониш..
Донишу маърифат шӯри шеърӣ ҳам дорад..
Фарз пулест миёни шеър ва дониш
Тасвир ва тасаввур дар шеър
Шеър ва воқеият..
Маъниофаринӣ ва такаллуф..
Гузиниш..
Вазни шеър...
Эҳсоси вазну оҳанг сириштист..
Шеъри нав (арӯзи нав)..
Мусиқӣ ва вазни шеър...
Низоми табиӣ дар шеър..
Шеъри сафед..
Шеъри матбӯъ...
Қофия ва мақоми он..
Мақоми радиф дар шеър..
Шеър ва шиор..
Шеъри мушаххас (конкрет)..
Кашфи шеър..
Ҳувияти адабӣ..
Хулоса...
Адабиёт...

Пушти ҷилд